ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 891.55.32

ББК: 83(5Ид)

Л – 27

ЛАТИФОВ АЛИХОН ДАВЛАТОВИЧ

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология,
профессор Раҷабов Ҳабибулло

Душанбе – 2022

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....3-6
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....7-11
БОБИ I. МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ – НАМОЯНДАИ НАСЛИ АДИБОНИ ДАВРАИ ОЗОДИИ ҲИНДУСТОН.....12-42
1.1. Зиндагиномаи Меҳруннисо Парвиз.....12-23
1.2 . Меҳруннисо Парвиз ва танқиди адабӣ.....23-30
1.3. Осори Меҳруннисо Парвиз.....30-34
1.4. Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва иҷтимоии Меҳруннисо Парвиз.....34-42
БОБИ II. ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ.....43-97
2. 1. Бозтоби ҷойгоҳи занон дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз.....45-86
2.2. Бозтоби пайвандҳои хонаводагӣ.....86-97
БОБИ III. ҲУНАРИ ҲИКОЯНАВИСИИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ (МАСОИЛИ ЗЕБОШИНОХТӢ).....98-142
3.1. Таҳлили ҳикояҳо ва ҷанбаҳои сабкии онҳо.....102-132
3.2 Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз.....132-142
ХУЛОСА.....143-145
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..146
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....147-160
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....161-162

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Таърихи муосири Ҳиндустон рухдодҳои зиёдеро пушти сар ниҳодааст, ки нақши ҳар кадоме дар инкишофу пешрафти ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангии кишвар ниҳоят барҷаста аст. Вале бо шумори андешаву назари аксари донишмандону муҳаққиқони риштаи таърих ва таърихи адабиёт муҳимтарин падидаи сарнавиштсоз дар таърихи сиёсии кишвар пирӯзии ҷунбишҳои истиқлолталабоне буд, ки оқибат дар соли 1947 ба соҳибистиқлол гаштани Ҳиндустон ва озодии мардуми ранҷкашидаи кишвар аз истеъмори 200-солаи бегонагон анҷомид.

Дастёбӣ ба озодӣ, расидан ба марзи истиқлол заминаву муқаддамоти муайян ва тай намудани роҳи тӯлониро тақозо менамуд. Дар амалӣ гардидани ин ҳадафи нақиб ҳама мардуми кишвар саҳм доштанд. Ба андешаи мо, зимни тарҳи ин мавзуъ лозим аст ба нақшу ҷойгоҳи ду омили корсоз забону адабиёт таваҷҷуҳи махсус дода шавад.

Воқеияти собитшудаи таърихи башарӣ аст, ки дар имтидоди замон дар даврахои ҳассосу тақдирсози ҳар кишвар ин ду омил, яъне забону адабиёт нақши муҳимме дар фароҳамсозии иттифоқу ваҳдат, ягонагиву якпорчагӣ бозидаанд. Беҳуда нест, ки дар тӯли замон бузургмардоне мисли Бҳаратенду Ҳаришчандра, Маҳавирпрасад Двиведӣ ҷунбишеро зери унвони «Ҳаракати ҳиндӣ» поягузорӣ намуданд, ки онро метавон яке аз заминаҳои маассир дар истиқлоли забон амри соҳибихтиёрӣ донист.

Истиқлолият маҷрои умумии ҳаёти кишварро дар тамоми риштаҳо, аз ҷумла адабиёт дигаргун кард ва даврони истиқлол адабиёти хосси худро офарид. Насли тозае аз адибону нависандагон қадам ба марзи адабиёт ниҳоданд, ки дорои диду биниши тоза, ҷаҳоншинохтиву ҷаҳоннигарии дигаргуна буданд.

Барҷастатарин хидмати насли истиқлол иборат аз он буд, ки онҳо тавонистанд бо истеъдоду нубуғи худ, бо офаридани осори дархӯри асри хеш, роҳро барои насли баъдӣ, насли сеюми адабиёти ҳиндӣ ҳамвор намуданд. Қобили қайд аст, ки маъмултарин навъҳои адабӣ дар ҷомеаи адабии Ҳиндустон осори

мансур, аз ҷумла роману ҳикоя (новелла) буданд, ки дар тӯли беш аз сад сол масири шоистаи шаклпазириву камолро тай намуданд. Дар ин диссертатсия қарор аст, паҳлуҳои мухталифи масоили иҷтимоии ҳикояҳои яке аз намояндагони адабиёти муосири ҳиндӣ, ҳикоянависи соҳибистеъдод Меҳруннисо Парвиз мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирад.

Зарурати ин амр дар он зоҳир мешавад, ки осори номбурда, ки фарогири беш аз ҳафдаҳ маҷмуаи ҳикоя аст ва то ба имрӯз мавриди таҳқиқу арзёбии амиқ васеъ қарор нагирифтааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик низ то ба имрӯз ба ҷуз ишораҳои ҷузъӣ дар бархе аз таълифоти ҳиндшиносон рисолаи алоҳидае таълиф нашудааст.

Нуктаи дигаре, ки метавонад нишони мубрамияти интихоби мавзуз бошад, диду вусъати назар ва ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвиз дар тарҳу бозтоби бадеӣ-адабии мазоҳири зиндагӣ, воқеияти айнӣ, симои ҷомеаи имрузӣ аст. Сабку шеваи нигориши вай аз дигар нависандагони ҳамнаслаш комилан мутафовит аст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Меҳруннисо Парвиз бо вуҷуди соҳиби осори калонҳаҷм, роману повестҳо будан, дар паҳнои адабиёти муосир маҳз бо эҷоди ҳикояҳояш шинохту маҳбуият пайдо намудааст. Ҳикоя ҳамчун жанри куҳану маъмули адабиёти ҷаҳон дар адабиёти ҳар кишвар фарогири хусусиятҳои хос аст. Дар таърихи адабиёти Ҳинд низ ҳикоя давраҳои муайяни рушду камолро гузаронидааст. Дар такомулу пешрафти ин жанр нависандагони ҳама давру замонҳо саҳм гирифтаанд. Аслан тарҳу бозтоби масоили зиндагӣ дар чаҳорчӯби ҳикоя кори душворест, аз ин рӯ бо эҷоди ҳикоя ба марзи шуҳрат расидан худ аз вуҷуди истеъдоду ҳунар ва камоли нависандагӣ шаҳодат медиҳад. Қобили зикр аст, ки перомуни зиндагиву эҷод, ҳунару истеъдод ва шеваҳои эҷодгарии Меҳруннисо Парвиз чанд тане аз олимону адабиётшиносон таҳқиқ намуда, ба ҷанбаҳои услубиву поэтикаи ҳикояҳои вай ишорат намудаанд.

Минӣ Самуел аз муҳаққиқонест, ки дар мақолаи муфассали худ зери унвони «Меҳруннисо Парвиз – як сайри адабӣ» ба муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти эҷодии

нависанда таъкид менамояд. Мавсуф ба ин назар аст, ки Меҳруннисо Парвиз аз зумраи ҳикоянависони солҳои 60-уми асри ХХ аст, ки муҳити эҷодии хешро бар асоси мафҳумҳое мисли «ҳақиқати озмудашуда», «иззату обрӯ» ва «шахсияти мунҳасир ба фард» бунёд сохтаанд.

Муҳаққиқ зимни баёни даврахои зиндагии эҷодии нависанда ба бинишу вусъати назар, шеваҳои ҷаҳоншинохтӣ ва ҳунару истеъдоди вай дар тасвири воқеияти айнӣ, шебу фарози ҷомеа ва пайванди амиқи ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба замону иҷтимоаш таъкид меварзад. Ба ақидаи ӯ шинохту дарки масоили хурду бузурги ҷомеа аст, ки маҳорату зеҳнияти ҳар нависандаеро камол мебахшад ва барои вай ҷойгоҳ таъин месозад.

Мавзуи дигаре, ки дар мақолаи донишманди мазкур ҷалби назар менамояд, таҳлилу арзёбии мавзуъ ва дарунмояҳои ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз аст. Зикр шуда, ки таърихи адабиёти муосири Ҳинд камтар нависандаеро медонад, ки бо ин вусъату домана воқеияти ҷомеаи муосирро бо тамому дарду ранҷҳояш, мушкилоту печидагиҳояш мунъакис сохта бошад.

Муҳаққиқон Зоҳида Ҷабин ва Зуҳро Афзал дар рисолаи хеш бо номи «Меҳруннисо Парвиз ва олами ҳикояҳои ӯ» ба бисёре аз хусусиятҳои хосси ҳикояҳо ва шохисҳои сабкии онҳо ишора намудаанд. Эшон бо зикри ин, ки Меҳруннисо Парвиз миёни занҳои ҳикоянависи солҳои 60 - ум мавқеи устувор дорад, ба ҷанбаи дифоии ӯ аз занон таъкид варзидаанд.

Ба навиштаи олимони мазкур паёми аслии нависанда дар ҳикояҳояш тасвири воқеияти сангину гарони зани мазлуми ҳиндӣ, беҳуқуқии он чи дар шаҳру чи дар деҳот ва ҳамзамон дар ниҳоди онҳо барангехтани эҳсоси пойдориву муборизa, талаби ҳуқуқи ростин аст. Дар асари мазкур ҷиҳатҳои услубии ҳикояҳо, аз ҷумла ҷанбаи ривоятӣ, ёддоштӣ, мукотибот доштани онҳо хотирнишон гардидааст. Ҳикояҳои «Ҳақи қатра», «Шинохти хеш», «Муборизa» гувоҳи ин матлабанд [13, 142].

Муҳаққиқ Шрадҳа Чандракар бошад ҳикояҳои Меҳруннисо Парвизро аз нигоҳи мавзуъ ва муҳтаво мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба қавли мавсуф

аксари ҳикояҳои нависанда мисли «Шаби аввали сол», «Қабри панҷум», «Оҳуи ҷангалӣ», ҷанбаи нерӯманди реалистӣ доранд. Нависанда ҳамчунин ба психология ва ҳолати равонии қаҳрамонон таваҷҷуҳи хосса дорад.

Муҳаққиқ Каминӣ Сенварҳа дар матлабе, ки перомуни шахсияту вижагиҳои эҷодии Меҳруннисо Парвиз таълиф намуда, ба шеваи ҳикояофаринии ӯ арзиши босазо қоил мешавад ва психологизму бозтоби муборизаи занро сиришту руҳи ҳикояҳои ӯ мешуморад.

«Тафаккури зани муосири ҳиндӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» пажӯҳиши дигаре аз адабиётшинос П. Р. Ниту мебошад, ки ҷанбаи нерӯманди таҳлилӣ дорад. Номбурда нависандаро дар паҳнои адабиёти муосир дурахшонтарин чеҳра мехонад ва қайд мекунад, ки мазкур дар тасвиру инъикоси образи занон махсусан занони табақаи миёна ва ҳолату фазои психологии он маҳорати чашмгир дорад.

Дар бораи ҷанбаҳои гуногуни ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз пажӯҳандагон Снеҳ Моҳаниш, Сукеша Дубе низ изҳори назар намудаанд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки худи нависанда дар мақолае таҳти унвони «Ману эҷоди ман» масири эҷодии хешро аз оғоз то кунун ба таври мухтасар баён намудааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик атрофи вижагиҳои ҳунарӣ ва эҷодии нависанда таҳқиқи комиле нашудааст. Танҳо нӯҳ мақолаи диссертант дар пайванд бо ҳаёту фаъолият ва ҷанбаҳои гуногуни таълифоти ӯ дар маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расидааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Ҳикояи ҳиндӣ аз нимаи дуюми асри XX ба баъд давраҳои муҳимми такомулу пешрафтро дар заминаҳои гуногун махсусан таъсирпазирӣ аз мактабҳои адабӣ сипарӣ намудааст.

Яке аз нависандагоне, ки дар камолу боландагии насри ҳиндӣ ва махсусан жанри ҳикоя саҳми барҷаста дошта, Меҳруннисо Парвиз мебошад. Бо назардошти он, ки эҷодиёти ӯ ба таври лозим таҳқиқ нашудааст, қарор додем, ки дар чаҳорчӯби рисолаи алоҳида масири эҷодӣ ва ҷанбаҳои ҳунариву вижагиҳои сабкии ҳикояҳои ӯро баррасиву арзёбӣ намоем.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба мақсади дар диссертатсия гузошташуда иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо мешаванд:

- тавсифу барқарорсозии зиндагиномаи илмии Меҳруннисо Парвиз бар асоси осори мавҷуди таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф;
- таҳлилу арзёбии дидгоҳҳои мунаққидону донишмандон дар атрофи таълифоти Меҳруннисо Парвиз;
- таҳқиқу баррасии ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвиз;
- баёни замонии осори Меҳруннисо Парвиз ва таҳлили мухтасари маҷмуаҳо;
- баррасии фаъолияти иҷтимоӣ ва рӯзноманигории нависанда;
- таъйини мавқеи ҳикояҳо дар эҷодиёти нависанда;
- баррасии хусусиятҳои ғоявӣ-мавзуӣ ва услубии ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз;
- таҳлили ҳикояҳои нависанда бар асоси назарияҳои адабӣ;
- таъйини мақоми Меҳруннисо Парвиз дар таърихи адабиёти муосир;

Объекти таҳқиқ инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз аст.

Предмети таҳқиқ баррасии зиндагинома, фаъолияти эҷодӣ, хусусиятҳои мавзуию ғоявӣ ва жанрию ҳунарии ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мебошад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Асосу бунёди методологиву назарии рисоларо пажӯҳишҳои олимони маъруфи рус В. М. Жирмунский, В. В. Виноградов, М. М.

Бахтин, М. Б. Храпченко, Ю. М. Лотман, В. В. Томашевский, муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ Минӣ Самуел, Шраддҳа Чандракҳар, Каминӣ Сенварҳа, Сукеш Дубе, Хоҷа Аҳмад Ансорӣ, Челишев Е. П. ва Ҳабибулло Рачабов ташкил медиҳад.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Диссертатсия ба методи таърихӣ-филологӣ ва усули таҳқиқи қиёсӣ-таърихии падидаҳои адабӣ асос ёфтааст. Дар рисола ҳамчунин ақидаҳои назарии олимони адабиётшиноси тоҷик Ҳ. Шарифзода, М. Шакурӣ, А. Раҳмонзода, А. Абдуманнонов, А. Кӯчарзода, А. Набавӣ, Ш. Солеҳов истифода шудаанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ҳангоми таълифу тадвини диссертатсия ба маҷмуаҳои зерини нависанда, ба мисли «Офтоби болои шохчаҳо» («Таҳниён пар дҳуп», 1977), «Самар» («Самар», 1999), «Ҳикояҳои Бастари ман» («Мери Бастар ки кҳаниян», 2006), «Садбарги сурх» («Лал гулаб», 2006), «Боз як селоб» («Эк аур селаб»,1990), «Ҳикояҳои писанди мардуми Меҳруннисо Парвиз» («Мерунниса Парвез ки локприя каҳаниян», 2017) такя намуда, ҳамзамон, таълифоти адабӣ, илмӣ, назариявии марбут ба адабиётшиносони ҳиндӣ ва осори дигар нависандагон истифода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётштносии тоҷик бори аввал, ки зиндагиномаи нависандаи номдор Меҳруннисо Парвиз тадвину мураттаб гардида, китобу маҷмуаҳои нашршудаи ӯ ба таври хронологӣ тавсиф мешавад. Хусусиятҳои мавзуӣ, идеавӣ ва услубии ҳикояҳои нависанда ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Нимаи дуюми қарни ХХ дар Ҳиндустон бо дастёбӣ ба истиқлолу озодӣ даврони тозае дар таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии кишвар оғоз гардид. Истиқлолият адабиёти махсуси худро ба майдон овард. Меҳруннисо Парвиз дар солҳои 60 - уми садаи ХХ бо ҳикоянависӣ ва фаъолияти нависандагии худ оғоз намуд.

2. Насли давраи истиқлол, аз ҷумла таълифоти Меҳруннисо Парвиз бо вусъати назар, ҷаҳони андеша ва биниши тозаву густурда шароити лозимаро барои камолу пешрафти адабиёт фароҳам сохтанд.

3. Нақши нақди адабӣ дар пешрафту камоли нависандагӣ-ҳунарии Меҳруннисо Парвиз ва ба марзи шуҳрат расидани ӯ ҳамчун ҳикоянавис ниҳот арзишманд аст. Аксари мунаққидон зимни ёддоварӣ аз муҳити хонаводагӣ ва таъсири он дар тарбияти эҷодии Меҳруннисо Парвиз ба истеъдоду ҳунари хоссу зеҳнияти мунҳасир ба фарди ӯ дар шинохти тарҳу эҷоди мавзуъҳои мавриди назар, шинохту маърифати ҷомеа ва масоили хурду бузурги он ишорат намудаанд.

4. Нақши Меҳруннисо Парвиз дар ҷомеаи адабӣ-фарҳангии замонаш бо фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва шуғли рӯзноманигориаш равшантар мегардад. Рӯзнома ва маҷалот ягона минбаре буда, ки боиси вусъату густариши паёми нависанда гаштааст.

Махсусан маҷаллаи «Самараи Самар» / «Самар лок», ки худ сармуҳарририи онро ба дӯш дошт. Ин маҷаллаи бонуфузи адабӣ-иҷтимоӣ дар таблиғи ривоҷи мавзуъҳои гуногуни зиндагии иҷтимоӣ, нашри осори адибони гуногунзабони кишвар, тарҷума ва нашри адабиёти ҳиндӣ, нақду баррасии масоили адабиётшиносӣ, чопи осори нависандагони ҷавон нақши корсоз доштааст.

5. Иҷтимоъ ва масоили печидаи он яке аз мавзуъҳои асосии Меҳруннисо Парвиз мебошад. Меҳруннисо Парвиз дар миёни зиндагии эҷодии хеш ҳамвора мушоҳиду назорагари масоили иҷтимоӣ, махсусан зану ҷойгоҳи он дар конуни ҳастӣ будааст. Мавзуи дигари калидӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз таъсири фазову муҳити хонаводагӣ дар камолу инкишофи ҷаҳонбинии фарзанд, бархӯрди онҳо ба мушкилоти хонавода аст.

6. Жанри ҳикоя, то расидан ба қаламрави камолу пухтагӣ масири тӯлониеро паймудааст. Вобаста ба ин дар адабиётшиносии имрӯз масъалаи муҳимму арзишманд бархӯрди муҳаққиқона ба осори нависандагонест, ки дар рушду камоли ин жанри куҳан ба шуҳрат расидаанд.

7. Шинохти комили осори бадеӣ, аз ҷумла ҳикоя ба дарку фарогирии ҷанбаҳои зебошинохтии он мисли образҳо, ороишҳои бадеӣ, шеваҳои ҳунарӣ ва тавсифу қиёсу низоми гурӯҳбандии онҳо муяссар намегардад. Бояд таъкид шавад, ки дар пайванд ба таҳлили воқеият ҳузури нависанда дар фазои умумии ҳикоя қобили баррасист. Дар раванди эҷодгарӣ нависанда ҳузури пинҳону ошкор дорад. Ҳарчанд ӯ офарандаи асар аст, вале созандагии ӯ дар мавқеияти ӯ дар фазои сохтории асар қобили мулоҳиза аст.

Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои камшинохтаи марбут ба ҳаёт ба фаъолият нависанда Меҳруннисо Парвиз равшанӣ андохта, дар омӯзиши ҷомеи ҳикояҳои ӯ маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқ дар омӯзишу арзёбии давраҳои зуҳуру ташаккули ҳикояи ҳиндӣ баъди ба даст овардани истиқлол, таҳаввулоти падидомада дар мавзуъ, муҳтавову мундариҷаи ҳикоя дар нимаи дуюми асри XX судманд хоҳад буд. Ҳамчунин аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истифода намуд.

Аз маводи пешниҳодӣ ҳамчунин ҳангоми тадвину таҳлили дастурҳои методӣ, воситаҳои таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ метавон истифода кард. Ҳамчунин аз маводи диссертатсия ҳангоми мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти муосир, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзуъҳои адабиёти муосири ҳиндӣ, назария ва амалияи наср дар факултетҳои равияи филологидоштаи мактабҳои олӣ истифода намуд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ таҳрезӣ шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар мисоли ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи масоили иҷтимоӣ машғул шуда, рӯзгору осор, ҳунари эҷодӣ, сабку нигориши бадеии осори адибаро баррасӣ намудааст. Дар диссерртатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраи филологияи Ҳинд, кафедраи филологияи Эрон ва кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҳикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст (суратҷаласаи № 2 аз 12.09.2020). Ҳамзамон, нукоти муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои омӯзгорони ДМТ (2010-2019) дар шакли гузориш баён шудаанд.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар 8 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ифодаи худро ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 162 саҳифаро дар бар мегирад.

БОБИ I. МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ – НАМОЯНДАИ НАСЛИ АДИБОНИ ДАВРАИ ОЗОДИИ ҲИНДУСТОН

1.1. Зиндагиномаи Меҳруннисо Парвиз

Омӯзишу таҳқиқи падидаву воқеаҳои таърихӣ гувоҳ бар он аст, ки дар таърихи ҳар халқу миллате давраҳое мавҷуданд, ки барои мардуми он пурбору тақдирсоз ба шумор мераванд.

Барои мардуми Ҳиндустон нимаи аввали солҳои 60-уми асри ХХ оғози чунин давроне маҳсуб мешавад. Дар имтидоди даврони мазкур дар тамоми соҳаҳои ҷомеаи сернуфузи Ҳиндустон як ҷунбиши тозаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ оғоз гардид, ки он ба тоза озод шудани Ҳиндустон сахт алоқаманд буд.

Адабиёт низ аз ин ҳаракати дигаргунсоз дар канор намонд. Дар давоми ин солҳо насли наве аз нависандагону адибон ба майдони фарохи адабиёт гом ниҳоданд. Насле, ки бо вусъати назар, ҷаҳонбинии пурҷониба ва диду биниши тоза шароити лозимаро барои рушду инкишофи адабиёт фароҳам сохт. Аксари намояндагони насли нав дар муддати хеле кутоҳ бо эҷоди асарҳои тозаи худ шуҳрату маҳбубият ёфтанд ва дар ҷомеаи адабӣ ҷойгоҳи хос пайдо намуданд.

Аз миёни адибони таъсиргузор метавон аз Меҳруниссо Парвиз ном бурд, ки дар адабиёти имрӯзаи ҳиндӣ ӯро ҳамчун нависандаи боистеъдод эътироф намудаанд. Номбурда дар адабиёти муосири ҳиндӣ дар радифи чунин адибони маъруф ба мисли Камлешвар, Рачендра Ядав, Манну Бҳандарӣ, Нирмал Варма ва мисли инҳо қарор дорад. Меҳруннисо Парвиз муаллифи 17 мачмуаи ҳикояҳо ва 6 роман аст. Бояд зикр кард, ки ворид шудани ӯ ба арсаи адабиёт осон набуд. Вақте ки ӯро дар синни 15-солагӣ ба шавҳар доданд, ин боиси муваққатан дур мондани ӯ аз таҳсил гардид. Он вақт ӯ хонандаи синфи 9-ум буд. Дертар ӯ таҳсилро дар синфҳои 10 ва 11 дар Коллеҷи занонаи Лакшмӣ Байи шаҳри Ҷагадалапур ба охир расонд. Баъдтар, ғоибона ва мустақилона курси бакалаври илмҳои гуманитариро аз худ мекунад.

Зоҳида Ҷабин, ки яке аз муҳаққиқони зиндагӣ ва корномаи эҷоди нависанда маҳсуб мешавад, роҷеъ ба зиндагинома ва маълумотҳои фардии мансуб ба ӯ

андешаҳои ҷолиберо баён кардааст. Меҳруннисо ном гирифтани ӯ низ таърихе дорад. Ин муҳаққиқ зикр кардааст, ки вай 10-уми сентябри соли 1944 дар деҳаи Баҳелаи ноҳияи Балагҳати музофоти Мадҳя Прадеши Ҳиндустон болои аробае, ки падару модараш ба он дар сафар буданд, ба дунё омадааст. Баъди ба деҳа овардани ӯ ба гуфтаи модараш мувофиқи анъанаи мардуми мусалмон як мулло кӯдакро ба бағалаш гирифта, ба гӯшаш азон мехонад ва мегӯянд, ки дар таърих омадааст, ки як маликаи бузург бо номи Нурҷаҳон низ дар чунин ҳолат ба дунё омада буд. Номи аслии ӯ Меҳруннисо будааст. Ба ҳамин хотир номи ин духтари навзодро ҳамон мулло Меҳруннисо мегузорад [13, 6].

Меҳруннисоро 30 - юми октябри соли 1959 ба Рауф Парвиз ном ҷавоне ба шавҳар медиҳанд ва аз ҳамон вақт номаш Меҳруннисо Парвиз мешавад, вале ин духтари 15 – сола ҳанӯз барои зиндагии хонаводагӣ омода набуд. Рауф Парвиз шахси диндор ва ниҳоят куҳнапараст буд. Ба хотири ҳамин куҳнапарастӣ муносибати зану шавҳар он қадар гарм набудааст. Соли 1970 онҳо соҳиби як писар мешаванд, ки онро Салим ном медиҳанд. Муносибати сарди оиладорӣ соли 1977 Меҳруннисо ва Рауф Парвизро аз ҳам ҷудо мекунад. Адиба бори дуюм 18-уми декабри соли 1978 бо Бҳагиратҳ Прасад - аъзои Академияи улуми Ҳиндустон оила бунёд мекунад. Мушкилоти зиндагии Меҳруннисо Парвиз ва Бҳагиратҳ Прасад якранг буд. Онҳо соҳиби ду фарзанд шуданд. Духтараш Симала соли 1980 ва писараш Самар соли 1982 ба дунё омаданд. Фарзанди калониашон Салим Парвиз дар назди падараш Рауф Парвиз зиндагӣ мекунад. Ба Салим баъди 12 сол муяссар шудааст, ки модарашро бинад. Дар ин хусус адиба худ чунин менависад: «Ман бо Салим баъди 12 сол вохӯрдам. Ин ҳам вақте рух дод, ки ӯ худаш ба дидани ман омад» [13, 6].

Муҳаққиқон Зоҳида Ҷабин ва Зуҳра Афзал санаи бори дуюм оила барпо намудани Меҳруннисо Парвизро 18-уми декабри соли 1978 дарҷ намудаанд, вале муҳаққиқи дигари адабиёти ҳиндӣ доктор Минӣ Самуел санаи дубора ба шавҳар баромадани ӯро 1979 қайд намудааст, ки ба фикри мо ин дақиқтар мебошад. Зимни мулоқот нависанда як даста маводеро доир ба зиндагӣ ва рӯзгораш дар

ихтиёри мо гузошт, ки яке аз онҳо таҳқиқи Зоҳида Ҷабин ва Зуҳра Афзал буд. Меҳруннисо дар китоби мазкур зимни бозхонӣ бо дасти худ соли дубора хонадор шуданашро аз 1978 ба 1979 ислоҳ намудааст. Ин собит месозад, ки навиштаи пажӯҳишгар Минӣ Самуел ҷавобгӯи ҳақиқат аст.

Бо назардошти ин ки зимни таҳқиқи ҳаёту фаъолияти адибон ва умуман ашхоси маъруф таҳлилу арзёбии ҳама ҷузъиёт аз фоида холӣ нест, барои ҳамин як нуктаи мутазодеро нисбат ба ҳаёти шахсияти Меҳруннисо гуфтанро раво донистем. Мавзуъ ба санаи аз шавҳари аввалаш ҷудо шудани адиба тааллуқ дорад. Ҳамон тавре, дар боло оварда будем, санаи талоқ гирифтанашро аз шавҳари аввалаш Зоҳида Ҷабин ва Зуҳра Афзал соли 1977 зикр намудаанд, вале боз хилофи онҳо Минӣ Самуел он санаро 1976 нишон додааст: «Соли 1970 бо тавлид шудани писараш Салим ин доғи ӯ бартараф шуд. Лекин ақидаҳои гуногунашон соли 1976 онҳоро, яъне Меҳруннисо ва Парвизро аз ҳам ҷудо кард» [20, 44].

Минӣ Самуел дар мақолае таҳти унвони «Меҳруннисо Парвиз – як сайри адабӣ» дар мавриди ин масъала чунин изҳори ақида намудааст: «Меҳруннисо Парвиз қабл аз он ки ба синни никоҳӣ бирасад, вориди зиндагии мустақилона гашт. Маҳфили арӯсиаш 30 - юми октябри 1959 (дар понздаҳсолагӣ) бо марди понздаҳ–бист сол бузургтар аз худаш, яъне бо ҷаноби Рауф Парвиз барпо гардид» [20, 45].

Нависанда бо шавҳари дуюмаш дар фазои озоди эҷодӣ қарор дошта, хушҳолона умр ба сар мебурд. Вале марги нобаҳангоми писараш Самар Прасад, ки 28-уми августи 1998 рух дод, маҷрои зиндагии ӯро дигаргун сохт. Нависанда як муддате аз кори эҷодӣ канора гирифт. Мутаассифона, гӯшанишинӣ дарду ғамашро на кам, балки афзунтар сохт. Пас аз фикру андешаи зиёд салоҳи корро дар он дид, ки боз ба арсаи эҷод баргардад. Танҳо халлоқияту офарандагӣ ягона неруе буд, ки метавонист, ки сояи ғаму андӯҳро бо нуру зиёи худ пароканда созад. Инро метавон зимни мутолиаи ҳикояҳои «Самар» ва «Садбарги сурх» («Лал гулаб») дарк карда, аз дарди дили модари ғамнок огоҳ шуд. Меҳруннисо дар дебочаи маҷмуаи ҳикояҳои «Самар» бо сӯзу гудоз менигорад: «Набард! Набарди

ҳаёти мо! Дар асл маҳз номи дигари зиндагӣ ин набард аст. Дар ҳар лаҳзаву гардиши ҳаёт набард бо мо мебошад. Мо пайваста бо он мухолифат мекунем, меҷангем, гоҳе мебозему гоҳе ғолиб меоем. Гоҳе ашк мерезем ва гоҳе механдем. Ба ғамҳои дошта мегирйем ва ба баъзе ғаму андӯҳи калон танҳо табассуме мекунему бас, ки шояд номаш маҳз ҳамин зиндагӣ бошад. Бо вуҷуди ин ҳама неруи зиндагӣ аз набард аст. Агар набард набошад, зиндагӣ сукут хоҳад кард, ҳама василаи он сукут мекунад, чашмаи қалбҳои мо мегандад, мехушкад. Аз ин рӯ, барои таҳрику пешрафт пайваста набард мебояд. Набард худ ҳеҷ гоҳ намемирад, вай моро қувват медиҳад. Набардро ҳеҷ гоҳ куштан лозим нест. Набояд он бимирад. Аз зиндагӣ агар набард рафт, пас боқӣ дар зиндагӣ чӣ хоҳад монд?» [39, 7].

Адиба дар маҷмуаи номбурда бо алам ишора кардааст: «Ба хотираи рӯҳи шоди писари зиндаёдам Самар Прасад, ки танҳо ҳабдаҳ баҳори зиндагиро дид» [39, 5].

Калимаи «самар» баргирифта аз санскрит аст ва дар забони тоҷикӣ маънои калимаҳои «набард, ҷанг ва муҳориба»-ро медиҳад. Ба ҳамин хотир, Меҳруннисо номи писарашро ба зиндагӣ монанд карда, фавтидани фарзандашро шикаст дар набарди зиндагӣ медонад. Лекин дар асл номи писараш Самар ин калимаи арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ маънои «мева, бор»-ро медиҳад.

Тавре ки дар боло зикр намудем Меҳруннисо аз шавҳари дуюмаш Бҳагиратҳ Прасад, ки ҳиндумазҳаб мебошад, соҳиби ду фарзанд – як писару як духтар мегардад. Писараш Самар ва духтараш Симила ном доранд, ки номҳои ҳар дуи онҳо мусалмонӣ мебошад. Вале дар баробари ин дар муҳити хонавода боз бо номҳои ҳиндуӣ ба онҳо муроҷиат мекунанд. Ин нуктаро мо метавонем аз дебочаи маҷаллаи «Пунашча, № 14-2014» («Замима»), ки ба қалами сардабири он Динеш Двиведӣ тааллуқ дорад, мушоҳида кард: «Соати даҳуними шаб шуда буд. Дар ин миён ба бачаҳо Ҳаёпӣ (Симала) ва Шанӯ (Самар) ҳамин тавр гуфта манро шиносонд – «Бачаҳо…. Ба тағоятон Динеш салом кунед» [20, 5].

Шумораи махсуси мақаллаи мазкур ба шахсияту фаъолияти эҷодии Меҳруннисо бахшида шудааст, аз ин рӯ, дар пешгуфтори он сухан пурра дар бораи адиба меравад ва он пешгуфтор «Меҳрунниса Парвез урф Меҳр Базӣ» («Меҳр Базӣ тахаллуси Меҳруннисо Парвиз») унвон гирифтааст.

Албатта, ин гуна номгузории фарзандон ҳам мусулмонӣ ва ҳиндуӣ аз эҳтирому қадргузорӣ ба дину мазҳаб ва қавму нажоди якдигарашон дарак медиҳад. Ҳамин буд, ки пас аз даргузаштани фарзандаш Самар ӯро аз рӯйи расму ойини ҳиндуӣ не, балки аз рӯйи расму русуми дини ислом, ба хотири модараш Меҳруннисо ба хок супурданд. Ӯро насӯзонда дар қабристон дафн карданд.

Агар мо ба номи худи адиба таваҷҷуҳ намоем, ӯ насабашро аз номи шавҳари аввалаш Рауф Парвиз гирифтааст. Пас маълум мешавад, ӯ пас аз ба шавҳар баромадан ба насаби шавҳараш гузаштааст. Лекин ҳангоми дубора бо Бҳагиратҳ Прасад издивоҷ кардан, Меҳруннисо аз насаби шавҳари аввалаш даст накашида бо ҳамон дар ҷомеа маъруф аст. Ҳол он ки Меҳруннисо Парвиз метавонист пас аз талоқ гирифтан аз шавҳари мусалмонаш насаби худро иваз намояд, аммо тавре маълум мегардад, ӯ дар зиндагӣ на аз худи шавҳараш, балки аз раванди зиндагонӣ дар оилаи онҳо норозӣ будааст.

Падари Меҳруннисо Парвиз Абдул Ҳамид Хон ном дошта, соли 1981 аз олам чашм мепӯшад. Модараш бошад, Шаҳзодабегим аз насли сулолаи муғулҳои бузург будааст ва соли 1983 аз олам чашм пӯшидааст.

Баъдҳо нақши кори эҷодиро дар беҳбудии саломатии равонӣ ва маҳвсозии абрҳои ғаму дарди хеш мушоҳида мекунад. Меҳруннисо дар пешгуфтори романаш «Посанг» ба саҳму таъсири сухан ва неруи инсонсози он таъкид кардааст: «Дарду ғами писари ҷавонам қариб, ки маро ба нестӣ бурд. Дар он рӯзҳои маъюсию дилтангӣ танҳо як чиз ба ман барои худро ба даст гирифтан ёрӣ расонд ин кори эҷодӣ буд. Ҳамаи ин тӯдаи калимот маро аз ғарқ шудан раҳо доданд. Ин кемакҳои хурд-хурд ба ман қувваю илҳом бахшиданд. Ба болу парҳои захмию дардноки ман дубора нерӯи парвоз бахшиданд. Ман сирру асрори сухан

ва ҳикмату сеҳрангезии онро аз зидагии хеш донистану пай бурдан мехоҳам ва наслҳои ҷавону навини мо низ бояд донанд» [37, 3].

Меҳруннисо дар пешрафту рушди ҷомеаи ҳиндӣ бо офаридаҳои худ хидматҳои назаррас кардааст. Ҳамин маҳорату истеъдоди эҷодии ӯро ба назар гирифта адабиётшиноси муосири ҳиндӣ доктор Минӣ П. ӯро дар адабиёти солҳои 60-70-уми ҳиндӣ ба қатори беҳтарин ва намоёнтарин зан - ҳикоянависони машҳур шомил намудааст [28, 56].

Меҳруннисо яке аз занҳои мусалмони эҷодкори Ҳиндустон мебошад, ки дар адабиёти ҳиндӣ офаридаҳои гаронбаҳо дошта, бо вуҷуди мусулмон буданаш ба адабиёту забони ҳиндӣ аз хурдӣ завқу таваҷҷуҳи беандоза доштааст: «Бо вуҷуди дар оилаи мусалмони сахт муътақид ба дунё омадан низ, ӯ калимоти адабиёти ҳиндиро хеле зиёд аз худ менамояд. Дар рушди забони давлатӣ – ҳиндӣ басо саҳми босазо гузоштааст» [20, 12].

Ҳангоми таҳқиқу баррасии ҳаёту фаъолияти эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз ба мо аён гашт, ки ӯ ба мисли дигар адибони маъруфи Ҳинд Рамеш Упадҳяй, Абдул Бисмиллоҳ, Удай Пракаш, Носира Шарма, Санҷив, Шивмуртӣ, Асғар Ваҷаҳат, Девендра Упадҳяй, Гянпракаш Вивак, Рагҳунандан Триведӣ, Вирендра Саксена ба насли сеюми адибони ҳиндӣ шомил гардидааст. Ин нуктаро ҳиндшиноси маъруфи тоҷик профессор Ҳабибулло Раҷабов дар асари худ бо номи «Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ» чунин ёдовар мешавад: «Ба насли сеюм адибоне шомиланд, ки ба Ҳиндустони озод тааллуқ доранд, яъне дар солҳои чилуму панҷоҳум ба дунё омадаанд ва дар давраи соҳибистиқлол будани ин мамлакат нашъунамо ёфта, асарҳо офаридаанд (Рамеш Упадҳяй, Абдул Бисмиллоҳ, Удай Пракаш, Носира Шарма, Санҷив, Шивмуртӣ, Асғар Ваҷаҳат, Девендра Упадҳяй, Гянпрекаш Вивак, Рагҳунандан Триведӣ, Вирендра Саксена, Меҳруннисо Парвиз ва дигарон)» [119, 102].

Гурӯҳбандии нависандагон ба шумори наслҳо дар адабиётшиносии ҷаҳон падидаи машҳуру маъмулӣ ба шумор меравад. Вале дар адабиёти муосири ҳинд насли севум ҳамон насле маҳсуб мешавад, ки пас аз он ки Ҳиндустон озодӣ ба

даст даровард, ба майдони адабиёт омадаанд. Беҳуда нест, ки мавзуъ ва муҳтавои осори аксари онҳо ситоишу таблиғи масоилест, ки ба таври мустақиму ғайримустақим ба озодӣ, ривоҷу равнақи давлати нав соҳибистиқлолшуда иртибот мегиранд.

Намояндагони насли сеюм дар радифи кори эҷодӣ дар зиндагии иҷтимоӣ, иҷрои барномаҳо ва нақшаҳое, ки ҳадафашон беҳбуди ҷомеа ва мардум буд, ширкати фаъол доштанд. Масалан, худ Меҳруннисо Парвиз солҳои ҳафтодуми асри гузашта роҳбарии «Барномаи рӯшди кӯдакон ва оила»-ро дар деҳаи Бастар ба уҳда дошта, соли 1977 аз тарафи деҳаи Бастар дар музофоти Мадҳия Парадеш ҳамчун аъзои Шӯрои ҳифзи иҷтимоии мардум интихоб мегардад. Ҳамчун аъзои ин Шӯро аз номи деҳаи Бастар барои таъмини ҷои кор ва дастгирии иқтисодии занони маҳалӣ низ кӯшишҳои зиёде кардааст. Бо кӯшишу талошҳои зиёд як марказе бо номи «Парваришгоҳи Рукмини Девӣ» ташкил намуда, онро чун як маркази рушди рӯзгори занон ривоҷу равнақ мебахшад.

Муҳити хонавода, ошноӣ бо китобҳои бадеӣ бо мурури замон дар ниҳоди ӯ хоҳиши навиштану эҷод карданро ба зуҳур мерасонад. Мавсуф дар ёддоштҳои тарҷумаҳолиаш шаклгирии масири эҷодии хешро чунин тавсиф намудааст: «Аввал ман ба шакли мақола навиштанро оғоз намудам, баъд ба навиштани ҳикоя пардохтам. Ман ҳикояи аввалини худро дар бораи як духтарчаи одии рустоӣ навиштам. Ҳикоя моҳи октябри соли 1963 дар маҷаллаи «Асри тиллоӣ» («Дҳармаюг») аз чоп баромад. Дар он давра ин маҷалла яке аз маҷаллаҳои номдор ба ҳисоб мерафт. Ҳикояи дувумамро дар бораи як қабристонбон навиштам. Қабристонбон ҳамеша ба хонаи мо ва дигарон ҷанозахабаркунӣ меомад. Паси дарвозаи хонаҳо истода бо овози нарм гапашро гуфта мерафт, хоҳ касе шунавад, хоҳ не. Он вақт васоити алоқаи телефонӣ набуд. Номи ин ҳикоя «Қабри панҷум» («Панчвин қабр») буд, ки октябри соли 1963 дар маҷаллаи «Ҳикояҳои нав» («Наӣ каҳаниян») чоп шуд. Муҳаррири он Камлешварҷӣ буд. Муҳаррири ҳикояи аввалинам «Оҳуи ҷангалӣ» («Ҷангалӣ ҳирнӣ») Дҳармавир Бҳаратӣ буд.

Барои навиштан ва ташаккулёбии шахсияти ман ҳеҷ гоҳ муҳити созгор насиб нагашт. Ҳамеша пинҳону дуздӣ навишта, ҳамон тавр ба чоп мефиристодам. Яъне, пас аз нашр аҳли хонавода аз он огоҳ мешуд. Ҳамон шавқу эҳсос ҳоло ҳам дар ман аст» [20, 45].

Тавре ки аз гуфтаҳои худи адиба маълум мешавад, аввалин ҳикояи ӯ ҳикояи «Оҳуи ҷангалӣ» мебошад, ки моҳи октябри соли 1963 дар маҷаллаи «Дҳармаюг», ки яке аз машҳуртарин нашрияҳои он давра буд, ба нашр расидааст. Албатта, назари бевоситаи адиба Меҳруннисо дар ин бора, ки кадоме аз ҳикояаш аввалину кадомаш дувумин мебошад, барои мо қобили пазириш аст. Вале дигар муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ дар ин маврид назари ягона доранд. Аз ҷумла, доктор Зоҳида Ҷабин ва доктор Зуҳра Афзал низ аввалин ҳикояи Меҳруннисо Парвизро «Қабри панҷум» шуморидаанд, лекин ҷойи нашри онро на дар маҷаллаи «Дҳармаюг», балки дар маҷаллаи «Ҳикояҳои нав» ишора кардаанд. Муҳаққиқони мазкур ин далелро дар китоби худ зери унвони «Меҳруннисо Парвиз ва дунёи ҳикояиҳои ӯ» чунин зикр намудаанд: «Меҳруннисо Парвиз фаъолияти эҷодии хешро аз солҳои 60-уми асри ХХ шурӯъ намудааст, ки дар он вақт ӯ 18 сол умр дошт. Октябри соли 1963 дар Деҳлӣ вай аввалин ҳикояи худро бо номи «Қабри панҷум» дар маҷаллаи «Ҳикояҳои нав», ки нависандаи маъруфи адабиёти ҳиндӣ Камлешвар сардабири он буд, аз чоп баровард. Боз моҳи октябри соли 1963 дигар ҳикояи адиба таҳти унвони «Оҳуи ҷангалӣ» дар маҷаллаи ҳафтавори «Дҳармаюг» чоп гардид, ки инро адиба дар нашри 17-уми ин маҷалла 29 - уми октябри 1989 низ зикр намудааст» [13, 7].

Дигар муҳаққиқи адабиёти муосири ҳиндӣ доктор Минӣ Самуел низ аввалин ҳикояҳои Меҳруннисо будани «Оҳуи ҷангалӣ» ва «Қабри панҷум»-ро бо соли нашрашон 1963 дар мақолаи худ дарҷ намуда, мегӯяд: «Меҳруннисо Парвиз эҷодиёти худро аз соли 1963 бо таълифи ду ҳикоя - «Оҳуи ҷангалӣ» ва «Қабри панҷум» оғоз намудааст. Равонияту маънавияти ҳар ду ҳикояи дар маҷаллаи «Дҳармаюг» чопшуда мухталиф аст. Он тарс ва ваҳме, ки нисбат ба марг дар дили адиба вуҷуд дошт, ҳикояи «Қабри панҷум»-ро тавлид сохт. Аз тарафи дигар

ҳамчун духтари ҷавон хоҳишу орзуҳои духтарона дар дили ӯ мавҷ задан гирифт. Ва ин аз забонаш берун оварду «Оҳуи ҷангалӣ» номид» [13, 46].

Тавре ки мебинем, бар хилофи гуфтаҳои худи Меҳруннисо Парвиз ва Зоҳида Ҷабину Зуҳра Афзал доктор Минӣ Самуел чопи ду ҳикояи нахустинро на дар маҷаллаҳои мухталиф, балки дар як маҷалла «Дҳармаюг» пайдо кардааст.

Пажӯҳандаи адабиёти муосири ҳиндӣ доктор Шриматӣ Вришалӣ Бҳаскар Мадҳале дар рисолаи худ «Дараҷаи инъикоси масоил дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз, (2009)» доир ба давраи аввали ҳаёти эҷодии адиба гуфта гузашта, назари Меҳруннисо Парвизро, ки «Оҳуи ҷангалӣ»-ро аввалин ҳикояи навиштаи худ гуфтааст, ҷонибдорӣ намуда, чунин менигорад: «Ҳаёти эҷодии Меҳруннисо Парвиз маҳз аз синни нуздаҳсолагиаш оғоз шуд. Моҳи октябри соли 1963 аввалин ҳикояи ӯ «Оҳуи ҷангалӣ» дар маҷаллаи «Дҳармаюг» нашр гардид. Баъди он ӯ якчанд роман, маҷмуаи ҳикояҳову мақолаҳо навиштааст» [44, 4].

Муҳаққиқи дигар доктор Минӣ П. танҳо дар маҷаллаи «Дҳармаюг» чоп шудани аввалин ҳикояи адибаро ёддовар шудааст: «Дар бораи оғози ҳикоянависиаш Меҳруннисо мегӯяд: – «Ман аввалин ҳикояамро навишта ба маҷаллаи «Дҳармаюг» фиристода будам, ки барои он ҳафтод рупия гирифтам ва ҳоло ҳам дар суратҳисоби бонкиам маҳфуз аст» [28, 69].

Доктор Лакшман Саҳай адабитшиноси адабиёти муосири ҳиндӣ низ бар хилофи гуфтаи адиба, ки «Оҳуи ҷангалӣ»-ро аввалин ҳикояи навиштаи худ шумурдааст, «Қабри панҷум»-ро аввалин ҳикояи Меҳруннисо шуморида, ҳикояи «Оҳуи ҷангалӣ»-ро дувумин қайд намудааст: «Меҳруннисо нуздаҳсола буд, ки аввалин ҳикояааш «Қабри панҷум» моҳи октябри соли 1963 дар маҷаллаи дар Деҳлӣ нашр мешудагӣ «Ҳикояҳои нав» аз чоп баромад. Муҳарририи ин маҷалларо ҳикоянависи машҳур Камлешвар ба ӯҳда дошт. Дигар ҳикояи аввалини адиба октябри соли 1963 бо номи «Оҳуи ҷангалӣ» дар маҷаллаи адабии ҳафтавори «Дҳармюг» чоп гардид. «Дҳармюг» дар байни маҷаллаҳои адабии миллӣ ҷойи хосро ишғол менамуд. Муҳаррири ин маҷалла эҷодкори маъруф Дҳармавир Бҳаратӣ буд» [30, 3].

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса бардошт, ки ақидаҳо дар атрофи нахустин ҳикояи Меҳруннисо Парвиз гуногунанд, ҳарчанд ки адиба намояндаи насли адабиёти муосири ҳиндӣ буда, имрӯзҳо дар пайи эҷод мебошад. Муҳаққиқи тоҷик, ҳиндшинос Ҳабибулло Раҷабов низ ҳикояи «Қабри панҷум»-ро аз нахустин ҳикояҳои адиба шумурдааст: «Аввалин ҳикояаш бо номи «Қабри панҷум» моҳи октябри соли 1963 дар маҷаллаи «Ҳикояҳои нав» («Наӣ каҳаниян») чоп шуда буд. Дере нагузашта ин ҳикоя ба панҷ забони Ҳиндустон тарҷума шуд. Зуд ба панҷ забон тарҷума шудани ягон асар худ гувоҳи арзишманд будани он мебошад» [112, 518].

Перомуни таҳсилоту ҷараёни донишомӯзии адиба иттилооти зиёде дар даст нест. Танҳо аз шумури баъзе аз андешаҳояш чунин хулоса метавон кард, ки дар зиндагӣ бештар ба омӯзиши мустақилона ва саъю талоши худ такявар будааст. Дар хусуси таҳсили худ чунин мегӯяд: «Ман ин қадар таълим гирифтаам, ки эҷод карда метавонам ва боз дар зиндагӣ он қадар таълим нагирифтаам, ки онро – хидмати арзишманди давлатӣ гӯянд» [13, 2].

Вай аз хурдӣ аз зиндагии одамони атрофу кирдори онҳо ва табиат дарс омӯхта худро ба кори эҷодӣ пардохтааст. Аз хурдӣ ба омӯзишу тадқиқот завқи беандоза дошт: «Ман аз муҳиту фазои хонавода ҳаминро омӯхта гирифтам, ки дар як мӯрчаи одӣ, дар як парранда нисбати фаслу долу дарахтон ҳам эҳсосот вуҷуд дорад–чи қадаре ки дар ботини мо» [13, 2].

Дар оилаи бофарҳангу бомаърифат ба воя расидан ва фарзанди наздику дӯстдори падару модари хеш будан низ дар қалби ӯ завқу ангезаро ба эҷод бедор сохт. Тибқи маълумоти мавҷуда вай аз хурдӣ ба китобхонӣ майли зиёд доштааст. Падараш як китобхонаи хурде дошта, ки вуҷуди ин китобхона дар парвариши зеҳнӣ ва рушди маънавии Меҳруннисои хурдсол ниҳоят судманд буд. Мутолиоти ҳамешагӣ бо гузашти замон ӯро ба ҷаҳони бекарони илму маърифат, бо зиндагии бузургони фазлу адаб ошно месозад. Худи адиба баъдҳо таассуроти даркашро аз он айём чунин изҳор намудааст: «Ман аз рӯзгори шахсону мардони бузург чизҳои

хубу зиёдеро дар зиндагӣ барои худ омӯхтаам, ки ин ҳам аз мутолиаи китобҳои китобхонаи хуби падарам барои ман ба даст омад» [13, 2].

Бо падару модар муносибати рафиқона дошта, аз ҳама ғаму шодии онҳо бохабар буд ва онҳо низ аз ҳолу аҳволи ҳаррӯзаи ӯ бехабар набуданд. Меҳруннисо Парвиз дар зиндагӣ аз модари худ низ хеле зиёд минатдор буда, ҳиссаи ӯро низ дар сайқали кори эҷодиаш зикр намудааст: «Ман аз модарам низ зиёд миннатдорам… шинохти дардро маҳз тавассути модарам дониста гирифтам ва он кас ба ман омӯзониданд, ки дард чист» [13, 4].

Бо вуҷуди муҳити эҷодкор набудани хонаводаашон вай қувваву неру ва завқи эҷодиро аввал аз муҳити оилаашон гирифт, ки инро Меҳруннисо дар офаридаҳояш таъкид кардааст: «Падарам ба ман дар кори эҷодӣ зиёд таъсир расонидаанд. Ин қувваву неруи офарандагие, ки ман дорам аз он кас гирифтам. Агар ман гӯям, ки офаридаҳои ман бо падарам сахт алоқаманданд, шояд шумо ҳайрон шавед» [13, 4].

Адабиётшиносони кашмирӣ доктор Зоҳида Ҷабин ва доктор Зуҳра Афзал дар пажӯҳише, ки зикраш рафт дар радифи баррасии роҳи зиндагии нависанда ба ҷанбаҳои инсонӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва мустақилияту ҷойгоҳи адиба дар ҷомеаи адабии кишвар ва дар маҷмуъ ишора намудаанд: «Адиба дар ҳаёт зане ҳаст, ки шаъну шарафи худро хеле зиёд нигоҳ дошта, мустақилона ва бо ихтиёри худ кор карданро барояш ниҳоят афзал медонад: «Ман ба худ бовар дошта зиндагӣ карданро писандидам, аммо ба номи дигар нафар зистанро намеписандидам» [13, 3].

Дидгоҳи Меҳруннисо нисбат ба зиндагӣ ва мактаби бекаронаи омӯзандаи он ниҳоят ҷолибу рангин аст. Беҳуда нест, ки ӯ ҳатто дар ҳикояҳояш аз хатову иштибоҳоти рафта дар раванди зиндагӣ сухан дар миён мегузорад. Ӯ бар ин ақида аст, ки нависанда аз олами муҳити худ бисёр ҷизҳоро меомӯзад ва ин тавр зарур нест, ки танҳо эҳсосотро нависад. Адиба аз ҳаёти шахсиаш чунин мегӯяд: «Дар зиндагии ман хешу пайвандон ҳар ҷизе, ки ба ман доданд, – хоҳ шодию ғам бошад, хоҳ нафрату таҳқир ва ё иззату эҳтиром, ҳамаро ба давот тар карда бо

рангу хомаи худ бозтоб дода, рӯшноии рӯзгор сохтам. Яъне, аз ҳамаи онҳо шамъи равшан сохтам, то торикиеро заррае ҳам бошад, аз байн бубарам» [13, 4].

Меҳруннисо Парвиз дар ҷомеаи Ҳиндустон дар баробари нависанда будан, боз ҳамчун ходими варзидаи ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ шинохта шуда, бо як қатор унвонҳову мукофотҳои баланди давлатӣ сазовор дониста шуд: «Меҳруннисо Парвиз сазовори чандин мукофотҳои арзишманд, аз ҷумла, чунин як мукофоти олӣ ба мисли «Ордени Нилуфар» («Падма Шрӣ»), «Мукофоти Субҳадра Кумарӣ Чауҳан», «Саҳитя бҳушан самман», «Бҳарат бҳушан самман» ва ғайра шудааст» [112, 519].

1.2. Меҳруннисо Парвиз ва танқиди адабӣ

Меҳруннисо Парвиз дар муҳити деҳот, миёни мардум ба воя расидааст. Аз ин ҷост, ки ҳаёт ва фарҳанги мардуми деҳот ба ӯ таъсири чашмгире расонидааст. Ин таъсирро мо дар эҷодиёти адиба равшан эҳсос мекунем. Ҳадафи ӯ аз таълифи ҳикояҳо танҳо тасвири беҳадафи воқеияти рӯзгори мардуми деҳотнишин нест, балки як навъ мубориза баҳри решакан сохтани фақру бенавоӣ, ақибмондагӣ аст. Замоне ки нависанда дар ҳикояҳояш рӯзгори сахту сангини мардуми табақаи поёниро, ки зери бори зулму истисмор қарор доранд, ба риштаи тасвир мекашад, манзураш кишвари хос, давру замони муайяне нест, як нигоҳи амиқи интиқодии ҷомеа аст, як эътирозест ба беадолатии ҳукмфармо дар сатҳи ҷаҳон. Саҳнаҳое, ки тасвир мекунад, дар гӯшаву канори дунё шабеҳи худ зиёд доранд. Ин паҳлӯи эҷодиёти нависандаро адабиётшинос доктор Зуҳра Афзал чунин тасвир намудааст: «Дар ҳикояи ҳиндӣ аньанаи ба миён гузоштани буҳрони иқтисодии ҳаёти ҷомеа вуҷуд дорад, ки он вазъи иқтисодии Ҳиндустони озодро тасвир менамояд. Ин аньанаро ташаккул дода, Меҳруннисо Парвиз дар ҳикояи худ «Кунҷи зинапояҳо» чунин вазъи бади иқтисодиро дар симои якчанд занҳои деҳотӣ тасвир намудааст, ки бо сабабҳои бева мондан ва аз муносибати бади оилавӣ маьюсу нотавону оҷиз гаштан бо нони гадоӣ рӯз мегузаронанд. Дар ҳикояи «Ид» низ муҳити хонаводагии табақаи поёнии аҳолии деҳотро тасвир

намудааст, ки дар он модар аз фишори сахти буҳрони иқтисодӣ маҷбур шуда, моли закотро қабул намуда, худро нотавону оҷиз эҳсос намояд» [13, 143].

Меҳруннисо Парвиз дар аксари ҳикояҳояш дарду ғам ва одитарин хислатҳои занҳоро худ баръало нишон додааст. Аксарияти ҳикояҳои худро ба ҳаёти занҳо бахшидааст. Адиба худ огаҳӣ дорад, ки он иззату эҳтиром, ки занҳо бояд дошта бошанд, надоранд ва аз он бенасиб мондаанд.

Девшанкар Навин адабиётшиноси дигарест, ки доир ба вижагиҳои ахлоқӣ ва мароми нависандагии адиба андешаҳои ҷолиб дорад. Ӯ эҳсоси худӣ, ватандӯстиву меҳанпарастиро дар ниҳоди адиба ниҳоят қавӣ ва шоистаи ибрат медонад. Ба қавли мазкур, Меҳруннисо аз зумраи қаламкашонест, ки ҳаргиз зери бори бегонагон нарафтааст, ҳамеша такявар ба ақлу заковат ва ғурури худ аст. Ӯ менависад: «Меҳруннисо Парвиз нависандаи соҳибэҳтирому тавоно буда, борҳо сазовори ҷоизаҳои пурқимати миллию расмии Ҳиндустон гардидааст. Мавзуъҳои меҳварии офаридаҳои ӯ иборатанд аз масоиле, ки дар рӯзгори мардуми одӣ нуҳуфта аст ва дарду ранҷе, ки дар рӯзгори занон ҳукмфармоӣ мекунад. Ба дигар сухан, замоне ки асари ба ҳаёту рӯзгори занҳо бахшидашуда, бо қалами зан-нависанда эҷод шуда бошад, он гоҳ хондани он хониши китоб не, балки эҳсоси зиндагии наву талхеро мемонад. Ба ҳар ҳол ин гап рост бошад ё не, дар шахси Меҳруннисо Парвиз ин гуфтаҳо сад дар сад рост меоянд. Воқеияти ин назар дар он собит мешавад, ки Меҳруннисо Парвиз мисли дигарон чодари идеалогияи аз Ғарб омадаро пӯшида дар деги бегонагон ниқоби ватаниро гарм накардааст. Меҳруннисо ҳаргиз парчами идеалогияи гӯруҳи бегонаро бо худ намегирад. Агар дар дасти ӯ парчаме ҳам ба чашм расад, як бор айнакро пок карда, бояд дид, ки ин парчами Ватану тамоми миллати худи мост» [20, 25].

Ошноӣ бо осори Меҳруннисо Парвиз пажӯҳандаи адабиёти ҳиндӣ Доктор Зоҳида Ҷабинро ба натиҷае оварда, ки ӯро ҳамрадифу ҳамсанги занони бузурги эҷодкор баршуморад. Ин сухани андаке нест: «Меҳруннисо Парвиз дар байни зан–ҳикоянависони баъди солҳои 60-ум аҳамият ва мақоми махсуси худро дорад. Номи ӯро дар баробари занҳои ҳикоянависи асосӣ метавон зикр кард» [13, 143].

Меҳруннисо Парвиз ҳолати вазнини рӯзгори занҳо, истисмору дарду ғами онҳо ва хуруфоту таассуби дар ҷомеа ҷойдоштаро тавре ба тасвир кашидааст, ки хонандаро бетараф нагузошта, ба фикру андеша водор месозад. Бефаъолиятӣ, камбуду сустии занҳо низ аз чашми ӯ пинҳон намондааст. Аз рӯи занҳо ниқобро бардошта, нафратангезӣ ва ҳолати аслии онҳоро нишон додааст. Ба ақидаи муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ Зоҳида Ҷабин ва Зуҳра Афзал Меҳруннисо бештар ба тасвири паҳлуҳои гуногуни ҳаёти занҳо даст задааст: «Меҳруннисо Парвиз ба мавзуи занҳои синну соли гуногун аз табақаву гурӯҳҳои мухталиф дахл намудааст. Дар маркази эҷодиёти ӯ маҳз зан қарор дорад. Ба мисли дигар занҳои ҳикоянавис вай низ дарду ғам, ҷӯшу хурӯш, шикасту бохт, комёбиву нокомӣ ва иззату нафси занҳоро тасвир намудааст. Бигзор он зан ба мисли зан - қаҳрамони ҳикояҳои «Ҷоду», «Кунҷи зинапояҳо», «Дуои устод», «Хотири остони хона» бе хату савод ва аз табақаҳои поёнии ҷомеа бошад, ва ё ба мисли қаҳрамонҳои ҳикояҳои «Одам ва Ҳаво», «Кирми шабчароғ», «Вайронаҳо» намояндаҳои табақаи миёнаи ҷомеа бошад» [13, 142].

Дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз калимаҳои рамзӣ зиёд ифода гардидаанд, ки аз онҳо калимаи паррандаро ҳамчун рамз дар ҳикояҳои ӯ метавон мушоҳида кард: «Адиба калимаи «парранда»-ро ба мисли як рамз интихоб намудааст: «Дар эҷодиёти ман як парранда борҳо вомехӯрад, ки ин паррандаи беруна нест, балки аз ботини ман чун истинод оварда шудааст. Ман ҳамеша аз ин парранда илҳом гирифтам, борҳо шикастҳо дидаам ва боз бо шиддат кӯшиши аз ҷо хестанро кардам. Ва ин нерӯи рӯҳиву равониямро ман ба қаҳрамонҳоям додан хостам» [13, 5].

Дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз хобу хаёл, эҳсосот ва фикрҳои гуногун аз зиндагии мардум оварда шудааст, ки хонанда ба онҳо шинос аст, вале дар вақти мутолиаи ҳикоя эҳсос мекунад, ки гӯё дар ҳама он воқеоти дар ҳикоя ҷойдошта иштирок дорад: «Ман хонандаҳои худро аз ангуштонашон гирифта то дуриҳои дур бурдаам. Онҳоро роҳгум сохтаам, гирёндаам ва низ хандондаам» [13, 5].

Ба воситаи эҷодиёти худ нодорию нотавонии оилаҳоро ва рӯзгори занону мардонро аз наздик дида, таассуроти худро ба хонанда нишон додааст. Тавассути навиштаҳояш пайваста ҳақиқати воқеии хаёти инсонро ҷуста, пайдо намуда, ба хонандагон пешкаш менамояд. Имрӯзҳо Меҳруннисо Парвиз бо ин сабки эҷодӣ яке аз адибаҳои бомаҳорату шинохта ба ҳисоб меравад. Эҷодиёти ӯ як хазинаест, ки аз чизе камӣ надорад. Чуноне, ки адиба худ фармудааст: «Ман зикри он хазинаро карда истодаам, ки онро калима ба калима пайвастаам. Мебинам, ки гоҳе аз танҳоии худ ё хилват аз хонаводаи хеш ба илҳом омада ҳиҷоҳоро бо ҳам пайваста, вожаҳоеро сохтаам, ки мисли хазинаи «Кубери хасис» (Худои боигарӣ дар асотири ҳиндӣ – Л.А.) ҷамъ гаштаанд» [13, 5].

Доктор Зоҳида Ҷабин ва Зуҳра Афзал намояндагони адабиёти Кашмир дар китоби худ «Меҳруннисо Парвиз ва дунёи ҳикояҳои ӯ» дар бораи фаъолияти эҷодии Меҳруннисо Парвиз чунин изҳор доштаанд: «Имрӯз аз фаъолияти эҷодии адиба тақрибан 43 сол пур шуд, ки дар ҳақиқат, ӯ хазинаи эҷодиёти худро пур кардааст. Ва пайваста дар ҷодаи адабиёт саҳми худро гузоштааст. Сояи қаламаш дар адабиёти ҳиндӣ, то абад хоҳад монд» [13, 5].

Маълум аст, ки дар рушду камоли ҳар як нависандае нақши дигар нависандагон муҳиму тақдирсоз аст. Ба дигар сухан, ҳар адибе устоде дорад, ки дар фаъолияти эҷодии худ аз эҷодиёти дигарон таъсир пазируфтааст. Меҳруннисо Парвиз низ аз ин радиф истисно нест.

Замоне ки дар адабиёти ҳинд ӯ ҳамчун нависанда шакл мегирифт, чанд тане аз нависандагон бо дарку эҳсоси истеъдоду малакаи хоссаш дар раҳёбӣ ва пешрафти ҳунараш саҳм гирифтанд, ки баъдҳо Меҳруннисо Парвиз дар навиштае аз эшон ба шарҳи зер ёд мекунад: «Вақте ман навиштанро шурӯъ кардам, он гоҳ хушбахтона давраи муҳаррирони хуб буд. Маҳз нависандагони бузургу хуб муҳаррир мешуданд. Ба мисли Дҳармавир Бҳаратӣ, Камлешвар, Бҳишма Саҳнӣ, Маноҳар Шям Ҷошӣ, Авадҳ Нараян Мудгал ва ғайра. Ҳамаашон маро эҳтирому қадр карда навиштаамро чоп мекарданд. Аз маҷаллаи «Дҳармаюг» ман навиштанро шурӯъ карда будам. Соли 1963 аввалин ҳикояи ман дар маҷаллаи

«Дҳармаюг» аз чоп баромада буд ва дар шумораи моҳи июни 1996 низ ҳикояи ман чоп шуд. Яъне, барои маҷаллаи «Дҳармаюг» ман пайваста навиштам. Мисли ҳамин бо ҳамаи дигар маҷаллаҳо робита доштам. Пайваста менавиштам. Ман мисли коргар ҳар рӯз кори эҷодӣ кардам, аз он ки соҳибихтиёр набудам, дар ҳар лаҳзаҳои холигӣ менавиштам. Дар кори эҷодӣ риёкорӣ накардам. Дар назди оташдони гилин нишаста, ҳангоми хӯрокпазӣ навиштам, ҳангоми шир додани кӯдак навиштам, дар сару садои хона навиштам. Дар доду фиғон навиштам» [13, 132].

Ҳабибулло Рачабов дар асари худ «Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ» саҳму хидмати як зумра адибони пешқадами адабиёти ҳиндиро дар пешрафту инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар баробари онҳо номи Меҳруннисо Парвизро низ зикр намудааст [119, 118].

Мавсуф дар асари тозанашри худ «Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав, (2017)» низ Меҳруннисо Парвизро ба қатори як зумра адибони барҷастаи адабиёти муосири ҳиндӣ шомил намудааст: «Ҳиндустон худро соли 1947 соҳибистиқлол ва соли 1950 Республика эълон намуд. Дар муддати якуним аср дар ин мамлакат садҳо шоирону нависандагони барҷаста асарҳои безавол эҷод намуда, саҳми назаррасе дар инкишофи адабиёти ҳиндӣ гузоштаанд, ки маъруфтаринашон Агравал Кедарнатҳ, Агей, Аёдҳясинҳ Упадҳяй, Ҳариаудҳ, Амаркант, Амритрай, Амритлал Нагар, Упендранатҳ Ашк, Ҳариваншрай Баччан, Бҳаратенду Ҳаришчандра, Дҳармавир Бҳаратӣ, ... Меҳрунисо Парвиз, Равиндра Калия ва мисли инҳо мебошанд» [113, 8].

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҳидустон дар адабиёти ҳиндӣ дар жанри ҳикоя якчанд ҷараёнҳои адабӣ пайдо шуданд, ки намояндагони онҳо бо шеваю равиши хосси худ ҳақиқати даврони худро тасвир мекунанд. Ҳабибулло Рачабов доир ба инкишофи ҳикояи ҳиндӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҳинд гуфта гузашта, чанде аз ҷараёнҳои адабиро дар жанри ҳикоя муҳим арзёбӣ намудааст: «Дигаргуниҳои дар давраи озодӣ ба амал омада, ба фикру андешаи адибон таъсири муайяне гузошт. Жанри ҳикоя боз оҳиста-оҳиста мавқеи

пештараи худро дарёфт мекард. Инкишофи назарраси ҳикоя дар навбати худ насри ҳиндиро нерӯманд менамуд. Ҳикояи ҳиндӣ дар аввалин даҳсолаҳои Ҳиндустони озод майдони фаъолияти худро васеътар намуда, бо дарк ва тасвири ҳақиқати замони ҳозира барои пайдо шудани якчанд ҷараёнҳои нав шароитҳо фароҳам овард....қабл аз ҳама ҷараёни «Ҳикояи нав» арзи вуҷуд намудааст ва бештар аз ҳамаи дигар ҷараёнҳои ҳикояи ҳиндӣ сазовори баҳсҳои доманадори муҳаққиқону адабиётшиносон гардидааст» [113, 377].

Вале то ҷое ки мо огоҳӣ дорем Меҳруннисо Парвиз шомили ҳеҷ аз он ҷараёнҳои ҳикоя нест: «Маҳз пеш аз ба кори эҷодӣ даст задани Меҳруннисо Парвиз ду ҷараён дар жанри ҳикоя – «Ҳикояи нав» ва «Ҳикояи ақлонӣ» аллакай зуҳур карда буд. Барои ҳифзи ҳастии худ ҳикоянависони ҳамонвақта ба онҳо пайваста, санъати офариниши ҳикояи худро нерӯ бахшида ҳикояҳои худро дар маҷаллаву рӯзномаҳо пайваста чоп кардан мегирифтанд. Дар ин вазъу муҳит ҳикоянавис Меҳруннисо Парвиз ҷудо аз ин ҷараёнҳо озоду бетараф ба дунёи ҳикоя ворид мешавад, нуфуз пайдо мекунад» [30, 3].

Матлаби мазкурро Ҳабибулло Рачабов низ дар нашри дуюми китоби худ «Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав, (2018)» ҷонибдорӣ намуда, чунин нигоштааст: «Дар адабиёти ҳиндӣ ҷараёнҳои мухталифи адабӣ ба мисли «Ҳикояи нав», «Ҳикояи демократӣ», «Романи деҳотӣ» ва ғайра, ки дар нимаи дувуми асри ХХ зуд-зуд пайдо мешуданд. Бисёр адибони ҷавон, аз ҷумла ҳамсолони Меҳруннисо ин падидаро дар адабиётҳои Ҳиндустони тоза озодшуда чун як навъ муди адабӣ пазируфта, кӯшиш мекарданд шомили яке аз ин ҷараёнҳо бошанд. Лекин Меҳруннисо Парвиз фирефтаи ягон ҷараён нашуда, тақозои вақт ва ниёзи эстетикии хонандаи замони навро дар назар дошта, даст ба кори эҷодӣ задааст» [112, 518].

Аз байни нависандагони ҳиндӣ чандеро Меҳруннисо Парвиз адибони писандида шуморидааст: «Бояд гуфт, ки Меҳруннисо Парвиз нисбат ба нависандагони муосири хеш бетафовут нест. Зимни гузашти андешаҳои ӯ дар мавриди адабиёт равшан мегардад, ки миёни муосирон гурӯҳе мисли Ачаря

Чатурсен, Премчанд, Бҳагаватичаран Варма, Камлешвар, Дудҳнатҳ Синҳ, доктор Кантикумар Ҷайн, С. Р. Ятрӣ ва аз адибаҳо Маҳашвета Девӣ, Нирупама Севатӣ, Носира Шарма, Шиванӣ, Мридула Гарг, Мринал Панде ба ӯ хеле писанд аст» [20, 113-114].

Меҳруннисо Парвиз ба шеваи асарофаринии ҳамзамононаш хушбин аст. Аз нигоҳи вай, ҳама адибони замонаш дар майдони адабиёти муосир мақому ҷойгоҳе доранд ва нависандагоне мисли Пушпа Бҳартӣ, Винод Кумар Шукла, Вибҳу Кумар, Кусум Ансал, Носира Шарма, Гянранҷан, Судҳа Арора, Ҷитендр Бҳатия, Нирупама Севатӣ, С. Р. Ятрӣ нисбат ба дигарон хуб менависанд» [20, 126-127].

Эҷодиёти ҷавонон, махсусан адибоне, ки нав ба дунёи пуррози нависандагӣ ворид шудаанд, аз чашми Меҳруннисо Парвиз пинҳон намемонад. Шеваи кору офарандагии ҷавононро гоҳо бо насле қиёс намуда, дар бораи ояндаи онҳо чунин изҳори ақида мекунад: «Насли нави эҷодкор хубу боғайрату серҳаракатанд, зиёд эҷод мекунанд. Аммо гоҳо ман эҳсос менамоям, ки ба онҳо сабр намерасад. Ба таърихи адабиёт дар асри худашон аз онҳо баъзеашон зуд ба қуллаи баланд расидан мехоҳанд. Насли мо чунин нест. Бисёр меҳнат мекашем мо. Мо ба онҳо боварӣ дорем» [20, 114].

Ҳунари офарандагии Меҳруннисо Парвизро бо дигар адибаҳо муқоиса намуда, саҳми ӯро дар адабиёти ҳиндӣ бузург дониста, доктор Зоҳида Ҷабин ва Зуҳра Афзал дар китоби худ чунин менависанд: «Агар Меҳруннисо Парвизро бо дигар адибаҳои муосир муқоиса намоем, пас монандиву тафовут хеле зиёд ба назар мерасад. Дар интихоби қаҳрамон ва тасвири он мақсади ҳамаи адибаҳо якранг аст. Лекин дар тасвири муҳити гирду атроф, ба миён гузоштани масъалаҳои табақаи мардуми мусалмон, услуби навиштани ҳикоя ва бисёр дигар ҷиҳат аз дигар занҳои эҷодкор фарқ мекунад. Нависанда аз соли 1963 пайваста ба адабиёти ҳиндӣ саҳми худро гузошта истодааст ва умед аст, ки боз муддатҳои дароз дар адабиёти ҳиндӣ саҳм хоҳад гузошт» [13, 149].

Тавре ки дар боло мушоҳида гашт, Меҳруннисо Парвиз дар кори эҷодӣ шахси муваффақ ва тавоно будааст. Мунақидони зиёде ба ҳунари офарандагии ӯ

назар афкандаанд, ки ин бешак аз дасти боло доштани ӯ дар адабиёт дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, Меҳруннисо роҳу равиши эҷодии худро дошта, асарҳое офаридааст, ки дар онҳо хонанда сайри маънавӣ карда, чеҳра, хислат ва андешаву фаъолияти рӯзмарраи худро пайдо карда метавонад.

1.3. Осори Меҳруннисо Парвиз

Меҳруннисо Парвиз дар бисёре аз жанрҳои адабӣ мисли очерку мақола, ёддошт, сафарнома, шеър ва ғайра асар навиштааст. Мутаассифона тамоми осораш ба шакли китоби алоҳида мунташир нагаштааст.

Аз охири солҳои 60-уми асри XX то ба имрӯз Меҳруннисо Парвиз 6 роман таълиф намудааст, ки зикрашон дар зер меояд:

«Даҳлези чашмон» («Анкҳон ки даҳлез», 1969), «Хонаи ӯ» («Ус ка гҳар», 1972), «Корачa» («Корача», 1977), «Барги танҳо» («Акела палаш», 1981), « Олами ботинии Самар» («Самаранган», 2002), «Посанг)» («Пасанг», 2004).

Меҳруннисо Парвиз муаллифи як силсила романҳо бошад ҳам, вале дар адабиёти имрӯзаи ҳиндӣ номи ӯ чун ҳикоянавис бештар ёдовар мешавад. То ба ҳол чунин мачмуаҳои адиба мунташир шудаанд:

«Одаму Ҳаво» («Адам аур Ҳава», 1972), «Офтоби болои шохчаҳо» («Таҳниён кӣ дҳуп», 1977), «Одами хатокор» («Ғалат адмӣ, 1977), «Фалгунӣ» («Фалгунӣ, 1978), «Кутали охирон» («Антим чарҳаӣ», 1982), «Боз як селоб» («Эк аур селаб», 1990), «Самар» («Самар», 1999), «Ҳикояҳои Бастари ман» («Мери Бастар ки кҳаниян», 2006), «Садбарги сурх» («Лал гулаб», 2006), «Боз як селоб» («Эк аур селаб»,1990), «Ҳикояҳои писанди мардуми Меҳруннисо Парвиз» («Мерунниса Парвез ки локприя каҳаниян», 2017).

Бархе аз муҳаққиқон ба мисли Доктор Минӣ Самуел дар рисолаи «Таҳлилу таҳқиқи ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» ва докторон Зоҳида Ҷабину Зуҳра Афзал дар монографияи «Меҳруннисо Парвиз ва олами ҳикояҳои ӯ» танҳо аз чор романи адиба – «Даҳлези чашмон» («Анкҳон ки даҳлез», 1969), «Хонаи ӯ» («Ус ка гҳар»,

1972), «Корача» («Корача», 1977), «Барги танҳо» («Акела палаш», 1981) зикри ном намуда, аз ду романи дигар - «Олами ботинии Самар» («Самаранган», 2002) ва «Посанг» («Пасанг», 2004) ёд намекунанд. Аз баски ҳангоми иншо шудани рисолаи Минӣ Самуел (2001) ду романи дигар таълиф нашуда буданд. Аммо доктор Зоҳида Ҷабин ва доктор Зуҳра Афзал монографияи худро соли 2003 аз нашр бароварда буданд, ки мебоист романи «Олами ботинии Самар» («Самаранган» 2002)-ро дарҷ мекарданд. Чунки аллакай як сол пеш аз таълифи монографияи онҳо, яъне соли 2002 Меҳруннисо Парвиз романи «Олами ботинии Самар»-ро навишта буд. Шояд дар ин давра он роман дастраси онҳо набуд.

Доктор Рамчандр Тиварӣ – яке аз мунаққидони варзидаи адабиёти муосири ҳиндӣ дар китоби худ «Романи ҳиндӣ, 2006» соҳиби шаш роман будани Меҳруннисоро зикр намудааст: «Шаш романи Меҳруннисо Парвиз «Даҳлези чашмон, 1969», «Хонаи ӯ, 1972», «Корача, 1977», «Барги танҳо, 1981», «Олами ботинии Самар», 2003», «Пасанг, 2005» нашр шудаанд. Мавзуи марказии романҳои ӯро мушкилоти занҳо аз табақаҳои поёнӣ ташкил медиҳад» [163, 184].

Тавре ба назар мерасад, доктор Рамчандр Тиварӣ солҳои нашри ду роман «Самаранган» ва «Пасанг» ро бар хилофи гуфтаҳои боло нишон додааст.

Дар бораи теъдоди ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба ҷуз Минӣ Самуел дигар ягон муҳаққиқе назарпардозӣ накардааст ё карда бошад, ҳам мо аз он иттилое дар даст надорем. Доктор Минӣ шумораи ҳикояҳои адибаро 86-то гуфтааст: «Аллакай 86 ҳикояи Меҳруннисо ба нашр расидааст, ки дар 12 маҷмуа гирд оварда шудаанд» [20, 48].

Аввалин маҷмуаи ҳикояҳои адиба маҷмуаи «Одаму Ҳаво» соли 1972 нашр шудааст. Маҷмуаи нахустин будани «Одаму Ҳаво»-ро аксари пажӯҳандагони адабиёт зикр намудаанд. Ба андешаи доктор Минӣ П, ки чунин менигорад: «Одаму Ҳаво» аввалин маҷмуаи ҳикояҳои адиба мебошад, ки соли 1972 дар нашрияи «Нашнал паблишинг ҳаус» аз чоп баромадааст. Ин маҷмуа 19 ҳикояро дар бар мегирад. Ба мисли ҳикояҳои «Ид» («Тёвҳар»), «Шинохт» («Шанахт»), «Доираи худ» («Апне-апне дайре»), «Гардиши сеюм» («Тисрӣ пенч»), «Боз як

селоб («Эк оур сейлаб»), «Нисфирӯзии бебаракат» («Банҷар дупаҳар»), «Дарди чашмони холӣ» («Халӣ анкҳон ки пира»), «Шӯриш» («Видроҳ»), «Вайронаҳо» («Виране»), «Таваққуфе болои зинапояҳо» («Сирҳиён ка тҳека»), «Танҳо як одам» («Сирф эк адмӣ»), «Машк» («Чамре ка кҳол»), «Хонаи ӯ» («Ус ка гҳар»), «Гулмоҳари танҳо» («Акела Гулмоҳар»), «Рӯзҳои аз сар гузашта» («Бҳоге ҳу дин»), «Офтоби тираи руҳи кӯчак» («Чҳоте ман кӣ качӣ дҳуп»), «Донӣ кай» («Ҷане каб»), «Ҳиқ-ҳиқи дар дохили ҳуҷраҳои дарбаста» («Банд камрон кӣ сискиян»), «Одам ва Ҳаво» («Адам оур ҳава»)» [28, 70].

Муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ Зоҳида Ҷабин ва доктор Зуҳра Афзал низ ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, маҷмуаи ҳикояҳои «Одаму Ҳаво»-ро аз аввалин маҷмуаҳои Меҳруннисо Парвиз шуморидаанд: «Одам ва Ҳаво» (1972) аввалин маҷмуаи ҳикояҳои Меҳруннисо аст. Дар ин дарду ғами мардуми одӣ ва ба вазъи ногувори иқтисодӣ гирифтор шудани онҳо тасвир ёфтааст» [13, 13].

Доктор Ниту андешаи Зоҳида Ҷабин, Зуҳра Афзал ва П. Миниро ҷонибдорӣ намуда, дар рисолаи худ «Тафаккури зани муосири ҳиндӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз, (2014)» маҷмуаи ҳикояҳои «Одам ва Ҳаво»-ро аввалин маҷмуаи ҳикояҳои Меҳруннисо қайд намудааст: «Одам ва Ҳаво» аввалин маҷмуаи ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мебошад. Ин соли 1972 чоп шудааст. Дар ин маҷмуа 19 ҳикоя гирд оварда шудааст» [19, 56].

Дар паҳнои адабиёти муосири Ҳиндустон адибоне, ки дар жанри ҳикоя қалам фарсудаву ба шуҳрат расидаанд ва Меҳруннисо Парвиз низ аз ҷумлаи чунин қаламкашонест. Бо назардошти шуҳрату маъруфият, доштани ҷойгоҳи хос дар майдони адабиёт эҷодиёти ӯ дар марказу ҳавзаҳои илмӣ, муассисаҳои илмиву пажӯҳишӣ ва донишгоҳҳо ҳамвора мавриди таҳқиқи пажӯҳандагон будааст. Бисёре аз адабиётшиносон ба ҷанбаҳои вижаи ҳунару халлоқияти вай ишора кардаанд. Муҳаққиқи адабиёти ҳиндӣ Лакшман Саҳай дар бораи шахсияту қалами Меҳруннисо чунин менависад: «Дар жанри ҳикоя дар адабиёти ҳиндӣ касе нест, ки Меҳруннисо Парвизро нашиносад. Меҳруннисо дар олами ҳикояи ҳиндӣ чунин як шахсияте мебошад, ки ӯро дигар халқиятҳои Ҳиндустон ва берун аз он низ

мешиносанд. Инро бояд қайд кард, ки офаридаҳои ӯ ба дигар забонҳои расмии Ҳиндустон ва берун аз он тарҷума шудааанду шуда истодаанд. Асарҳои ҷолибу гаронбаҳои ӯ аз тарафи муҳаққиқони институтҳову донишгоҳҳои гуногун кайҳо боз мавриди таҳқиқу тадқиқ қарор гирифтааст. Мақолаҳои гуногун низ доир ба шахсияту эҷодиёти ин нависандаи хушқалам дар маҷаллаҳои гуногун ба табъ расидаанд. Мунаққидони жанри ҳикоя ба ин ақидаанд, ки бе Меҳруннисо Парвиз адабиёти даврони истиқлолро тасаввур наметавон кард. Агар зикр ҳам карда шавад, он гоҳ ҳам он нопурра ва беанҷом хоҳад монд» [20, 76].

Дар солҳои 60-уми асри гузашта бештари нависандагони ҳиндӣ кӯшиш мекарданд, ки зиндагиро реалистона, хосса зиндагии мардуми одиро воқеъбинона тасвир намоянд, ки ин аз сабку услуби нигориши гузаштагон фарқ мекунад ва Меҳруннисо аз ҳамин қабил нависандагон ба шумор меравад: «Дар адабиёти ҳиндӣ эҷодиёти бисёр адибоне, ки «пешқадам» («прагатишил») мегӯянд, маъмулан бо таври воқеъбинона тасвир намудани зиндагии инсони одӣ фарқ мекунад. Муаллиф фарқи насли солҳои 60-умро аз наслҳои пештара дар он мебинад, ки ин насл бисёртар дар талоши воқеъбинона тасвир намудани зиндагист. Ин талоши тасвири зиндагии инсони одиро дар ҳикояҳои адибони солҳои 60-ум, алалхусус, дар ҳикояҳои Рачендра Ядав, Камлешвар, Дудҳнатҳ, Меҳрунисо Парвиз, Ҷитендр Бҳатия, Судҳа Арора ва дигарон дидан мумкин аст» [119, 9].

Чи тавре ки дар боло зикр шуд, Меҳруннисо Парвиз дар таълифи асарҳои калонҳаҷми мисли роман маҳорату истеъдоди хосса дорад. Мазмуни романҳои ӯ бештар тасвиру бозтоби зиндагии мардуми одӣ ва тохту този аҷнабиён аст.

Беҳуда нест, ки ин ҷанбаи арзишманди истеъдоди вай дар романнависӣ борҳо аз ҷониби мунаққидон арзёбӣ шудааст: «Меҳруннисо ба романи ҳиндӣ як самти нав, як назари нав ва мавзуву муколамаи нав бахшидааст. Ӯ кӯшиш намудааст, ки сужет ва тарҳи романро диди нав офарад» [28, 101].

Ҳамон гуна ки дар боло хотирнишон гардид Меҳруннисо Парвиз баъди марги ҷигарбандаш чанд муддате эҷоду навиштанро канор мегузорад, аммо ғаму

андӯҳи худро кам карда натавониста боз худро ба кори эҷодӣ андармон сохта бо ин роҳ тавонистааст каме дардашро сабук созад. Нависанда дубора хома ба даст гирифта ба навиштани романи дигари худ «Олами ботинии Самар» («Самаранган», 2002) шурӯъ карда, онро ба хотири рӯҳи шоди писараш мебахшад. Унвони роман аз номи писараш гирифта шудааст. Дар ин роман воқеаҳои таърихӣ ва тохтутозҳои англисҳо дар атрофии Деҳлӣ тасвир ёфтаанд.

Аз таҳқиқу омӯзиши осори гаронбаҳои Меҳруннисо Парвиз метавон хулоса кард, ки адибаи хушсалиқа бо офаридаҳои пуразриши худ ба хазинаи адабиёти муосири ҳиндӣ дурдонаҳои беназир зам намудааст ва имрӯзҳо ҳам дар хидмати адабиёт мебошад.

1.4. Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва иҷтимоии Меҳруннисо Парвиз

Баррасии масири эҷодии Меҳруннисо Парвиз гувоҳ бар ин мебошад, ки дар тӯли замон рӯзнома ягона минбари асосие будааст, ки боиси вусъату густариши сухану паёми нависанда гаштааст. Маҳз тавассути рӯзномаҳо каломи ӯ ба дуртарин нуқоти Ҳиндустон расидааст.

Нависанда солҳост муҳарририи яке аз маҷаллаи бонуфузи адабӣ – иҷтимоии Ҳиндустон «Самараи Самар» («Самар лок»)-ро ба дӯш дорад. Маҷалла дар таблиғу тарвиҷи мавзуоти мухталифи зиндагии иҷитимоӣ, чопи осори адибони гуногунзабони Ҳиндустон, тарҷума ва нашри адабиёти хориҷӣ, нақду баррасии масоили адабиётшиносӣ, эҷодиёти адибони ҷавон нақши чашмрас дорад.

Адиба ин маҷалларо ба хотири рӯҳи поки писари ҷавонмаргаш таъсис додааст, ки то имрӯз барои мардуми Ҳинд ва адабиёти он хидмат дорад.

Дар пешрафту камоли эҷодии Меҳруннисо Парвиз рӯзномаву маҷаллаҳои хусусӣ, ки осори нахустини навқаламону нависандагони ҷавонро нашр месохтанд ва гузашта аз ин онҳоро ташвиқ менамуданд, нақши муҳим доштанд. Бояд гуфт, ки рӯзноманигорӣ ва рӯзномаҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми Ҳиндустон мавқеи махсус дошта, дар худогоҳӣ ва бедории мардумони ин кишвар баҳри

озодӣ аз зери ҷабри мустамликадорони англис, саҳми бориз гузоштаанд. Рӯзноманигорӣ дар Ҳиндустон бо ворид шудани бегонагон, аз ҷумла, англисҳо хеле ривоҷ меёбад. То даврони озодӣ дар саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳо, то андозае маводҳое нашр мегаштанд, ки мазмуни озодиву озодихоҳиро доштанд ва мардумро барои муборизa бар зидди сиёсати мустамликадорони англис ташвиқу тарғиб менамуданд. Донишманди соҳаи филологияи ҳинд Ҳабибулло Рачабов перомуни ин мавзуъ дар мақолаи худ «Премчанд ва Иқбол» чунин менависад: «Премчанд вакте ки маҷаллаи «Ҳанс» («Қу»)-ро таъсис дода буд, яке аз ҳадафҳои асосиаш дар атрофи ҳамин маҷалла ҷалб кардани ҷавонони болаёқат буд. Адибони ҷавон ба воситаи «Ҳанс» имконияти чоп кардани аввалин чакидаҳои қалами худро доштанд. Сарпарастию раҳнамоии Премчанд барои онҳо мактаби беминнате буд, ки онҳо ҳунари асарофариро он ҷо меомӯхтанд. Ҳамин тавр буд, ки боре Премчанд дар ҷавоби эроди ҳамсараш Шиваранӣ Девӣ, ки магар «Ҳанс» ба сари ӯ марворид мепошида бошад, ки ин қадар ба он эъибор медиҳад, адиб чунин гуфтааст: «Азизам, «Ҳанс» марворидҳоро намепошад, балки онҳоро ҷамъоварӣ мекунад» [116, 188].

Премчанд ҳамеша саъю талош менамуд, ки то рӯзномаҳо чи аз лиҳози мавзуъ ва чи аз нигоҳи муҳтаво ҷавобгӯи ниёзу эҳтиёҷоти рӯз бошанд. Масалан, замоне ки баҳори соли 1936 нахустин конфронси адибони тараққипарвари Ҳиндустон баргузор шуд, раиси ин маҳфили бошукуҳ ба дӯши ӯ буд. Мавсуф дар суханрониаш аксари маҷаллоти даврро зери тозиёнаи танқид гирифта, барои ислоҳи онҳо пешниҳодҳои судманде намуда буд. Аз ҷумла чунин гуфта буд: «Мо набояд адабиётеро, ки фонӣ будани ин дунёро ҳар доим такрор мекунад, пазиро намоем. Маҷаллаҳо пур аз қиссаҳои ишқӣ шудаанд. Хуб, фарз кардем, ки барои мо қиссаи ошиқии ду дилдодаро нақл кардаанд. Оё ин эҳсоси моро ба зебоӣ бедор карда метавонад, ба истиснои он, ки нисбат ба ҷудоиву сӯзу фироқи онҳо чанд қатра ашк мерезем. Шояд як вақтҳо ин гуна қиссаҳо моро ба вачҳ оварда бошанд, вале онҳо барои имрӯз ба кор намераванд. Ин гуна замонҳо гузашта рафтанд.

Имрӯз барои мо чунин санъате зарур аст, ки моро ба мубориза даъват намояд» [116, 187].

Роҷеъ ба нақши корсози рӯзномаву маҷаллаҳо дар парваришу боландагии зеҳнии ҷавонони эҷодкор, ҳимояту дастгирии онҳо, саҳми рӯзномаҳо дар фароҳамсозии ҷунбишҳои озодибахш, расондани мардум ба ҳошияи озодиву истиқлол пажӯҳишу таҳқиқҳои зиёде анҷом дода шудааст. Худи Премчанд низ ба ин мавзуъ бетафовут нубудааст: «Ҳанс» дар як вақти ниҳоят мусоид бунёд шуд. Дар вақте арзи вуҷуд мекунад, ки Ҳиндустон ба давраи нав ворид шудааст, дар вақте ки тамоми мамлактро ҷидду ҷаҳди аз занҷири ғуломӣ озод шудан фаро гирифтааст. Мо вазифадор ҳастем, ки ин муборизаро ҳамчун қаҳрамонии дину имон баҳо диҳем. Қарзи мо – рӯзи ғалабаро наздик овардан аст. Маҳз ба хотири ба ҳамин ҳадаф расидан мо нашри «Ҳанс»-ро ба роҳ мондем» [114, 251].

Қобили зикр аст, ки дар асри ҳозир низ хонандаи ҳиндӣ дар баробари мутолиаи китоб ба хондани рӯзномаву маҷаллаҳо низ завқу рағбати беандоза дорад. Рӯзномаву маҷаллаҳои адабӣ воситаи хубе барои ба мардум ошно кардани офаридаҳои ҳам нависандагони ботаҷриба ва ҳам шогирдони эҷодкор ва дигар масоили фарҳангӣ ба шумор мераванд. Албатта чунин муносибату бархурд ба ҷойгоҳи рӯзнома дар ҷомеа аз ҷониби шахсияте мисли Премчанд барои наслҳои баъдӣ мактаби ибрату таҷриба буд. Маҳзи хотири ин Меҳруннисо Парвиз бо таъсиси маҷаллаи «Самар лок» соли 2000 фаъолияти рӯзноманигориро ҷиддӣ гирифт. Маҷалла дар як сол се мартиба ба нашр мерасад. Ҳар шумора бо пешсухани худи сардабир Меҳруннисо Парвиз оғоз мегардад.

Баррасии маҷалла гувоҳ бар он аст, ки Меҳруннисо Парвиз дар баробари офаридани асарҳои бадеӣ, боз барои ташвиқу тарғиби адабиёт, забон ва фарҳанги ҳиндӣ низ талошҳову хидматҳои зиёде ба харҷ медиҳад. Дар сарсухани яке аз шумораҳои моҳи январу марти соли 2005, Меҳруннисо Парвиз аз нависандаи маъруфи адабиёти то даврони озодии Ҳиндустон Премчанд ёдовар шуда, заҳмату хидмати ӯро дар соҳаи адабиёт чунин баён мекунад: «Ман фикр мекунам, ки агар мо ҳангоми нашри ин шумораи ба Премчанд бахшидашудаи маҷалла, на ба

таърифу тавсифи нависанда, балки ба вазъи зиндагии ӯ диққат диҳем, беҳтар мешавад. Ҳамон нависандае, ки тамоми умр ҳарф меофарад, онҳоро шакл медиҳад, вале худ доимо дар зулмат умр ба сар мебарад. Ҳамон адибе, ки ғаму дарди дигаронро ба риштаи сухан кашида, онро ба шакл ва баҳс табдил медиҳад. Навиштаҳои ӯро хонанда мехонад, таъриф мекунад, илҳом мегирад, намунаи рӯзгори худ қарор медиҳад» [151, 3].

Бо зикри ин андеша адиба гуфтан мехоҳад, ки дар ҳама давру замон адибону нависандагон барои озодиву ободии халқу мардуми худ ҷонфидоӣ карда, умри худро қурбон мекунанд, вале ба касеву ҷое шикоят намебаранд. Офаридаҳои нависандаро Меҳруннисо Парвиз ба шаҳде монанд мекунад, ки занбури асал қатра-қатра бо заҳмати зиёд ҷамъ меоварад ва на барои худ, балки аз баҳри дигарон мегузорад. Раванди шаклгирӣ, талошу пайкори ҳамешагии нависандагони пешиниёнро мисли Премчанд Меҳруннисо ниҳоят ҳунармандона, гӯшнишину таъсирбахш тасвир мекунад: «Нависанда қатра-қатра шаҳде ҷамъ меоварад ва ҷаҳонро ҷовидон нигоҳ медорад, худ бошад, ҳамеша дар тангдастиву нодорӣ зиндагӣ мекунад. Гоҳо хома ҳасту давот нест, давот дастрас асту қоғаз нест. Ба ҳар ҳол менависад, вале барои маблағи чопи он муҳтоҷи дигарон мегардад. Баъди чопи мақола ё ҳикоя ба ғазаби дигарон гирифтор низ мешавад. Оила, ҷомеа ҳама ӯро душмани худ медонанд. Инро кӣ навишт? Чаро навишт? Қаҳрамонҳои тасвирнамудааш агар дониста монанд, пас ҳоли дӯстону хонадон чӣ мешавад? Ӯро душман эълон медоранд. Ӯ дар зиндон рост мехобад. Одамон калимаҳои навиштаашро мисли санг бар даҳонаш мезананд» [151, 3].

Матлаб аз овардани номи Премчанд ин аст, ки ӯ борҳо барои навиштаҳояш муҷозот шудааст, вале бо иродаи қавӣ ва ҳисси баланди ватанхоҳӣ ба чизеву касе тан надода, сар хам накарда, муборизаи худро бо нерӯи хома идома медиҳад. Аз ин ҷо бар меояд, ки қаҳрамонҳои офаридаи Премчанд тахаюлӣ интихоб нашудаанд, балки шахсони дар ҳаёт буда, ба тори қалами ӯ кашида мешуданд, ҳатто хонавода ва дӯстону наздиконаш дар ташвиш мемонданд.

Меҳруннисо Парвиз чун рӯзноманигори муваффақ барои дастгирӣ ва инкишофи соҳаи адабиёт нашрҳои махсуси маҷалларо бо номи шахсиятҳои барҷастаи илму адаб ба чоп мерасонад, то хонандаи ҳиндӣ аз талошу заҳматҳо ва хидматҳои намояндагони адабиёт огоҳ шавад. Нақши муҳимми адабиёту адибонро дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии давлату ҷомеа эҳсос кунад, яъне дарк кунад, ки адибон чӣ гуна заҳмату талошҳо карда, азобу уқубатҳоро низ дар талош барои озодии Ҳиндустон дидаанд.

Перомуни саҳми ин маҷалла дар бозгашти нависанда ба ҷаҳони адабу эҷод назарҳо зиёданд. Адабиётшиноси ҳиндӣ доктор Каминӣ Сенварҳа дар мақолаи худ зери унвони «Лабрез аз ҳиссиёти инсонӣ» («Манвий санведнаон се лабрез») чунин дарҷ намудааст: «Меҳруннисо аз вақте ки маҷаллаи «Самар лок»-ро таъсис додааст, аз он вақт боз ҳам ба хидмати адабиёт пардохтааст. Барои парешониву шикасти ӯро аз байн бурдан маҷаллаи «Самар лок» кумак кардааст. Талаботи рӯзафзуни «Самар лок» маҳбубияти адибаро аз пештар бештар гардонид. Мушкилотро фуру бурда, барои ҷамъиятро устувору пойдор нигаҳ доштан кор карда истодааст. «Самар лок» маҷаллаи пуранво мебошад. Аз паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷамиятӣ мавод омода месозад» [20, 107].

Ҷанбаи ҳамагонӣ доштани маҷаллаи «Самар лок»-ро нависанда дар яке аз мақолаҳои худ, ки дар маҷаллаи мазкур нашр шудааст, ба шарҳи зер хотирнишон месозад: «Дар ин маҷалла пурра ба андешаҳои баъзе аз олимон таваҷҷуҳ зоҳир кардан сиёсати мо нест. Мақсади мо ин аст, ки дар нашри он ҳамаи хонандагон саҳмгузор бошанд. Тавассути «Самар лок» ба ҷамъият бо ақидаҳои пешқадам ва аз гузаштаи пешрафтаи бисёр ҳам муҳими ҳазорсолаи забону адабиёти ҳиндӣ як самти дуруст нишон диҳем» [150, 75].

Баррасии маводи ба табъ расида дар саҳифаҳои он нишон медиҳад, ки маҷаллаи «Самар лок» бо нашри андешаҳои олимону донишмандону нависандагон маҳдуд нашуда, тавре ки ба назар мерасад, ҳикояҳову шеърҳои эҷодкорони сатҳи мухталиф ва афкору андешаҳои табақаҳои гуногуни ҷамъиятро дар маҷалла мунташир менамояд. Аз ин бар меояд, ки дар маҷалла барои қишрҳои

гуногуни ҷамъият роҳ боз аст, яъне ба онҳо имконият дода шудааст, то дарди дили хешро иброз намоянд, ки ин барои таҳлилу баррасии вазъ дар рӯзгори ҳар табақаи ҷамъияти Ҳинд мусоидат менамояд.

Фаъолият дар маҷаллаи «Самар лок» барои нависанда бори сангини пурмасъулияти дигареро ба дӯш гузошт, ки ин таҳриргарӣ буд. Зеро гирд овардани мавзуву маводҳои гуногуни пурмуҳтаво ва мубрам дар маҷалла ба дониши фароху маҳорати баланд, нуктабиниву нуктасанҷии муҳаррир вобаста аст. Ба ҳамин минвол Меҳруннисо Парвиз бо нашру табъи мавзуъҳои дархурди мардумони табақаҳои гуногун тавонистааст маҷаллаи «Самар лок»-ро дар кишвари худ Ҳиндустон машҳуру маълум гардонад. То чи андоза муҳиму пураҳамият будани кори муҳарририи Меҳруннисо Парвизро адиби тозакор Кришна Рагҳав чунин таъкид месозад: «Ҳар он чӣ, ки дар зери таҳрири ӯ дар маҷаллаи «Самар лок» чоп мешавад, гӯё бо он таҳрири худ бо хонанда сухан мекунад» [20, 37].

Тааммулу андеша Меҳруннисо Парвизро ба чунин натиҷа мерасонад, ки на ҳар нависанда қобилияти муҳаррирӣ дораду дар баробари кори нависандагӣ ба ислоҳу густариши маҳсули қалами дигарон сарукор гирифта метавонад. Дар як мусоҳибаи адабӣ нависанда ба саволи ин ки миёни нависанда ва муҳаррир чи робитаву пайванде метавонад бошад чунин посух медиҳад: «Ба ман чунин менамояд, ки чи тавре ки ман аз таваллуд нависандаам, ҳамин тавр аз рӯзи таваллуд муҳаррир ҳам будам, аммо маҳорат, қобилият чизи дигар аст. Таъини андозаи он мушкили бузург аст. Ҷараёни гардиши хунашро одам пай бурда метавонаду аз қобилияту ҷуръати худ хабар намешавад» [20, 126].

Таҳриргарӣ барои адиба маънои хидматгузорӣ ба адабиётро дорад. Ин нуктаро муҳаққиқи дигари адабиёти муосири ҳиндӣ доктор Минӣ Самуел ҷонибдорӣ намуда, доир ба ин ҷанбаи фаъолияти нависанда изҳор медиҳад: «Ба ҳайси муҳаррири маҷаллаи ҷамъиятии «Самар лок» ӯ дар хидмати адабиёт мебошад» [29, 2].

Минӣ Самуел дар дигар мақолаи худ зери унвони «Меҳруннисо Парвиз – як сайри бадеӣ» таъсиси маҷаллаи «Самар лок»-ро падидаи муҳимму арзишманд дониста, чунин гуфтааст: «Ба хотири писари ғурамаргаш ӯ маҷаллаи семоҳаи «Самар лок»-ро таъсис дод. Ин маҷалла набарди як модаре дар роҳи эҷод аст. Ин маҷалла қувватбахши як модари эҷодкор гардид. Ҳамин тавр, аз ҷараёни зиндагиаш маълум мегардад, ки аз рӯзи таваллуд, то ҳол дар зиндагиаш дар мубориза аст ва пайваста муваффақ ҳам мегардад» [20, 46].

Хидмат дар маҷалла нависандаро ба яке аз шахсияти пуркори адабӣ-иҷтимоӣ, хидматгузори мардуми Ҳинд табдил намуд. Ӯ борҳо дар ҳали муноқишаи Кашмир иштирок карда, барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии ин минтақаи нооромии нимҷазираи Ҳинд саҳм гузоштааст. Барои ин хидматҳояш ӯ бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудааст.

Бояд гуфт, ки маҷалла дар як муддати кӯтоҳ дар байни ҳаводорони соҳаи адабиёту забон маҳбубият пайдо намудааст: «Дар доираи адабиёт ва забон «Самар лок» дар муддати кӯтоҳ дар байни мардум эътибор пайдо намудааст. Аз мазмуну муҳтавои хуб доштанаш талабот ба ин маҷалла дар доираҳои расмиву ғайрирасмӣ афзудааст» [150, 75].

Роҷеъ ба нақшу ҷойгоҳи маҷаллаи «Самар лок» ашхоси зиёде аз ҷумлаи хонандагон изҳори матлаб намудаанд, ки зикри якеро муносиб медонем. Хонандаи маҷалла Ачаря Бҳагван Дубе дар мақолаи худ «Заминҳои ҳақиқат» (Ятҳартҳ ке дҳаратал) қайд намудааст: «Шумораи моҳи июл-августи 2004-ро аз назар гузаронидам. Дар байни маҷаллаҳои имрӯза «Самар лок» ҷойгоҳи хосса дорад. Шумо муҳарририи маҷалларо ҳамчун вазифа ба наҳви аҳсан иҷро менамоед. Ҳар нашри маҷалла бо фаҳму зеҳни тоза аз чоп мебарояд» [150, 5].

Камолу беҳбуди забонҳои роиҷи Ҳиндустон яке аз ҳадафҳои калидии маҷалла аст. Ин мавзуъро худи нависанда борҳо дар мақолаҳояш иброз доштааст. Масалан, дар сармақолаи яке аз шумораҳо Меҳруннисо Парвиз чунин изҳори матлаб намудааст: «Забонҳои ҳиндиву урду ду маҷрои дугониканд, ки онҳо аз батни як модар тавлид ёфта буданд. Бинои адабиёти ҳиндустонии асри XIX,

махсусан дар Ҳиндустони Шимолӣ маҳз дар пояи ҳиндиву урду побарҷо аст. Монандии ҳар ду забон чунон табиӣ гашта, ки ҷамъи хонандагон ва мардуми одӣ миёни онҳо ҳеҷ фарқе намегузоранд. Амалан, ба рушди забони урду таъсири ҳиндии фасеҳу одӣ расид ва аз доираи гуфтугӯи мардуми маҳаллӣ берун ҷаста ба шоҳроҳ баромад» [150, 3].

Дар ҷумлаҳои боло оварда шуд, ки Меҳруннисо Парвиз дар муқаддимаи маҷалла аз фасоҳату содагии забони урду сухан карда, забони адабиёту фарҳанг будани онро ҷонибдорӣ намудааст. Ӯ аз қавмҳои мусалмони Ҳинд бошад ҳам, вале боре дар ҷое бо забони урду чизе офариданаш ба мушоҳида нарасид. Аксарияти нависандагони мусалмони Ҳиндустон бо забони урду асар меофаранд. Вале Меҳруннисо Парвиз бо эҷодиёти худ дар рушду равнақи забони ҳиндӣ таъсири амиқ гузоштааст.

Масоили мубрам ба забонҳои роиҷ дар Ҳиндустон ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи Меҳруннисо Парвиз будааст. Мазкур дар шумораи дуюми нашри соли 2005 мақолаеро бо номи «Робитаи забонҳои урду ва ҳиндӣ» («Урду аур ҳиндӣ ка ришта») ба табъ расонидааст, ки дар он назари олимону донишмандони ҳиндӣ доир ба робитаву пайвандҳои забони урдуву ҳиндӣ дарҷ шудааст: «Ҳиндустон мамлакати серзабон аст. Дар ин ҷо забонҳои банголӣ, маратҳӣ, панҷобӣ, гуҷаратӣ, тамилӣ, телугу, малаялам, каннада, ҳиндӣ, урду ва ғайра истифода мегарданд.

Дар ҷаҳон кам забонҳое мавҷуданд, ки ба андозаи урдуву ҳиндӣ бо ҳам ин қадар наздик бошанд. Ҳиндӣ ва урду ҳардуяашон шоҳиди ошкор дар шинохти тамаддуну фарҳанги мамлакати моянд. Ҳар ду забон ҳиндустонӣ буда, бунёди ҳар ду лаҳҷаи кҳари болӣ аст. Гузашта аз ин, сохтори ягонаи дастурӣ доранд» [150, 84].

Меҳруннисо Парвиз бо нашри маҷаллаи «Самараи Самар» / «Самар лок» дар рушду инкишофи адабиёти муосири ҳиндӣ саҳми чашмгире гузоштааст: «Меҳруннисо Парвиз ҳамчун ҳикоянавис, романнавис ва журналист шуҳрат дорад. Вай ба воситаи асарҳои худ инчунин маҷаллаи адабие, ки бо номи

«Самараи Самар» («Самар лок») таъсис додаасту мунтазам нашр мешавад, саҳми муайяне дар инкишофи адабиёти ҳиндӣ гузоштааст» [112, 519].

Дар поёни ин бахш муносиб аст зикр гардад, ки дар маҷаллаи «Замима» мақолаҳои зиёде перомуни сабку услуб ва забони ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба нашр расидаанд: «Забони ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз фасеҳ, ҷаззоб, содаву осон ва ширину форам аст. Дар забони ӯ резише ба мисли резиши дарёст ва инчунин шавшуви бадеияту нафосаташ аз ширинии садову овозҳост. Меҳруннисо дар ҳикояҳои худ баробари интихоби мавзуъ, услуби баён, забон ва истифодаи воситаҳои бадеӣ нозукбинона ва устокорона кор гирифтааст. Забони ӯ мисли забони Премчанд аз аввал, то ба охир хоҳ вай хонандаи одӣ ва хоҳ хонандаи ғайриодӣ бошад, ҳар яки онҳоро мафтун месозад. Дар баробари калимоти ҳиндӣ, урду, англисӣ ва дигар калимаҳои лаҳҷаҳою забонҳои хосси ягон минтақаро низ дар асарҳои худ истифода бурдааст. Яъне ба ин васила дар ҳифзу нигаҳдошт ва аз ҳисоби забонҳои дигар вобаста ба талаботу пешрафти замон ғанӣ гардонидани забони модарӣ саҳми назаррас дорад» [20, 90].

Бад-ин тариқ, метавон натиҷа гирифт, ки рӯзноманигорӣ дар ҷараёни фаъолияти халлоқонаи Меҳруннисо Парвиз нақши бузург дорад. Ӯ бо истифода аз зарфияту имконоти маҷаллаи худ ҳамчун минбари озод тавонистааст бо муҳимтарин масоилу пурсишҳои замони хеш посух гӯяд ва ҳамзамон ҳунару истеъдоди нависандагии худро мукаммал гардонад.

БОБИ II. ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ

Нақди муосири ҳиндӣ ба барҷастагии нақши Меҳруннисо Парвиз дар рушду инкишофи насри муосир, махсусан ҳикоя, тасвири воқеияти зиндагӣ, баррасии васеъу эътимодбахши мавзуоти рӯз, сабку биниши хосси адабӣ, ишороту таъкидҳои зиёд намудааст.

Аслан нависандагону шоирон эҷодгару офарандаи адабиёт маҳсуб мешаванд. Адабиёт пас аз зуҳуру истеҳком, мавқеият пайдо намуданаш ниёзманди таҳқиқу омӯзиш, таҳлилу арзёбӣ мегардад. Ҳадаф аз омӯзиши адабиёт метавонад гуногун бошад. Гузашта аз ин, ба адабиёт имкон дорад аз зовияву даричаҳои мухталиф бархӯрд намуд.

Аз сӯи дигар, манзур аз таҳқиқу пажӯҳиши сирф адабӣ таҳқиқест, ки ҳангоми анҷоми он табиати вижа, моҳияту сиришти адабиёт, вазифаву мақсадҳои он мадди назар аст. Воқеан эҷодкори адабиёт инсон аст. Инсон адабиётро барои рафъи эҳтиёҷоти хеш меофаринад. Дар ин замина муҳимтарин ва аслитарин мавзуъҳо ё дарунмояҳои адабиёт мавзуи инсону ҷомеа ба шумор меравад.

Дар ин миён набояд фаромӯш кард, ки шаклпазирӣ ва ташаккули инсону ҷомеа дар давоми таърих сурат мегирад. Дар ҷараёни таърих аст, ки завқу салиқа, ниёзмандҳои инсон дучори тағйиру таҳаввул мешавад. Табиати инсон низ маҳсули табиат нест, баракс мутааллиқ ба ҷомеа аст.

Маҳзи хотири ин бунёди зарурати ҳар таҳқиқи адабиро бархӯрди нигоҳи ҷустуҷӯгарона ба инсон ва таърихи ҷомеаи инсонӣ ташкил медиҳад. Бидуни шинохти ин бунёд адабиётшиносӣ имкон надорад вуҷуди комилу инкишофи озод дошта бошад.

Ҳар нависандаву адибе метавонад дар хилвату гӯшанишинӣ дур аз дигарҳо машғули эҷоду офариниш бошад, вале ӯ имкони гурез аз ин воқеиятро надорад, ки фардияти ӯ маҳсули инкишофи ҷамъиятӣ аст. Асбобу абзори нависандагии ӯ –

нутқи инсонӣ, вожагони забон моли ҷомеа аст, ки дар имтидоди замон, таърих, ба сарҳади камолу пухтагӣ расидааст.

Агар бипазирем, ки ҳунарманд, нависандаву адибе агар бихоҳад расму суннати шаклгирифтаву ба расмият шинохташудаи санъати суханро нодида бигирад, ё онҳоро рад кунад, вале дар ҳар ҳолату вазъияте маҷбур аст бо онҳо бисозад. Мункир шудан аз вуҷуди пайванди муштараки адабиёту ҷомеа дар воқеъ хаёле беш нест.

Аз ҷониби дигар, масъала танҳо марбут ба ин намешавад, ки адабиёт ҳамеша дар чаҳордевори ҷомеа офарида мешавад ва нависанда қодир нест дар ҳини эҷодкорӣ чигунагии инкишофи пешини ҷомеаву адабиётро, ки бахше аз зиндагии маънавии ҷомеа аст, фурӯгузор кунад. Масъала бо назардошти ин нукта печидатар мегардад, ки хоҳиш ё ҳадафи аслии нависанда зимни эҷод хоставу нохоста маънии иҷтимоӣ ба худ касб мекунад. Новобаста аз он ки он ҳадаф ҷанбаи мусбӣ дорад, ё манфӣ.

Дидгоҳҳои як ҳунарманд дар асар шояд барои насли имрӯзу оянда ҷанбаҳои неку омӯзанда дошта бошад, ё барангезандаи эҳсосоти нақиби инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, некукорӣ бошанд. Ё баръакс, ҳадафи зиддииҷтимоӣ, зиддиинсониро дунбол кунанд. Таҳқиқи масъалаҳои зикршуда дар асл таҳқиқи раванди таърихӣ – адабӣ, мазмуну муҳтавои муайян ва шакли муайяни эҷодиёти адабӣ ё бадеӣ мебошад, ки дар чаҳорчуби инкишофи ҷомеа сурат мегирад. Ҳамзамон ба ин маъниву моҳият ва арзишҳои иҷтимоии падидаҳои адабӣ кушода мешавад. Ин ду рукн заминаҳои иҷтимоии улуми адабиро нишон медиҳад.

Матлаби дигаре, ки дар пайванд бо ин мавзуъ қобили қайд аст дарку маърифати ин нукта аст, ки вазифаи адабиётшинос танҳо иборат аз шарҳу тавзеҳи сабабҳои зуҳури ин ё он асари бадеӣ дар давраи муайян, тавсифи банду басти он, сохтори дарунии асар, равшансозии шароити таърихиву иҷтимоӣ, зебошинохтӣ ва фардиву равонии он нест. Вазифаи он ҳамзамон иборат аз фароҳамсозии дарку фаҳми зебошинохтии падидаҳои адабиёт аст. То бад-ин восита роҳ барои наслҳои

имрӯзу оянда ҷиҳати дарки офаридаҳои адабии замонҳои мухталиф боз гардад, бинишу ҷаҳонбинии онҳо вусъат пайдо намояд.

Заминаи инсонии адабиётшиносӣ, вазифаҳои он печида ба хусусиятҳои хоссу нозуки даврахои гузашта аст. Бо мақсади ин ки барои хонандаи имрӯз ё инсони муосир дарку шинохти комили офаридаҳои муҳими пешиниён, арзишҳои волои адабӣ осон гардад муҳаққиқонро лозим аст ба донишҳои ҷомеашиносӣ такявар бошанд.

Бо назардошти афкори мазкур дар ин бахш шебу фарози масоили иҷтимоиро дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

2.1. Бозтоби ҷойгоҳи занон дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз

Мавзуи зан, мавқеияти он дар конуни хонаводагӣ, дар ҷомеа, вазъи ҳуқуқии занон аз зумраи мавзуъҳое мебошад, ки дар адабиёти тамоми қавму миллатҳо мавҷуд аст. Зеро қарнҳост, ки таззоди пинҳону ошкор дар шеваи бинишу ҷаҳонбинии мардон нисбат ба занон дида мешавад. Бо вуҷуди пешрафти сатҳи саводу дониш боз ҳам дар бисёре аз ҷавомеъ ҳозир нестанд бипазиранд, ки занон бо мардон баробарҳуқуқанд. Дар бисёре аз кишварҳо занон вазъи нохушоянде доранд. Ҳуқуқҳои онҳо поймол мешавад. Гиребонгири ранҷу азобҳои зиёданд. Дар бархе аз давлатҳо занон аз одитарин ҳуқуқҳо маҳруманд. Албатта инсонҳо ва хосса худи занҳо дар пешорӯи ин беадолатӣ хомӯш намешинанд. Бо ҳар роҳу воситае, ки бошад мубориза мекунанд. Ин талошу мубориза замоне аҳамияту арҷи чашмрас пайдо мекунанд, ки дар осори нависандагон тасвиру инъикоси бадеӣ пайдо намояд: «Адабиёт ҳамеша оинаи зиндагӣ будааст ва ин рисолати худро дар тӯли ҳазорсолаҳо иҷро карда меояд. Сарфи назар аз он ки дар шароити кунунӣ воситаҳои дигари иттилоотӣ дар ҳаёти маънавии инсоният бештар нуфуз пайдо карда истодаанд, ин вазифаи адабиёт беш аз ҳар вақте мубраму муҳим мегардад. Осори ҳунарӣ аз ҷумла асарҳои адабӣ маҳсул ва натиҷаи равандҳои

зеҳниву ҳис ва равонии инсоният буда, ба хотири таъсир расонидан ба афкору андеша офарида мешаванд» [130, 195].

Агар аз ин зовия ба пайроҳаи эҷодии Меҳруннисо Парвиз бингарем, маълум мегардад, ки дар осори адабии вай пардохтан ба масоили иҷтимоӣ ва махсусан мушкилоти зан дар ҷомеаи Ҳиндустон яке аз масъалаҳои калидӣ ба шумор меравад. Аз сӯйи дигар, ин рисолату масъулияти як нависанда дар назди ҷомеааш мебошад. Нависанда ҳақ надорад ба он чи дар қаламрави ҷомеа мегузарад, бетараф бошад. Ба масъалаи пайванди нависандаву ҷомеа, раванди таърихӣ бисёре аз мунақидону адабиётшиносон ишорат намудаанд. Ба қавли В. Г. Белинский: «Ҳар як асари ҳунарӣ ҳатман дар пайванд бо давру замон, раванди таърихӣ, иртиботи ҳунарманду ҷомеа қобили баррасӣ аст, таҳлилу арзёбии зиндагӣ ва хулқу анвори он низ метавонад гиреҳкушои бисёре аз масоили офариниши асар бошад» [65, 284].

Тарҳу бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз пуршуморанд. Албатта ҳадаф аз тасвиру инъикоси воқеияти мавҷуд беҳбуду ислоҳи ҷомеа аст. Вале тааммул дар бархе аз навиштаҳои нависанда касро ба ин натиҷа мерасонад, ки дар доманаву умқи камбуду нуқсони ҷомеа танҳо гунаҳкор касони алоҳида нестанд. Мушкилоти ҷомеаро дар маҷмуъ намояндагони тамоми табақоти ҷомеа афзунӣ мебахшанд.

Фақру нодорӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, побандӣ ба урфу одат ва расму русуми шаклгирифта дар зеҳнияти мардум якҷо барои ҷомеа ва табақаи беҳимояти он мушкилзо мешавад. Барои равшан гаштани масъала муносиб аст аз ҳикояи «Нахли бесамар», ки яке аз ҳикояҳои калонҳаҷми ӯст, мисол овард. Нахустин чизе ки зимни мутолиаи ҳикоя ҷалби назар мекунад 30 бахши хурду бузурги ҳикоя аст. Ба назар чунин мерасад, ки адиб дар ҳар бахше бо шеваи хосе барои тарсими ҳадафи аслӣ – нишон додани сатҳи пасти зиндагии мардуми нодор, иҷтимои ақибафтода, мазҳари зиндагии мардуми ҷомеа, вуҷуди расму анъанаҳои роиҷ, ки бо доштани пешинаи тӯлонӣ дар зеҳнияти мардум сахт нишастаанд, гом бардоштааст.

Дар матни ҳикоя ҳар тасвире аз манзараҳо, ҳалли вуқӯи падидаҳо, зикри мавҷудоту махлуқот, хулас ҳар калимаву вожае мақсадеро пешорӯ дорад. Ҳикоя бо тасвири саҳрои гандумзор ва тасвири зеҳннишине аз гандуми расида оғоз мешавад: «Дар саҳро тамошои хӯшаҳои сарнишеби гандум ба кас фараҳ мебахшад. Гандум гӯё духтари нозукандоме буду хӯшаҳояш гӯшворҳои гаронбаҳои тиллоӣ» [39, 104].

Дар як нигоҳи сатҳӣ ба зеҳн чунин натиҷае мерасад, ки манзури нависанда инъикоси тавсифии гандумзор аст. Вале дар асл тамоми масоили хурду бузурги ҳикоя атрофи ҳамин гандум мегардад.

Ҳикоя бо зикри нишонаи хонаи қаҳрамони асосӣ Нимра, ки дуртар аз гандумзор аст, идомат пайдо мекунад. Нимра аз хонаводаҳои фақиру камбизоатест, ки барояш ҷуз тамошои гандумзор чизи дигаре намемонад. Зеро на замин дораду на сарвату моли қобили мулоҳиза.

Ба қавли ровӣ «....зиндагии Нимра бениҳоят қашшоқона ва фақирона буд.... Нимраву занаш ҳар рӯз дар заминҳои дигарон кор мекарданд» [39, 104].

Ишорат ба ҷузъиёти зиндагӣ ва гӯшаҳои мухталифи конуни будубоши қаҳрамони аслии асар Нимра ё ба қавли дигар таъкиди ҷузъиёти алоҳида ба хотири тасвири маъмулӣ ё фазосозӣ нест, балки қадам ба қадам нақкошӣ ё таҷассуми симои ҷомеаест, ки барои сокинонаш ҳазору як мушкил дорад.

Ҷузъиёте, ки дар матни асар дода мешавад метавонад банду баст, нишона ва сурати гуногун дошта бошад. Масалан, ишорат ба як дарахт, як паранда, як гӯшаи хона, ба ашёе аз асбобу анҷоми хона, ба калима ва таркибе аз нутқ ё муколамаи қаҳрамон метавонад нақши ҷузъиётро бозӣ кунад. Ҷузъиёте, ки дар алоҳидагӣ гӯё беаҳамияту ночиз аст, вале дар асл дар таркиби комили матн ҳама аҷзо пайванди маъноӣ пайдо мекунанд ва ба ҳадди маънирасонӣ даст меёбанд.

Лозим ба қайд аст, ки ҷузъиёт дар як асари ҳунарӣ шароиту имконоти васеъро барои эҷодкор фароҳам месозад. Бо кумаки ҷузъиёт ӯ метавонад аз тавсифу шарҳу баёни дунболадор худдорӣ кунад. Аз сӯйи дигар, як ҷузъи баҷову

шоиста ба зеҳну ҳуши мухотабон низ метавонад таъсиргузор бошад, мухотабро барангезад, ба фикру андеша водораш созад.

Дар адабиётшиносӣ зимни таҳлилу арзёбии асари ҳунарӣ яке аз мафҳумҳои пуристеъмол ин нақш (сурат) ё образ аст. Изҳору баёни матолиби адабӣ бе корбурди ин мафҳум муяссар нест. Воқеан нақшу сурати бадеӣ дар асл акс ё манзараи зиндагии инсонист ва ҳамеша саршору моломол аз маъниву моҳияти инсонист. Ба андешаи адабиётшиносон таваҷҷуҳи як ҳунарманд дар аснои офариниш ба моҳияти инсонии падидаҳои атроф мутамоил аст. Бозигарони як асари ҳунарӣ метавонад ҳайвонот, дарахтон, ашё, кайҳон ва доштаҳои он бошад. Ҳама чиз имкон дорад назари нависандаро ба худ бикашад. Вале замоне ки сухан аз инсон дар миён аст, пеш аз ҳама худи ӯ мавзуи тасвир аст ё ҳангоме ки нависанда мехоҳад саҳнаҳоеро аз табиат муҷассам созад, миёни аъмоли ӯ боз ҳам мавзуву моҳияти инсон ва манофеи вай дар мадди аввал меистад.

Аслан инсон ва ҷомеаро ду шакли аслӣ ва муҳими ҷараёни маърифат шинохтанд ва мусаллам аст, ки инкишофи онҳо сабаб шуда, то тамоми рухдоду падидаҳо дар заминаи ин ду рукн таҳлилу маънидод гардад. Равшан аст, ки миёни ин ду таззодҳое мавҷуд аст, аммо инсонҳо дар ҷомеаи инсонӣ зиндагиву фаъолият ва эҷод мекунанд, ин моро ба ин натиҷа мерасонад, ки мавзуи адабиёт инсон ва тамоми муҳитест, ки дар кору фаъолият ӯро иҳота намуданд. Барои равшан гаштани матлаб бармегардем ба ҷузъиёти аввал «гандум», ки дар оғози ҳикоя омадааст. Нависанда аз гандум ҳамчун растание ном мебарад, ки дар дили саҳро бо вуҷуди худ зебоӣ, шукуҳ, ҷаззобияти нишотангез офаридааст. Ин як нигоҳи сарироҳӣ ва ё нигоҳи зудгузар аст.

Гандум замоне моҳияти иҷтимоӣ пайдо мекунад, ки аз он ҳамчун хӯрока, пояи аслии зиндагии инсонҳо ёд мешавад. Агар чархиши чархи иҷтимоъ вобастаи вуҷуди инсонҳост, пас он чи ки ба инсонҳо дар ин чархишҳо нерӯи иҷтимоӣ медиҳад гандум аст. Бо андаке тааммул дар атрофи ҷузъиёти аввал равшан мешавад, ки дастрасӣ ба гандум барои аҳли ҷомеа, ки қарор аст мавриди тасвир сурат бигирад, кори осоне нест.

Ҷузъиёти дигаре, ки дар бахши нахустини ҳикоя муҳим ба назар мерасад зикри аъзои хонаводаи Нимра ва дороии онҳост: «Се духтар, як писар, як гала хурӯсу мурғу чӯҷаҳо – ҳамаи инҳо дунёи Нимра, оилаи ӯ, сарвату дороияшро ташкил медоданд. Чархи зиндагонии Нимра маҳз дар атрофи инҳо чарх мезад» [39, 104].

Маъмулан фазои фақру нодорӣ дар худ муҳит, зеҳнийат, ҷаҳонбинии хосро бунёд мекунад. Бошандагони чунин ҳолу ҳаво хеле зуд ба он одат мекунанд, мутеъ мегарданд. Ҳастии хешро ба созу барги ҳамон муҳит созиш медиҳанд. Муҳим аз ҳама бо доштаҳои хеш қаноат мекунанд, ва гоҳо моликияти худро бартар аз ҳама чиз мешуморанд.

Дар хонаи Нимра низ ин дорой миёни фарзандон тақсим шудааст. Яке соҳиби хурӯс, дигаре молики мурғ, севум бо мурғаки хеш менозад. Ҳар яке бо дороии худ ба гунае шавқу алоқа дорад. Ҳар як роҷа бо моли худ қиссаву афсонаҳои марғуб дорад. Пҳулон, Тҳора, Ҳора ва Тесва номҳои фарзандони Нимра ҳастанд. Ҳар якеро вижагии хосси равониву ахлоқист, ки зимни муколамаҳо, вуқӯи рухдодҳои дохилихонаводагӣ, муомилаву муошират бо мардум, арзёбии мавзуоти маишӣ пеши назари хонанда боз мешавад.

Яке аз шеваҳои расидан ба манзили мақсуд, баёни ҳадафи ниҳоӣ, инъикоси гӯшаҳое аз макони будубоши бозигарони аслӣ аст. Маконе, ки аз ҷонибе намунаи тарзи ҳаёти онҳост. Онҳо бо вуҷуди гӯшаи мавриди назар, ки дар қаламрави худ сокину асбобу абзоре доранд, одат кардаанд. Муҳити зиндагии фақирона миёни мардум ва ашёву махлуқоту мавҷудоти перомунашон забони хосе эҷод мекунад, ки онро мешавад забони нигоҳ, забони ишорат ё тафоҳум номид. Бо неруи ин забон матлабу хостаҳои хешро баён медоранд, якдигарро дарку фаҳм мекунанд.

Аз ин рӯст, ки дар осори бадеӣ канор рафтан аз масири ривоят ва таваҷҷуҳ ба ин гӯшаҳо беҳуда нест. Масалан тасвире аз бахши ҳавлии Нимра, ки андешабарангез аст: «Дар як тарафи саҳни ҳавлӣ як ғарам таппакро тал зада буданд ва ҳоло дар сари баландии ин теппа хурӯси ҷангии болу параш сурх бодиққат ба гирду атроф менигарист. Аз он баландӣ назора кардани ҷойҳои дур,

хусусан тамошо кардани бо даву тоз дон хӯрдани мурғон ба хурӯс хеле мақбул афтода буд» [39, 104].

Бозтоби ин саҳна, ки дар дили як кулбаи фақрзада ҷойгузин аст, дар асл яке аз рукнҳои муҳиму созандаи ин хонавода аст. Дар боло хотиррасон гардид, ки хурӯс, мурғони хона хеле пеш миёни фарзандон аз ҷониби Нимра тақсим гардидаанд. Дар чаҳордевори хонавода ин мавҷудот дар таъмини маишии хонавода саҳме доранд. Мурғон тухм мекунанд. Хурӯс дар мусобиқаҳои хурӯсҷанг иштирок мекунад ва ғолибияташ барои хонавода даромад мешавад. Хурӯс моли Пҳора аст ва онро хеле дӯст медорад. Маҳзи хотири ин замоне ки масъалаи куштани хурӯс барои зиёфати меҳмонҳо пеш меояд ӯ қатиян ин амрро қабул намекунад. Муколамаи Пҳора бо Пҳулон дар иртибот бо ин мавзуъ хеле ҷолиб аст. Пҳулон хоҳари хурдӣ ба апааш Пҳора мегӯяд:

« – Апаҷони азиз, ба ёд дорӣ, ки вақте ки падарам чӯҷаҳоро миёни мо тақсим кард, ҳамон вақт гуфта буд, ки дар вақти зарурат пеш омадан, ҳар кас метавонад мурғаки худро кушад ё фурӯшаду ба мурғи дигар кас чашми тамаъ надӯзад. Фаҳмидӣ! – нимшухиву нимҷиддӣ мефаҳмонд Пҳулон.

– Ҳамааш дуруст, лекин хурӯсаки ҷангии ман яктост! Мефаҳмӣ як-т-а. Хурӯсаки ман хурӯс не, хурӯсҷон аст. Хурӯсҳои туву Ҳора ҳанӯз ҳам хурӯсчӯҷаанду ин мокиёнҳо ҳеҷ ҳадду ҳисоб надоранд, - норозигӣ мекард Пҳора» [39, 106].

Аз ҷараёни ин порча ҳувайдост, ки заминаи зуҳури шаклгирии чунин бинишу бардоштҳо бастагии зиёд ба вазъи зиндагӣ ва сатҳи он дорад.

Дар бахши якуми ҳикояи «Нахли бесамар» баъд аз зикри чанд ҷузъиёт ва омодасозии хонанда ба дарку фаҳми дарунмояи аслӣ бозтоби ҷараёни асосӣ шурӯъ мешавад. Пҳулон духтари аз ҳама хурдии Нимра барои овардани ҳезум ба ҷангал рафта хаставу куфта ва муҳимтар аз ҳама гуруснаву шалпар ба хона бармегардад. Пҳулон «Раҳ ба раҳ аз дил мегузаронид, ки ҳамин ки ба хона расад, дарҳол аз апааш нон мепурсаду ҳатман мегӯяд, ки дар ҷангал меваи дарахти маҳуа

(дарахтест, ки баргу гулу самараш ҳамчун ғизо истифода шуда, аз меваи он шароб низ омода карда мешавад - Л. А.) пухта расидааст» [39, 105].

Инъикоси воқеияти иҷтимоӣ ва масоили он дар аксари ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз аз ҷумла «Нахли бесамар» зина ба зина бо пеш кашидани саҳнаҳои зиндагии қаҳрамонон, тасвири ашёҳо, таъкид ба аносири муҳити атроф, мавқеияти маҳаллаи сукунат ва ғ. сурат мегирад, ки ин тарзи нигориш дар навбати худ гувоҳи шеваи воқеънигорӣ дар адабиёт аст.

Ба андешаи муҳаққиқи эронӣ Манучеҳри Ҳақиқӣ: «Реалистҳо тахаюлро рад карда, қавонин ва диди илмиро вориди адабиёт кардаанд. Таҳлили шароити иҷтимоӣ ва зиндагии муосирро ҷойгузини бозгашт ба гузашта ва таваҷҷуҳ ба сарзаминҳои дурдаст намуданд ва бардошти айнгароро ба ҷойи диди зеҳнӣ ва дарунӣ қарор додаанд» [92].

Нуктаи дигаре, ки дар ин қисмат қобили мулоҳиза аст, ҳузури пинҳону ошкори нависанда дар асар аст, ки дар асл намудори шахсияти ҳунарманд аст. Шахсияте, ки ба ҳама падидаҳои тасвиршаванда назару мавқеияти хос дорад ва ҳадафи муайяни ӯ бунёди асарро ташкил мекунад.

Баёни воқеият дар коргоҳи ин нависандаи воқеънигор моҳияти ҳамагир, ҳамагонӣ дорад. Ин воқиеят инсону ҷаҳони ботиниву зоҳирии ӯро, муҳити зиндагиашро фаро мегирад. Ҳамзамон воқеияти айнӣ, дар ҷаҳони хорич, дар инъикоси муҳити перомун, авзову ҳолатҳо, муносибот ба зуҳур мерасад ва бо гузашти замон ба даруни қаҳрамон нуфуз мекунад, зеҳну хулқу атвор ва руҳу равонашро таҳти таъсир қарор медиҳад. Дар чунин маврид нависанда ба таври ҳатмӣ, мустақил дар матн ҳузур пайдо мекунад, шарҳу тавзеҳоти лозимаро анҷом медиҳад.

Дар ҳикояи «Нахли бесамар» зимни ривояти бозгашти Пҳулон як нукта таъкид шуда, ки тааммулбарангез аст: пайванди инсонҳо бо табиат. Ҷангал, ки канори ҷомеаи инсонҳо вуҷуд дорад, манбаест барои гармобахшӣ. Аз сӯйи дигар, метавонад сарчашмаи хӯроку ғазо бошад. Танҳо зимни нигариши таҳқиқ бояд таъйин намуд, ки чи ниёзу эҳтиёҷе инсонҳоро ба ҷангал мекашад?

Бозгашти Пҳулон аз ҳезумчинӣ саҳнаи дигареро пеши назари мухотабон гардон мекунад, ба дигар сухан моҷарои аслӣ, ки созу барги ҳикояро ташкил медиҳад ба хонанда маълум мегардад. Пҳулон баробари бозгашт аз ҷангал аҳли хонаро машғули кору саргармӣ мебинад ва хабар медиҳад, ки хонаи онҳо хостгорҳо меоянд. Ин хабар авзои печидаи хонаводаро ошуфтатар месозад.

Хостгорӣ, ки муждаи хушоянде аз бунёди хонаводаи нав аст, барои Нимра ва завҷаи ӯ изтиробу нигаронӣ эҷод месозад. Онҳоро дар баробари расму ойинҳои қарнҳо шаклгирифтаву собитшуда дар ҷомеа қарор медиҳад.

Бояд дар ҷараёни хонадоршавӣ тамоми расму русум, ҳамон гуна ки пешиниён фароҳам сохтаанд, иҷро шаванд. Андеша дар атрофи ин масъала Нимраро ба ёди рӯзгорони гузашта, хонадоршавиаш меорад ва зимнан он замонро бо зиндагии имрӯзааш қиёс мекунад: «Агар духтарони мо боорӯ, аз рӯйи расму русуми бобоӣ арӯсӣ карда, ба хонаи хусуру хушдоман раванд, медонӣ барои қавми мо чӣ гуна боиси ифтихор аст. О худи ману ту ҳам ҳама расму таомулро риоя карда, ҳамаи маросимҳои лозимаро иҷро карда хонадор шудем-ку?» [3, 108-109].

Мояи нахустини нигарониву изтироби Нимраву ҳамсараш он аст, ки худое накарда маслиҳати онҳо бо хостгорҳо напазад ва онҳо бидуни расидан ба созишу мувофиқат тарки хонаи ӯ кунанд? Зеро дар замонае ки онҳо зиндагӣ мекунанд барои духтарон номзади муносиб ёфтан мушкил аст. Онҳо боварии комил доранд, ки «Одамони бой ҳеҷ гоҳ ба камбағалон хешӣ намекунанд, мардуми фақир бо қавми худ додугирифт мекунанд» [39, 108].

Аз сӯйи дигар, тасаввури хароҷоти беш аз ҳади тӯй онҳоро афсурдаву ғамгин месозад: «Ҳозир зӯри кӣ мерасад, ки ин хел тӯй кунад. Кӣ меҳмонҳои зиёдеро мехӯронад, кӣ он қадар хароҷоти миёншиканро бардошт карда метавонад, ку бигӯ! Кӣ метавонад? Бахти ману ту будааст, ки тавонистем он хел тӯйро бинем. Замона ҳам замонаи арзонӣ буд. Лекин ҳозир одамон, ки ба дигарон меҳнати кироя мекунанд, ҳеҷ вақт он хел тӯй дода наметавонанд» [39, 109].

Масъалае дигаре, ки боиси ташвиши Нимра аст асбобу анҷом ё ҷиҳози арӯсист, ки бояд барои духтарон таҳия шавад.

Гуфтугӯҳои мутазоде миёни зану шавҳар эҷод мешавад. Тарафи хостгор соҳиби се писар аст. Нимра хеле дилаш мехост, ки ҳар се духтарашро ба онҳо диҳад. Вале модар андешаи дигар дорад. Аз ҳусни нисбатан нозебои духтари калониаш Пҳора нигарон аст, ки мабодо ӯро хуш накунанд: «Ҳаминҳое, ки барои хостгории Пҳора меоянд, кошки духтарро хуш мекарданд. Доим барои Тҳора дилам хавотир аст. Ҳора бошад, хушрӯяк аст. Аз вай дилам пур. Кай ки бошад, бо хушиву хурсандӣ меравад» [39, 108].

Хостгорӣ бо риояти тамоми талаботу иқтизояш анҷом мешавад. Аммо дар рафти он масъалае, ки қобили фикру мулоҳиза аст ҳеҷ шуморидани шахсият, ҳуқуқ ва назари худи духтарон аст. Аз ҳеҷ каси онҳо ризоият намепурсанд.

Агар Пҳора хоҳони ин арӯсист, бар хилофи ӯ хоҳараш Тҳора комилан розӣ нест. Зеро ӯ каси дигареро дӯст медорад. Аммо дар пеши воқеияти ногузири рӯзгор, ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад, эътирозе наметавонад бикунад. Хостгорӣ, ризоияти ду ҷониб ба ҳам мерезад, ки тасвираш дар ҳикоя хеле дилчасп омадааст: «Дар паси дарҳои бастаи хоначаи дарунӣ ашки чашмони Ҳора рухсораҳояшро шуста, ба гарданаш мерехтанд. Ранги рӯи Ҳора сап-сафед канда буду аз шиддати эҳсоси дардолуд хаёл мекард, ки дилаш дар қафаси сина лахта-лахта шуда истодааст. Ҳа, дуруст аст, ки дар бораи арӯсиаш орзуҳои зиёде мекард, лекин на ба ин тарз!» [39, 111].

Омодагӣ ба тӯйи духтарон дар зиндагии Нимра саҳифаи дигареро боз мекунад. Ӯ, ки аз моли ҷаҳон чизе дар ихтиёр надорад дар ҷустуҷӯи қарз мешавад то рафъи эҳтиёҷ кунад. Амри қарзхоҳӣ ва қарзгирӣ ҳам дар тӯли қарнҳо низоми собиту устуворе пайдо намудааст. Махсусан, дар ҷомеаҳои фақрзада паёмадҳои нохушоянде дорад. Нахустин талаби қарздеҳ доштани кафолат ё замонат дар муқобили қарз аст. Шояд муаассиртарин бахши ҳикояи «Нахли бесамар» дар чаҳорчӯби моҷарои қарз нуҳуфта бошад. Ошноӣ бо ин бахш вазъи аслии ҷомеаро, воқеияти айниро нишон диҳад.

Нимра ба хотири қарз, ки бо дарёфти он бояд расму суннати мавҷударо дар баргузории тӯйи духтаронаш ба сомон расонад, ягона писараш Тесваро ҳамчун кафолат пешниҳод мекунад.

Лакҳо-хола, ки шахси сарватманди бозорнишин аст, пас аз шунидани матлаби Нимра ва пешниҳоди писараш ҳамчун кафолат таконе мехӯрад ва мегӯяд: «- Чӣ? Чӣ гуфтӣ? – дасти Лакҳо-хола, ки ба истакон чой мерехт, ларзид, - ҳамин қадар бачаҳаки хуба ба бой туҳфа мекунӣ?

Чи кор кунам. Тӯйи духтаронам. Ҳамқавмонро бояд зиёфат диҳам, ҷиҳози арӯсиро муҳайё созам, хулоса як гала хароҷот.

- Ақлатро хӯрдӣ?! Ту барои ҳамқавмону хароҷоти нодаркор писаратро барои адои кафолат медиҳӣ?

- Ҳа, гапат дурусту лекин ин иззату обрӯи худам аст. Як фикр кун! Ҳамаи ҳамқавмон ҳурмату эҳтиром мекунанд. Ду духтарамро бароварда истодаам» [39, 114].

Нимра шабро дар пеши Лакҳо-хола ба рӯз мерасонад ва рӯзи дигар аз бойи мағрур Дангилол бо ивази замонат 1000 рупия қарз мегирад. Бар ивази ин қарз писараш Тесваро ба муддати ду сол барои меҳнати кироя назди бой нигоҳ доштанд.

Шунидани ин хабар ба Нимра сахт таъсир намуда, нафасаш танг мешавад. Писари Нимра Тесва, ки оқибат ба умқи масъала пай бурда буд, беш аз ҳама андӯҳгину ғамбор гардида буд. Ҳолату фазои рӯҳии Тесва дар ҳикоя бисёр муассиру дилчасп мунъакис гардидааст. Дар ҳар асари адабӣ офаридани фазоҳои маънирасон ниҳоят муҳим аст. Ҳар асаре ба ҷуз ривоят бояд ҷанбаи ҳиссӣ дошта бошад, ки барои дарку фаҳми он аз ҷониби хонанда пураҳамият аст. Ҳар асаре бояд ба мухотаб ба ҷуз дониш таассуроти мухталиферо пешниҳод намояд. Барои офариниш ё сохтани як фазои муносиб тавсиф нақши корсоз дорад. Аз ин нигоҳ тавсифи руҳияи Тесва пас аз мондан дар хонаи бой қобили мулоҳиза аст: «Вақти нонхурӣ Тесва каме ором гирифт. Гиряро бас кард. Вақте нон ба шикамаш расид, худро каме бошад ҳам, боқувват ҳис кард. Барзаговҳои дар рӯбарӯяш бударо

хомӯшона тамошо мекард. Фикр мекард, ки агар падари ӯ ҳам деҳқон мебуду замин медошт, имрӯз ғаллаашро оварда фурӯхта, писарашро намефурӯхт. Падараш бошад, дар замини дигарон кор мекунад. Албатта, вақте ки вай калон мешавад, ҳатман як галла пул кор мекунаду замин мехарад. Дар заминаш пахта, ҷаву гандум мекорад. Ана баъд ба ароба бор мекунаду ба бозори ғалла меорад. Ана баъд… Ҳа! Ана баъд ҳаргиз писарашро намефурӯшад!» [39, 122].

Меҳруннисо Парвиз ҳангоме саҳнаи нохушояндеро (иҷтимоъ ё зиндагии фақиронаи Нимра) дар осораш ба тасвир мекашад, ҳамзамон барои рафъ ё беҳбуди масъала мекӯшад. Шояд ин ҳадафи ӯ ошкоро набошад, вале ӯ тухми муборизаро, саъю талошро барои ислоҳ дар зеҳнҳо мекорад, ки намунааш андешаҳои наҷиби Тесва аст, ки зикраш дар боло рафт.

Муҳаққиқ доктор Вишванатҳ Айяр дар маҷаллаи «Пунашча» роҷеъ ба вижагиҳои кори эҷодии ӯ чунин навишта буд: «Дар эҷодиёти ӯ мушкилоти тангдастиву истисмори мардуми қафомондаи бумӣ ба таври хосса инъикос меёбад. Дар асарҳои ӯ шуълаи равшани мубориза бар муқобили истисмор ва гирифтории занҳои маҳзун дида мешавад. Дар бораи халқиятҳои пасмонда навишта, мушкилоти ҷамъиятии онҳоро ба миён гузошта, мақолаву маърӯзаҳояш хеле мавриди пазириш қарор гирифтаанд» [20, 70-71].

Бояд зикр намуд, ки саҳнаҳо дар ҳикояи «Нахли бесамар» бо раводиди ровӣ иваз мешаванд. Дар ҳар гардише нависанда ба ҷузъиёте аз шеваи зиндагии мардуми мазлуми камбизоат ишорае меварзад.

Масалан Нимра бо пуле, ки қарз гирифта буд, барои духтаронаш ҷиҳози арӯсӣ ва дигар лавозими арӯсиро мехарад. Тибқи маъмул духтарон бо талаби расму русум маросими холкӯбиро анҷом медиҳанд. Зеро мувофиқи боварҳои мардумӣ холкӯбӣ сабаб мешавад, то тамоми дарду ранҷ, бемориҳо, ҷину аҷин аз вуҷуди духтарон фирор кунад.

Дар ин миён маълум мешавад Сетҳ Дангилол ба Тесва иҷозати ширкат дар тӯйи хоҳаронашро намедиҳад. Тӯй оқибат барпо мешавад бидуни ширкати

бародар: «Тҳора ва Ҳора гирякунон озими дунёи нави зиндагии худ гардиданд. Лекин Тесваро ёд карда, тамоми аҳли деҳа гирист» [39, 135].

Бояд гуфт, ки Тесва бо вуҷуди кироякор будан дар хонаи Сетҳ ба онҳо сар намефарорад. Гап дар ин аст, ки Сетҳ бо мардикорони худ, ки ғуломвор хидмат мекарданд фармон медод, ки ба деҳаҳо рафта, молу гови мардумро бидузданд, то баъдан дар бозор фурӯхта шаванд. Вақте ки ба ӯ пешниҳоди дӯздӣ медиҳанд, ӯ бо нишони эътироз аз он сар боз мезанад. Аз тасвире, ки нависанда дар шахси Тесва додааст, маълум мегардад, ки ӯ ҳарчанд дар хонаводаи мардуми нодору камбизоат ба воя расидааст, вале аз неъмати тарбият, ақлу тамиз адолату тараҳҳум, ғурури хос бе насиб набудааст. Дидани дунёи касифу ғайриинсонии табақаи доро дар шахси Сетҳ Дангилол эҳсоси ғуруру инсонияти ӯро бедортар месозад. Маҳз рафтору кирдори дигаргунаи ӯ меҳри нобаҳангомаш ба духтари Сетҳ Комила ва тарбияи духтар аз ҷониби Тесва сабаб мешавад, то ӯро аз муҳити хонаводаи Сетҳ комилан барканор кунанд.

Тасвири зиндагии Тесва дар хонадони Сетҳ як бахши ҳикоя аст, ки бо дарунмояи аслӣ пайванд дорад, вале масъалаи асосӣ тасвири зиндагии духтарон дар хонаводаи шавҳарон аст, ки ба ҳам бародаранд, мебошад.

Ҳора бо он зебоиву ҳусне, ки дорад мақбули шавҳар ва хонаводаи ӯст. Вале шавҳари Тҳора аз ин издивоҷ бо духтаре, ки зебоии қобили мулоҳизае надорад, аз ин бештар зиштрӯ ҳам ҳаст, розӣ нест. Ҳуши ӯро ҳатто зебоии зани бародараш Ҳора ба худ мекашад. Бадбахтона болои сӯхта намакоб Тҳора безурёт мебарояд.

Муҳаққиқи ҳинд Ниту П. Р., ки перомуни осори нависанда пажӯҳише анҷом дода, ба масъалаи занҳо таъкид варзида менависад, ки «Агар зан барои таваллуди фарзанд созгор набошад, яъне кӯдак ба дунё оварда натавонад, пас ба ҳамаи азобҳо тоб оварданаш лозим меояд. Ба ин мард гунаҳкор карда намешавад. Лекин барои зан бошад ин як лаънату нафрине мегардад. Мард бошад, барои фарзанд доштан зани дигар мегирад. Бо сабаби безурётӣ зан қаҳрамони шумқадам мегардад, яъне нишони таънаву маломати дигарон мешавад» [19, 182].

Манзур аз ин иқтибос ин аст, ки қаҳрамони ҳикояи «Нахли бесамар» Тҳора низ ба хотири фарзанддор нашуданаш боиси сарзанишу таънаи шавҳар мегардад. Ҳатто шавҳараш болои ӯ зан мегирад. Шавҳар мехоҳад ӯро аз хона пеш кунад, вале ӯ аз хона берун намешавад.

Ҳангоми суҳбат бо хоҳараш Ҳора бо Тҳора изҳор медорад: «Худованд маро безурёт офарида бошад чӣ кор кунам? Шохи дарахти бесамар ба боло қад мекашад. Хеле баланд мешавад, аммо самар намедиҳад» [39, 143].

Зимни ҷидолу бигӯмагӯҳо шавҳараш низ ӯро шохи бесамар хитоб менамуд. Бояд гуфт, ки Тҳора низ бо вуҷуди он, ки аз хонаводаи фақир буд ва мактабнодида, вале дунёи хосу ҷаҳонбинии васеъ дорад. Ӯ ба тақдир тан додааст, вале намехоҳад ҳуқуқи ӯ поймол шавад.

Албатта манзара ва лаҳзаҳои андешабарангез дар ин ҳикоя пуршуморанд. Баррасии ин ҳикоя гувоҳ бар ин аст, ки Меҳруннисо Парвиз дар инъикоси масоили иҷтимоӣ, нақши инсонҳо дар печидагии авзои иҷтимоӣ дорои бинишу диди хосе аст. Беҳуда нест, ки адабиётшиноси ҳинд Минӣ Самуел зимни арзёбии осори ӯ ба чунин натиҷаи матлуб мерасад: «Маҳорату зеҳнияти эҷодӣ аз назар андохтан ба ҷомеа рушд мекунад. Паҳлуҳои дарку фаҳми зиндагӣ дар эҷодиёти ӯ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ҳаёти нависандаро берун аз офаридаҳои ӯ наметавон дид» [20, 44].

Аз мурури ҳикояи «Нахли бесамар» метавон чунин натиҷа гирифт, ки вақте иҷтимоъ асири мушкилоти иқтисодӣ, маънавист, гузашта аз ин сатҳи саводу биниши мардумаш паст аст, расму суннати хурофотӣ дар фазои он ҳукмфармост, бори сангини он ба хонаводаҳои камбизоату нодор ва махсусан ба фарзандон меафтад. Дар чунин фазое воқеият дар ниҳоди онҳо як эҳсоси раҳо шудан аз бумбастро бедор мекунад, ки мисолашро дар боло дидем.

Ҳикояҳое, ки дар маҷмуаҳои Меҳруннисо Парвиз ба тарҳу инъикоси масоили иҷтимоӣ ва хоссатан мавзуи зан ва мушкилоти фардии ӯ бастагӣ доранд зиёданд, ки шарҳи бештарашонро дар зер хоҳем дид. Вале набояд фаромӯш кард, ки чигунагии сурат гирифтани шароити зисту шаклгирии раванди зиндагӣ дар

домани иҷтимоъ сурат мегирад. Дар ҷараёни инкишофи иҷтимоӣ-таърихӣ бошад, ногузир ташаккулу камоли асбобу абзор ва шеваҳои тасвири бадеӣ анҷом мегирад. Якҷо бо инкишофи умумии фарҳангу маданият, илму фан воситаҳо, ки як ҳунарманд ё нависанда дар ихтиёр дорад, камол меёбанд, ғанӣ мегарданд ва муҳити атрофро беҳбуду густурдатар инъикос менамоянд. Ҷаҳоне, ки нависанда тасвиру инъикосашро, хусусиятҳо ва авзояшро дар пеш гузошта, барои мардуми ҷомеа дар як давру замони муайян намунаву умумӣ мебошанд. Дар инкишофи зиндагии иҷтимоӣ пайваста тағйиру таҳаввул сурат мегирад, ки он барои худи адабиёт ниҳоят муҳим ба назар мерасад.

Маълум аст, ки бунёди ҷомеаи иҷтимоӣ бо вуҷуди зану мард устувор аст, вале тавре ки аз воқеияти таърихӣ дида мешавад, дар бисёре аз ҷомеаҳо занҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ бо мардон баробар нестанд. Ҳуқуқи занҳо дар бисёре аз кишварҳо помол карда мешавад. Иллати нодида гирифтани ҳуқуқу мавқеияти зан дар кишваре метавонад сабабҳои мушобеҳ ва мутафовит дошта бошад. Дар асорату побандии зан дар чаҳордевори хонавода урфу одатҳои ривоҷёфтаву решадоршуда дар ҷомеа ҳам нақши корсоз доранд. Албатта дар муқобили беадолатиҳо нисбати ҳуқуқҳои хеш занҳо хомӯшу гӯшанишин набудаанд. Таърихи ҳар кишваре шавоҳиди қобили мулоҳизае аз муборизаи пайкори занҳо дорад. Дар пайванд бо ин қайд бояд намуд, ки масъалаи зан ва муборизаи ӯ ба хотири раҳоӣ аз зиндони хонаводагӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз зиёд матраҳ шудааст. Яке аз ҳикояҳои дилчасп дар ин замина ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ» аст. Масъалаи инъикоси зан ва масоили марбут ба зиндагии ӯ дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз ба андозаест, ки аз ҷониби бисёре аз муҳаққиқон ҳамчун дарунмояи калидӣ шинохта шудааст.

Олими адабиётшинос Минӣ Самуел дар мақолаи «Меҳруннисо Парвиз – як сайри адабӣ» ба ин мавзуъ ба таври васеъ пардохта, дидгоҳҳои ҷолиберо баён доштааст. Мазкур хотирнишон месозад, ки нависанда «Мушкилоти иқтисодӣ, мушкилоти никоҳи байнинажодӣ, байнимазҳабӣ, шеваҳои нави ишқу меҳрварзӣ, муносибати маҳрамона, мушкилоти занҳои безурёт, муносибати хонаводагӣ,

муборизаи занҳои табақаи миёна, дигар шудани муносибати зану шавҳар, дарду ғами занҳои бевамонда ва ғайраро дар ин ҳикояҳо тасвир намудааст. Ӯ тавассути ҳикояҳояш доир ба минтақаи Бастар маълумоти васеъ додааст. Никоҳи як мард бо ду зан ва никоҳи як занро бо ду мард, яъне муносибати сегонаро кардааст. Баъзе воқеаҳоро аз даврони кӯдакии худ низ дар ҳикояҳояш овардааст.

Масъалаи зан ва гирифториҳои ӯ дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз дар мадди аввал аст. Саҳнаҳои мухталифро аз зиндагии занон дар ҳикояҳои худ таҷассум намудааст. Зан бояд дар ҳар вазъияте мушкилоти гуногунро пушти сар намояд. Ин занҷира аз хона шурӯъ мешавад ва то рӯзи марг ӯро дунбол менамояд» [20, 48-49].

Шриматӣ Вришалӣ Бҳаскар аз муҳаққиқони дигарест, ки маҳз масъалаи бозтоби мушкилоти хонаводагӣ ва ҷойгоҳи занро дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мавриди таҳлилу арзёбии муфассал қарор додааст. Ба андешаи мавсуф ба ҳам омадан, созиши зану мард бузургтарин неъмати як ҷомеаи мутамаддин аст. Беҳуда нест, ки дар миёни афкори ҷамъиятӣ, зеҳниву фарҳангӣ масъалаи муносибати зану мард ҳамеша ҳузури барҷаста дорад. Зуҳуру шаклгирии никоҳ падидаи нодире дар қонуни хонаводагӣ ба шумор меравад.

Ба андешаи номбурда ин масъала, яъне, муносибати зану мард, масоили хонаводагӣ дар тӯли таърихи адабиёт ҳамвора мавриди назари адибону нависандагон будааст, вале бозтобу инъикоси он махсусан дар таълифоти Меҳруннисо Парвиз ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд. Матлаби дигаре, ки зикраш муносиб аст, ин аст, ки муҳаққиқ Шриматӣ Вришалӣ Бҳаскар пеш аз шарҳу баёни масъала дар ҳикояҳои нависанда нигоҳе ба ақидаву афкор ва назаргоҳи ҳоким дар ҷомеа нисбат ба зану мард меандозад.

Ӯ хотиррасон менамояд, ки дар ҷомеаи ҳиндустонӣ занро «нимтан» ва гоҳо «ҳамсари никоҳӣ» мегӯянд, ки маъноаш – «ними мард зани ӯ аст» – мебошад. Шахсияти мард то замоне ки побанди никоҳ нест, комил ҳисобида намешавад. Ба навиштаи муҳаққиқ «Пас аз ақди никоҳ шахсияти мард комил шумурда мешавад. Зан ангезаву илҳомбахши дину қонун, вазъу сиёсату ҳолат ва умури мухталиф

мебошад. Мардон бидуни ақди никоҳ ҳеҷ амали диниро оғоз карда наметавонад. Бе зан мардро ҳастӣ ва занро арзиш нест.

Зан набояд фахр кунад, ки ман аз шавҳар бузург ҳастам, инчунин шавҳар низ набояд биболад, ки офаридгор ҳама бартариву афзалиятро насиби ӯ гардонидааст....Ҳар ду бо он тори муқаддаси муҳаббате пайванд бошанд, ки дар он ғуборе нест. На ғуруре аст ва на хусумату нафрате» [44, 62].

Дар мақолааш мазкур изҳори таассуф мекунад, ки дар амал дар чаҳорчӯби ҷомеа воқеият дигаргуна аст, ки инъикоси онро дар асари адабӣ равшан мебинем.

Дар боло хотирнишон гардид, ки миёни таълифоти Меҳруннисо Парвиз ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ» аҳамияти хос дорад, ки ҷузъиёташро дар зер бозрасӣ мекунем.

Асоси сужаи ҳикояро моҷарои ишқи Амит ва Нандита ташкил медиҳад. Хонаводаи онҳо дар назари аввал бар пояи ишқу муҳаббат бунёд шудааст. Таҳсили муштарак дар коллеҷ онҳоро бо ҳам пайванд медиҳад. Нандита дар ҳаёти коллеҷ нақши фаъол дорад. Духтари зебошамоил, тезҳуш, ҳамгом бо замона аст. Вале пас аз издивоҷ даврони тиллоӣ, озодӣ барои ӯ тамом мешавад. Шавҳари ӯ Амит, ки дар зоҳир мафтуни ҳусну ҷамол ва дӯстдори ӯст, дар асл вуҷуди ӯро барои рафъи ниёзҳои шаҳвонии хеш истифода мекунад. Тамоми иртиботи берунаро барои вай қатъ месозад. Амит марди худхоҳест, ки ягона ҳадафаш бой шудан, ба даст овардани пулу моли зиёд аст. Бинишу пазириши ӯ дар ҷаҳон ва масоили ҷаҳонӣ тамоман мутафовит аст. Вай ба ҷуз худ ҳеҷ касеро дӯст намедорад. Аслан зуҳури фарзанд, ки нишони одамӣ ва идомаи зиндагии инсонист, барои ҳар падару модаре падидаи хушояндест. Амит замоне ки аз ҳомиладор будани Нандита хабардор мешавад, ҳеҷ аксуламали нишотангезе аз худ нишон намедиҳад, баръакс табъаш хира мешавад.

Пас аз марги фоҷиавии Амит Нандита аксар рӯзгори гузаштаи бо ӯ буданро пора-пора ба хотир меорад. Ҷузъиёти зиндагии модиву маънавиашро аз зеҳнаш мегузаронад. Меҳруннисо Парвиз дар инъикоси чеҳраи воқеии қаҳрамононаш бисёр чирадаст аст. Ровии ҳикоя зимни баёни матлаб талош менамояд то ҳеҷ

гӯшае аз рӯзгори қаҳрамон чи фардиву чи иҷтимоӣ, ҷаҳоннигарӣ, рафтору кирдораш аз мадди назар дур намонад. Яке аз тарзҳои баёни эҷодии нависанда дар он зоҳир аст, ки костагиҳои фикриву зеҳнӣ ва ахлоқӣ, ҷанбаҳои манфии қаҳрамонашро зикр намесозад. Ин роҳи тӯлониро оҳиста, гом ба гом бо тааммулу андеша тай месозад.

Тамоми андешаву дидгоҳҳо, тавсифҳо, шарҳу тавзеҳҳое, ки дар пайванд бо Амит дар ҳикоя омадаанд, пас аз марги Амит баён мешаванд. Ин худ гувоҳ бар он аст, ки шакли тасвир низ дар чунин вазъияте рангу бӯйи дигар хоҳад дошт. Масалан, дар ин мисол Нандита замони бозгаштҳои ӯро ба хона ва амалеро, ки анҷом медод, нақл мекунад, ки хеле ҷаззоб аст: «Баробари ба хона ворид шудан ба гӯшаш садои оҳанги Амит, ки онро ҳуштаккашон замзама мекард, мерасид. Дар вуҷудаш ҳамеша зиндагӣ туғён мекард. Ҳама корро мехост тез иҷро кунад. Ҳамеша дар шитоб буд. Хеле тез дил басту ошиқ шуд, хеле тез хӯрок мехӯрд, ҳар як корро зуд иҷро мекард. Мехост зуд одами калон шавад. Ҳа, мехост, ки дар ҳаёташ зуд одами калон шавад» [39, 63].

Аз мисоли боло мо камтар ба хулқу атвори қаҳрамон пай мебарем. Вале дар пораи дигар гуфтугӯяш шахсияти ӯро намоён месозад: «Як дафъа, вақте ки ҳардуяшон тавассути ҳавопаймо аз Шимла меомаданд, нохост Амит ба вай рӯй оварда гуфта буд: «Медонӣ, Нандита, рӯзе мо ҳатман соҳиби ҳавопаймои худамон мешавем! Ана баъд дигар бо ҳамон парвоз мекунем.

- Ҳавопаймои шахсӣ? Онро дар куҷо мемонӣ? – бо ҳайрат ҷавоб дода буд Нандита.

- Дар майдони ҳавоии худамон. Медонӣ, якто не, чанд-то ҳавопаймо мешавад».

Амит кӯдакро нағз медид. Вале хабари модар шудани Нандитаро шунида, ғамгинона гуфта буд: «– Вай кӣ ҳасту барои чӣ омада истодааст. Ман хуш надорам, ки дар хонаи ман ба ғайр аз ман боз каси дигаре зиндагӣ кунад».

– Лекин ин ҳам маҳз ту ҳастӣ! Шабеҳи ту хоҳад буд.

– Чӣ аз дидани ман сер шудӣ?

Гуфтаи Амит ҳақиқатан рост баромад. Ғайр аз худаш дар хонааш мавҷудияти дигар шахсро намеписандид» [39, 63].

Аз мисоли боло равшан аст, ки Амит шахси худхоҳест, ки ба ҷуз вуҷуди хешу манфиати хеш ҳастии каси дигарро муҳим намешуморад.

Қаблан хотирнишин намудем, ки симои воқеии Амит, дунёи андешаву дидаш дар занҷири ривояти ровӣ ва дигар қаҳрамонони асар ҳувайдо мешавад. Зиндагии муштараки ӯ бо Нандита бисёр давом надошт.

Нандита зимни барандоз намудани он давраи кутоҳи хонадорӣ афсӯс меҳӯрад, ки чаро аз аввал аз олами даруну сифоти ахлоқии Амит хабардор нашуд. Ошноӣ бо лаҳазҳои зиндагии ин хонавода пеши назари мо дар симои Амит мардеро мешиносонад, ки ҷаҳони перомунро, мутаалликоти берунхонагиашро моли ҳалоли мард меҳисобад. Аз нигоҳи ӯ зан танҳо побанди хона бояд бошад. Ба ҷуз иҷрои кору бори хона, хидмати шавҳар, чизи дигаре наметавонад дар зеҳни зан пайдо шавад.

Маҳзи хотири ин аст, ки Амит ҳаргиз ба мақсаду орзуву омоли Нандита эҳтиром намегузорад. Мафҳуме ба истилоҳ «баробарии марду зан» барои ӯ вуҷуд надошт.

Бояд хотирнишон намуд, ки нависанда дар ҳикояи мазкур ба таври ноаён мехоҳад дунёи ғарибу мутафовити мутазоди табақаи болоӣ ва поёниро нишон диҳад. Амит аз хонаводаи дорову сарватманд аст ва ҳеҷ каму кост надорад, бар хилофи ӯ Нандита аз хонаводаи табақаи поёнист. Аз ин табақа интихоби арӯс барои табақаи болоӣ ҳодисаи нодир аст.

Маҳзи хотири ин ҳангоме ки хонаводаи бонуфузу соҳибэҳтироми падари Амит ба хотири хостгории Нандита омаданд, падари Нандита шигифтзада шуд. Ӯ итминон надошт, ки рӯзе мерасад ва духтараш келини чунин хонавода мешавад.

Зиндагии Амит ду бол дорад. Боле, ки ба ҳар ҷунбишу таконаш симои зоҳирии ӯро равшану ҳувайдо месозад. Симое, ки гоҳо ҷаззобияти хосе дорад. Гоҳо чунон ҳарф мезанад, ки фикр мекунӣ, мардест, саршори донишу фазл ва расида ба камоли пухтагӣ ва гоҳо гуфтораш, сатҳи бинишу дарку фаҳмаш аз ҳаёт

ўро шахси кўрдилу бесавод нишон медиҳад. Боли дигари ў нишони дунёи дарунии ўст, ки пушти парда пинҳон аст. Худи Амит ва гоҳо наздиконаш бо ноилоҷӣ аз он барои муддате парда бар медоранд.

Зиндагӣ дар хонаводаи Амит Нандитаро дубора месозад. Бо гузашти ҳар рўзе розе аз хонавода, расму таомули шаклгирифта дар дохили он, назари бошандагонаш ба инсонҳои перомуну масоили зиндагӣ, муҳимтар аз ҳама муносибаташон ба худи Нандита ошкор мешавад.

Тасвиру инъикоси як воқеият, баёни як ҳақиқати ногузир дар осори бадеӣ дунболи худ ҳадафе дорад, ки барои ба он расидан бояд тасмиме гирифта шавад. Ин тасмим метавонад ҷанбаи дугона дошта бошад. Нахуст шинохти воқеият, мутаассир шудан аз он ва ногузир пазируфтани он ҳамчун ҳадяи тақдиру сарнавишт ва тақозои ҷомеаи қарнҳо одаткарда ба ин. Ҷанбаи дуюм аз маърифати воқеияти мавриди назар дарс гирифтан, барои ислоҳ чора андешидан, роҳ ёфтан, раҳо шудан аз бунбаст ё ба қавли дигар шикастани қолабҳо.

Барои Нандита, ки зиндагии тозаеро дар муҳити дигар, муҷалалу бошукуҳ оғоз намуда, чунин воқеияте кам-кам рух боз мекунад ва ў тадриҷан дарк мекунад, ки асири чи зиндоне шудааст. Барои таъкиди ин гуфта мисоле аз ҳикоя нақл мешавад: «Баъди ба Амит тўй шудан Нандита фаҳмид, ки ў духтари аввалу охирин барои Амит нест, пеш аз ў ҳам будааст ва дар оянда ҳам хоҳад буд. Ба хотири фарзанди якаву ягонаи хонадон буданаш ҳар хоҳиши лоиқу нолоиқи ўро волидайн қабул мекарданд. Як рўз модари Амит худаш нақл карда буд:

«– Амит туро маъқул карда тўй кард, набошад мо розӣ набудем. Медонӣ, ки чӣ қадар духтарҳоро дида хуш накард. Вақте ки худаш бо ту никоҳ кардан хост, мо ҳам розӣ шудем» [39, 69].

Дар матни ҳикоя ин нахустин лаҳзаест, ки аз таззоди миёни ду табақа, ки яке эҳсоси ғуруру даъвои бартар будан мекунад, дида мешавад.

Аз сўйи дигар, суҳбат бо хушдоман ва баёни воқеии масъала дар ниҳоди Нандита эҳсосоти мухталиферо бедор мекунад. Нахуст талош меварзад то шавҳарашро, гузаштаи ўро хубтару бештар бишносад. Мутаассифона маълумоте,

ки дастрас мекунад ҷанбаи хушоянде надорад, балки Амитро марде бепарвову ишратпарасту бетафовут ба зиндагии хонавода нишон медиҳад.

Аз тарафи дигар, масъулияти зан будан, хонавода доштан ӯро вомедорад, ки барои пойдории хонавода, барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ муборизаро оғоз кунад, ки сарчашмааш барояш торик аст.

Ҷолиб ин аст, ки дар ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ» саҳнаҳо, муколамаҳо тавре ҷойгир шудаанд, ки ҳар кадоме як дунёи зоҳиру ботинии қаҳрамонро пеши назари хонанда рӯнамоӣ менамоянд. Масалан, Нандита пас аз он ки ба мазҳари аслии зиндагии бурунхонагӣ ва ҳамешагии Амит огоҳ мешавад, масъаларо бо ӯ дар миён мегузорад, то ин ки шояд дарёи зиндагӣ маҷроояшро дигар созад: «Ин ҳама гапҳоро дар бораи Амит шунида Нандита ғамгин шуда буд. Дар ҳаёти Амит ӯ аввалин духтар набуд. Нандита вақте бо дили ғамнок ба ӯ ҳамаи шунидаашро гуфта дод, Амит ҳамаи онҳоро ғалат гуфта, рад кард ва кӯшиш кард, то ӯро ором кунад.

– Нандита, мард ишқи аввали занро мехоҳад, аммо зан ишқи охирини мардро.

– Не Амит, ба зан гилеми зери пойи шавҳар будан лозим нест. Ман фикр карда наметавонам, ки ту низ дар чунин фикр бошӣ. Чи тавре ки шавҳар ба зан ҳуқуқ дорад, ҳамон қадар зан ба шавҳар бояд ҳуқуқ дошта бошад. Агар ба зан шавҳарро иззату эҳтиром кардан лозим бошад, пас бояд шавҳар низ занро эҳтиром намояд. Зан ишқи охирини мардро не, аввалинашро мехоҳад. Ақидаҳои куҳна ҳоло ба кор намераванд. Бо мурури замон ҳама чиз тағйир ёфтанаш лозим» [39, 70].

Зиндагӣ дар хонадони Амит барои Нандита бо гузашти замон гӯё зиндон буд. Нандита духтари босаводу хушсалиқа буд ва орзу дошт, ки таҳсилашро ба поён бирасонад, вале шавҳар ба ӯ бо овардани баҳонаҳои зиёд иҷозат намедод. Амит ба дунё бо чашми дигаргуна, куҳнапарастӣ нигоҳ мекард: «Нандита фаҳмида буд, ки Амит раисзода ва одами муосир аст. Ба хонда таҳсилро тамом кардани Нандита ягон дилбастагие надошт. Вақте ки Нандита масъалаи

таҳсилашро ба миён мегузошт, ки нопурра мондааст, Амит норозӣ шуда гӯш кардан ҳам намехост.

– Барои чӣ ту ба хондану диплом гирифтан ин қадар фикр мекунӣ? Кор ба ту чӣ даркор? Дар хона аз чӣ камӣ?

– Дониш танҳо барои кор кардан нест, Амит.

– Ман медонам, ки ту барои таҳсили нопурра мондаат парешон ҳастӣ. Як рӯз не як рӯз мегӯй, ки тоқати дар хона нишастанро надорӣ, барои вақт гузаронидан ягон ҷо кор кардан лозим.

Сухани Амитро шунида дар ҷояш шах шуда монд. Одами бохату савод мисли як одами бесавод ҳарф мезад» [39, 69].

Ҳамон гуна ки дида мешавад, назари Амит ба зан, ҷойгоҳи ӯ дар зиндагии муштараки хонаводагӣ комилан дигаргуна аст. Аз нигоҳи ӯ зан бояд ба ҷуз иҷрои хоҳишҳои нафсонии шавҳар ва хизматҳои дохилихонаводагӣ дар андешаи дигаре набошад.

Муҳаққиқи ҳиндӣ Ш. В. Бҳаскар, ки таҳқиқи густурдае дар атрофи ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз анҷом дода, бо баъзе хусусиятҳои иҷтимои ҳиндувон ишорат меварзад. Ба ақидаи номбурда меҳнати дохили хонавода дар зиндагии иҷтимоии ҳиндувон аз аҳамияти зиёде бархурдор аст. Дар тамоми сарчашмаву манбаъҳои мавҷуда ба муҳим будан, бартариву афзалият доштани умури хонаводагӣ ишорат шудааст.

Мавсуф ҳамзамон атрофи иллатҳои пошхӯрӣ ва фурӯрезии бинои хонаводаҳо ибрози назар намуда, зимнан қайд менамояд, ки дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз эҳсосоти хубу бади хонаводаҳо бо сароҳату ниҳояти ҳунармандӣ инъикос шудааст. Ӯ ҳар чизе ки дар зиндагии худ аз сар гузаронидааст, чашидааст, дидааст, воқеияти онро дар эҷодиёти худ тасвир намудааст. Ш. В. Бҳаскар аз қавли нависанда андешаи ҷолиберо нақл менамояд: «Ҳикояҳои ман агар худашонро муаррифӣ карда натавонистанд, пас хоҳӣ фаҳмид, ки он чизе, ки ман зистам, ҳар чизе ба даст овардам, ҳама дурӯғ, ғайр аз дурӯғ чизе нест» [44, 66].

Муруру бозхонии ҳикояҳои нависанда собит месозад, ки адиба дар бозтоби воқеияти ногузир ҷомеаи хеш ва масоиле, ки бо он гирифтор аст, муваффақ аст. Қаҳрамонони Меҳруннисо Парвиз, ки аксаран зан ҳастанд, бар хилофи пешиниён ҳозир нестанд дар баробари ноадолатиҳои мавҷуд, афкори ҳоким бар ҷомеаи мардон сари таъзим фуруд оранд ва хомӯш биншинанд. Саҳнаҳои дунёи ҷадиди дар ҳоли тағйир, донишу савод масири зеҳну ҳуши онҳоро дигар месозад. Талош меварзанд, то пасту баландии замини оиларо ҳамвор созанд, зиндагиро бо хости худ бисозанд. Суръат гирифтану домана пайдо намудани чунин муборизаеро мо зимни ҷараёни масъалагузориҳои Нандита назди Амит, гуфтугузорҳо бо ӯ ошкор месозем. Нандита зимни як суҳбат бо Амит изҳор медорад: «Ман соҳиби хату савод ҳастам. Баъди тӯй ту маро дар хона нигоҳ доштаӣ ва худат берун. Ин чордевориро, яъне маҳдудиятро шикастан лозим аст.

– Баъди марги шавҳар ҳамаи ин ҳуқуқҳо ба зан насиб мегарданд.

– Чаро баъди мурдан, дар вақти зинда буданаш чӣ? Охир ман барои ту шуда аз таҳсил ва шуғли сиёсиям даст кашидам. Ман ба шуғли сиёсии худ баргаштан мехоҳам.

– Шуғли сиёсӣ! Шуғли сиёсии зан ба мард чӣ лозим? Вақте зан хонадорӣ мекунад, ана он вақт мард аз пайи кораш мешавад. Ин ба падару модарам маъқул нест.

– Амит ин хатогиҳои ту аст. Зан танҳо аз шавҳар карданаш хуш намешавад, ба ӯ тамоми дунёи мард лозим аст.

– Дунё, боз кадом дунё?

– Амит! Ҳар нафар дар зиндагӣ ба ҳаққу ҳиссаи худ зиндагӣ мекунад. Ҳиссаи худро мехоҳад. Чӣ, ту маро бо ҳаққу ҳиссаи худам нафас кашидан намемонӣ? Вақте ту нафас кашидӣ, пас ба ман нафас кашидан деҳ, ин охир зарур аст ё не? Ту пеш аз тӯй гуфта будӣ, ки мо як мешавем, бо ҳам мепайвандем, ду чархи зиндагӣ мешавем, ду паҳлӯи сикка мешавем. Чӣ ин ҳамаро дар ҳолати мастият гуфтӣ?» [39, 70-71].

Дар ин бахш бемуносиб нест ба андешаи муҳаққиқи фаронсавӣ Жан Пал Сартр ишора шавад. Мазкур дар мақолаи «Навиштан барои кист?» доир ба ҳадафу мақсади як нависанда аз навиштан дидгоҳҳои андешабарангезеро зикр менамояд. Аз ҷумла изҳор медорад, ки: «Агар нависанда бар он бошад, ки комилтарин тавсифро аз мавзуи мавриди баҳси худ бикунад, боз ҳам нахоҳад тавонист ҳамаро шарҳ бидиҳад, боз ҳам чизҳои бештаре медонад, ки намегӯяд» [125, 25].

Манзур аз нақли ин иқтибос он аст, ки дар ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ» на ҳама матолиб перомуни ҳаққу ҳуқуқи занон, мазҳари зиндагии эшон дар ҷомеа аз ҷониби нависанда баён шудааст. Меҳруннисо Парвиз дар бархе маворид хонандаро вомедорад то дар халқи асар ӯро ҳамроҳӣ кунад, дар ҳаллу фасли низоъҳо, мушкилоти пешомада барои қаҳрамони асар андеша кунад ва тасмим бигирад.

Гоҳо бори сангини маънирасонӣ, баёни дарунмояи аслӣ ба дӯши қаҳрамонон меафтад. Дар чунин ҳолате онҳо маҷбуранд бо барандоз кардани масири зиндагии хеш тасмим бигиранд, ба натиҷаи ниҳоӣ бирасанд.

Дар ҳикоя чӣ хеле ки дар боло гуфта шуд, образи асосӣ Нандита аст, ки бо издивоҷи нобаҳангом бо Амит зиндагии хешро ба марзи асорату зулмат мекашонад.

Мазлумият ва беҳуқуқиву бечорагии Нандитаро нависанда бо шеваи гуногун гоҳо аз забони ровӣ ва гоҳо аз ҷониби севумшахс пеши назари хонанда ҷилвагар месозад. Тағйироти саҳнаи зиндагии Нандитаро дар ин мисол метавон равшан ба мушоҳида гирифт: «Ба чаманзори ҳаёти Нандита хушксол омада буд. Акнун барояш ягон чиз хуш наменамуд. Вай барои дигарон фоли бад гашта буд. Эҳсоси чашмонаш тағйир ёфта буданд.

Тақдири зан! Ҳангоми зинда будани як нафаре тамоми чиз барои вай муҳайё буд. Вале бо набудани ӯ имрӯз бадбахт, беҳуқуқ ва беқадру қимат аст. Ягон хел имконияту шарту шароит надорад. Монанди пашшаи даруни шир афтода буд, ки шир заҳролуд гаштаю онро танҳо мепартоянд» [39, 72].

Масъалаи дигаре, ки дар ҳикоя ҷалби назар мекунад, таъсири урфу одатҳои марсум дар ҷомеа аст, ки мисолашро дар побандии падару модари Амит ба онҳо ба мушоҳида мегирем. Маросиме, ки барои бузургдошти гузаштагони хонавода анҷом мегирад хеле зиёд ва гоҳо руҳшикан аст.

Падару модари Амит ҳар сол барои ёдбуди фарзандашон маърака баргузор мекунанд, харҷи зиёде менамоянд, бидуни ин ки таваҷҷуҳе ба Нандита карда бошанд. Мисли ин ки вуҷуди ӯро эҳсос намекунанд.

Нависанда дар миёни он ҳама номеҳрубониву беинсофие, ки дар хонаводаи Амит ба Нандита мегузарад, талош менамояд садоқату ишқи Нандитаро нисбат ба шавҳараш нишон диҳад. Тамоми лаҳзаҳои хуби хонадорӣ бо Амит аз пардаи зеҳни Нандита мегузаранд. Гоҳо тасаввур мекунад, ки шояд Амит бозгардад, чархи сарнавишт чархиши худро аз сар бигирад. Ягона анису муниси Нандита танҳоӣ мебошад. Ҳатто замоне, ки қавму хеши Амит дар маросими ёдбуди вай ҷамъ мешуданд, ӯ боз ҳам эҳсоси танҳоӣ менамуд: «Рӯйи ҳавлӣ рӯзи дароз аз хешу табор, аз ёру рафиқон ва аз ҳамдардӣ баёнкунандагон пур буд. Лекин ӯ эҳсоси танҳоӣ мекард. Ӯ орзу менамуд, ки дар байни ғалоғулаи ин издиҳом лоақал як садои ошноро шунавад. Он овози деринтизор овози Амит буд, ки ӯ мехост шунавад. Хаёл мекард, ки он овоз бори дигар ана мана ногуфта садо медиҳад» [39, 62].

Дар поён лозим ба тазаккур аст, ки новобаста аз мушкилоте, ки қаҳрамони ҳикоя дар чаҳорчӯби ҷомеа бо он рӯ ба рӯ аст, бо эътимоду азми устувор ба муборизаи хеш ба хотири раҳоӣ идома медиҳад. Нахустин қадами устувораш дар ин роҳ издивоҷи тоза бо яке аз хамкурсонаш ва поён бахшидан ба даврони танҳоиву бевагии хеш аст.

Инъикоси бадеии мавзуот, дарунмояҳои як асари бадеӣ аз тарафи холиқи асар ба тарзу тариқи гуногун сурат мегирад. Агар дар як асар манзури аслӣ тавсифу нишон додани вазъияти ҷомеа ва сатҳи зиндагии мардум бошад, дар ошкорсозӣ ва пардабардорӣ аз чеҳраи аслии ҷомеа мусоҳибату муошираті қаҳрамонон, гуфтугуҳои онҳо аҳамияти зиёд дорад. Ниёзу эҳтиёҷи мавҷуд,

фишори нодорӣ мардумро ба фикру андешаи раҳоӣ мекашонад. Гоҳҳо шеваву роҳҳое ба зеҳнашон мерасад ва амалӣ шудани онҳо дар домони тахайюл шоду масрурашон месозад.

Шебу фарози чунин мавзуеро мо дар матни ҳикояи «Қабри панҷум» мебинем. Раҳмон, ҳамсараш Нозо ва духтарчаашон Розия қаҳрамонони ҳикояи мазкуранд. Зиндагии ниҳоят фақиронаву ҳаққиронае доранд. Ошноӣ бо зиндагии онҳо махсусан зимни қироати муколамаву гуфтугуҳои дохили матн эҳсос мешавад, ки чи гуна ҷомеаи ақибафтодаву фақрзада ба сатҳи бинишу андешаи мардум, дараҷаи бинишу фаҳмиши онҳо таъсир дорад.

Хонаводаи Раҳмон дар кулбаи назарногире, ки назди қабристон аст, зиндагӣ мекунанд. Раҳмон зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки касби гӯркобӣ дорад. Одатан дар маҳаллае, ки зиндагӣ мекунад, зимни баргузории тӯю сур мардумро барои ширкат дар маъракаҳо ва маросими ҷаноза даъват мекунад ва аз ин роҳ эҳтиёҷоти зиндагиашро таъмин месозад. Ҳикоя бо чанд ҷумлаи сода ва зикри ҷузъиёти зиндагии қаҳрамон, маконе, ки сарчашмаи оғози ҳикоя ба шумор меравад, шурӯъ мегардад: «Раҳмон болои кати вайрона нишаста чилим мекашид. Занаш Нозо писарчаи хурдиашро болои пойҳояш гузошта баданашро равған мемолид. Дар ҳавлӣ дар назди буттаи гули нилуфар бачаҳо аз вазифаи мактабӣ дида, зиёдтар машғули бозӣ буданд» [32, 210].

Дар бархӯрди нахуст ба ин тасвири хабарӣ метавон натиҷа гирифт, ки ҷумлаҳо шомили ахбори мухтасаре аз саҳнаи рӯзгори як хонаводаи маъмулист. Вале аз сӯйи дигар калидҳое, ки қулфҳои бастаи матнро боз мекунад ва ба он вусъату доманаи маъноӣ медиҳад, дар матн кам нестанд. Масалаи дар ҷумлаи аввал таркиби «кати вайрон», «чилим» ва дар ҷумлаи дуюм «равғанмолии бадани кӯдак» аз ҷониби Нозо худ гувоҳу мунъакискунандаи мазҳари як зиндагии парешону фақрзада, гирифтори мушкилоти сангини молӣ аст. Қобили таъкид аст, ки «Ҳар нависанда барои бааёни нигориши худ нисбат ба масоил аз равишҳо ва аносири вижа баҳра меҷӯяд ва дар ин роҳ ба гузинишҳое даст мезанад, ба тавре ки

мавзеъгирии ҳар нависандаи асари адабиро метавонад дар корбурди вожагон ва ҷумлаҳои он асар ҷустуҷӯ кард.

Нависанда бо интихоби огоҳона ва ё ноогоҳонаи вожагон ва ҷумлаҳои хос, дидгоҳи худро нисбат ба мавзуи мавриди назараш баён мекунад.

Баррасии равишҳо ва навъи интихоби нависанда дар баёни мафоҳим барои илқои нигориши хос, ки марбут ба таҳлили сабкии як асар аст, сабаб мешавад хонанда далоили аслии лаззати бурдани худро аз хондани матн дақиқтар бифаҳмад» [101].

Баёни як матлаб дар ҳикояи «Қабри панҷум», ки дар ниҳояти сароҳату равшанӣ дода мешавад, ҳамзамон расонандаи маъноҳои дигар аз қабили ҳолати маишиву равонӣ, дараҷаи иҷтимоии қаҳрамон аст. Дар вожагони таркиби хабар зермаъноҳои ангезишдиҳанда барои фикр нуҳуфта аст. Исботи ин гуфтаҳоро дар мисоли поёнӣ метавон дид: «Раҳмон чилимро зери кат гузошта муштонашро фишурд. Миёнашро ба чапу рост тоб дода, сачоқро гирифта, ҳотаи қабристонро гузашта барои намоз хондан ба масҷид рафт. Нозо бачаро болои кат гузошт ва ба тарафи мурғҳо як мушт шолӣ партофта ба дарун рафт» [32, 210].

Матлабе, ки дар боло нақл шуд як саҳнаи рустоӣ аст. Вале аз сӯйи дигар, режими якнавохти рӯзи кории Раҳмон аст, ки ҳар рӯз такрор мешавад. Дар боло зикр шуд, ки бахше аз фаъолияти кории Раҳмон хабар кардани мардум аз маъракаҳо буд: «Шаҳр хурд буд. Аз ин рӯ, Раҳмон бояд эълон мекард. Имрӯз дар хонаи хонуми бузург маъракаи ақиқа буд ва даъвати онро ба ҳама расонидан даркор буд. Ӯ тез-тез дар назди ҳар хона рост истода фарёд мекард: «Дар хонаи хонуми бузург маъракаи ақиқаи набераaш аст, занону мардон даъватианд» - ва ба хонаи дигар мерафт» [32, 210].

Дар офариниши як асари ҳунарӣ чи мавзуну чи мансур асбобу абзори пуршумору шинохташуда мавҷуданд, ки корбурдашон барои камолу пухтани асар ва нишонрас шудани ҳадаф ниҳоят аҳамиятнок аст. Масалаи баҳрагирӣ аз ороишҳои адабӣ, рамзу тамсилҳо, маҷмуи асотиру ривоятҳо метавонанд дар боло

бурдани кайфиати асар мусоидат намоянд. Саҳнаҳо тасвирро асрорангезу диданӣ кунанд.

Аз сӯйи дигар, як нависанда ба мақсади шинохти воқеият аз шаклу шеваҳои хосси маърифати дунёи перомун кор мегирад, Дар адабиётшиносӣ дар маҷмуъ аз он бо истилоҳи симо ё образ ёд мекунанд. Шеваи баёни матлабу андешаҳо дар як асари ҳунарӣ аз баёни рӯзмарраву маъмулӣ фарқ мекунад. Сухани нависанда дар матни адабӣ, зебдодашуда бо рангу бори хос, пешниҳоди саҳнаҳо сурат мегирад. Ҳамаи ин дар либоси образ сурат мегирад.

Агар аз ин зовия ба ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз нигоҳ кунем, равшан мегардад, ки аксари ҳикояҳо хатти ривоятии кашандае надоранд. Манзараҳои зиндагӣ ё дақиқтараш ҳақиқати ҳаёт дар ҳамон сурате пешниҳод мегардад, ки дар воқеият аст. Аз ҷониби дигар, ҳар ҳикояе мустақил ба худ сужаи дохилӣ дорад. Ҳар тағйироту дигаргуние, ки дар ниҳоду шахсияти қаҳрамонон рух медиҳад, дар қаламрави ҳамин сужаи дохилӣ ба амал меояд. Гоҳо аз ҳамон оғози асар зеҳни хонанда ба чунин натиҷае мерасад, ки нависанда мавқеияти хешро паси масоили пешниҳодии мавриди назараш пинҳон медорад. Дарку фаҳми мавзуъро аз хонанда тақозо мекунад. Чунин мавқеияте маъмулан дар зерматнҳои асар, лаҳзаҳои хос, банду баст аз худ дарак медиҳад.

Дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз аз асбобу абзори шинохташуда мисли санъатҳои бадеӣ мо як қатор унсурҳоро дучор мешавем. Мавсуф барои ҷондору барҷаста нишон додани воқеияти зиндагии мавриди назар бештар аз рехти калимот дар як ҷумла кор мегирад. Масалан, агар ҳолату вазъияти қаҳрамонро бидиҳад, бозтоб намояд, аз калимаву таркиботе кор мегирад, ки мутааллиқ ба маконе бошанд, ки амалу буду боши қаҳрамон он ҷо мегузарад. Радифи ҳам нишастани калимот метавонад фазосозу саҳнаофар бошад. Тағйири он фазо дар рӯҳу равони қаҳрамон ҳувайдо бошад. Ба дигар сухан, пас аз хондани асар тасвири муҳити перомун дар тағйири андешаву зеҳнияти қаҳрамон ошкор гардад. Дар ҳикояи «Қабри панҷум» мо шоҳиди он ҳастем, ки дар чаҳорчӯби се-чаҳор ҷумлаи мухтасар чи гуна дунёи зоҳиру ботини қаҳрамони аслӣ Раҳмон, ки

масъули қабристон аст боз мешавад. Нависанда бо чанд ҷумлае ба гунае шеваи кори ҳаррӯзаи Раҳмонро тарсим мекунад, вале зери сояи ин ҷумлаҳои хабарӣ сангинии рӯзгори қаҳрамон, муносибаташ бо зиндагиву атрофиён намоён мешавад: «Пас аз хӯроки нисфирӯзӣ Раҳмон ба қабри харобгашта хок мепартофт. Баргҳоро аз болои қабрҳо ҷамъ мекард. Агар ягон гове медаромад, онро зуд бароварда боз дар зери дарахти анбаҳ болои латтапорае дароз мекашид. Чаҳор тарафаш хомӯшӣ буд. Ба ҳар ҷое ки нигарӣ қабр буду қабр. Дунёи қабрҳо – бою камбағал ҳама якҷо хобида буданд. Чор-панҷ қабри нав буд. Аз онҳо якеаш қабри духтари Сардорхон София буд. Бечора Каримро чӣ қадар дӯст медошт. Аммо падару модараш қабул надоштанд. Карим бо ӯ хеле ҷуфти мувофиқ буданд. Вақте хабар шуданд, ки София чормоҳа ҳомиладор аст, он гоҳ қиёмат барпо шуд. София бечора аз тарс заҳр хӯрд. Қабри дигар аз пиразан Раҳимбӣ (Раҳимапа) буд. Ҳаромзода келинҳояшро ба ҷон меовард. Дар ҷангу ҷанҷол мисли қаланфури сурх мегашт. Овози доду фарёдаш аз хона ба панҷ фарсах дурӣ мерасид. Дар бораи ҳамаи инҳо фикр карда хобаш мебурд» [32, 210].

Чи тавре ки дида мешавад дар ин мисол шикваву шикояте, ки ба иҷтимоъ ишора шуда бошад, мавҷуд нест, тарсими умумии воқеият нишондиҳандаи ҳақиқати ҳол аст. Тарсими фазои фоҷеабарангези қабристон, ки дар ҳикоя омада худ нишон медиҳад, ки саҳнаҳо то чи андоза дар рӯҳу равони қаҳрамон таъсиргузоранд. Ҳар қабре барои қаҳрамони асар хотирае, ёде дорад. Хотираҳо, мурури сарнавишти мурдагон, ки аксар ҳаёти созгоре надоштанд, қаҳрамонро вомедорад, ки то дар атрофи муҳити ҳастӣ андеша намояд, пеши худ натиҷа бигирад.

Ба ақидаи аксари адабиётшиносон дар осори нависандагони боистеъдоду ҳунарвар истифода аз ҷузъиёт барои инъикоси мазомини матлуб нақши барҷаста дорад. Чун ҷузъиёт барои нависанда чунин имконро фароҳам меоварад то аз шарҳу тавсифҳои тӯлонӣ раҳо шавад. Бо кумаки ҷузъиёт хонанда метавонад саҳнаи лозимро мувофиқи завқу салиқаи худ тасаввур кунад ё тарсим намояд.

Дар атрофи ин ҷанбаи зебошиносонаи ҳунари нависанда Меҳруннисо Парвиз дар боби баъдӣ маълумот хоҳем дод.

Масалан, замоне ки «Нозо (ҳамсари Раҳмон – Л. А.) духтарашро либосҳои тозаву озоде пӯшонида ба тӯю сур бо худ мебурд [32, 211] мегӯяд, мақсад ёфтани ҷуфти муносиб ва барпо намудани хонавода аст. Мушкили бузурге барои хонаводаҳое, ки духтар доранд, чун духтарро бузург кардан, бо обрӯ хонадор кардан кори саҳле нест. Ҳассосияту ҷиддияти масъала замоне маҳсусу ошкор мегардад, ки хонанда ба ин ҷузъиёт мерасад: «Нозо аксар ба Раҳмон мешунавонид: – «Эй гӯш кун, набераи Раҳимбӣ бошад, исқоти ҳамл карда омадааст.

– Хуб, ин тавр.

– Ҳа, духтари Маҷид бошад, умраш рафта, баъд шавҳар кард. Ҳамагӣ дар панҷ ҳазор харидорӣ шуд» [32, 211].

Ахборе, ки дар он муколама омада, хоставу нохоста мухотибонро ба андеша атрофи ин масъалаи муҳимми ҳаётӣ водор месозад.

Дар ҳикояи мазкур инъикоси ростини муҳити иҷтимоӣ бо маҳорату малакаи чашмгире сурат гирифтааст. Меҳруннисо Парвиз нишон дода, ки чӣ гуна коркарду андеша, биниш ва дарку фаҳми инсонҳо зери таъсири рухдодҳои сангину ранҷбори муҳит тағйир мекунад. Ҳисси инсоният, инсонвор зистанро аз онҳо мерабояд.

Раҳмон чи тавре ки зикр шуд масъули қабристон аст. Қабр меканад, дафн месозад, қабристонро нигоҳубин менамояд. Зиндагии хонаводагиаш бо қабристон пайванд мебошад.

Марг падидаи ногузир аст, ҳарчанд хостанӣ нест. Дар миёни мардум чунин тасаввуре решадор шуда, ки ҳеҷ касе марги касеро хоҳон нест. Вале дар ҳикояи «Қабри панҷум» мо бо падидаи дигаре рӯ ба рӯ ҳастем. Қаҳрамони асосии ҳикоя Раҳмон бисёр мехоҳад, ки касе бимирад то ӯ пуле пайдо кунад, барои бачаҳояш, ки муддатҳо гӯшт нахӯрдаанд, гӯшт бихарад.

Зистан, зинда мондан дар муҳити носозгор, эҳсоси начиби инсонро мекушад, инсонро ба майдони ваҳшоният, беҳиссӣ мекашонад, ки шоҳидашро дар зер мебинем: «Фардо писари Камо Раммо мурд. Бечора хеле ҷавон буд ва бар асари бемории саратони рӯда аз олам гузашт» [32, 210]. Дар ин хабар гӯё як навъ афсӯсу дареғ, ки бар асари мусибат дар ниҳоди инсони дигар пайдо шуда, дида мешавад. Аммо ин пардаи дареғу таассуф хеле зуд фурӯ мерезад ва эҳсосе нишотангезу ризоиятбахш дар вуҷуди қаҳрамон Раҳмон ба зуҳур мерасад: «Чеҳраи Раҳмон аз хурсандӣ шукуфт. Нозо ва Розия ҳар ду зуд хӯриш тайёр карданд. Раҳмон бел гирифту рафт. Як дуди чуқур кашида ӯ сигорро партофта зуд ба кандани замин сар кард: – «Хуб, як кас ҳам мурд, набошад ду моҳ боз гӯштро надида будем» [32, 211].

Ин саҳна ба гунае такрор шудаву дар мағзҳо ҷо гирифта, ки барои фарзандон як падидаи маъмулӣ, хушоянд шудааст. Хабари марги касе барои онҳо моли ризояту хушнудист. Чун марги касе барои падар мояи даромаду таъмини рӯзии фарзандон ба ҳисоб меравад: «Бачаҳо ҳангоми аз мактаб баргаштан бо рафиқонашон гаппартоӣ мекарданд. Яке мегуфт: – «Эй ҷӯра, имрӯз дар хонаи мо гӯшт мешавад. Ба падарам барои қабрканӣ бист рупия медиҳанд». Ва бачаҳо оби даҳонашонро фурӯ бурданд» [32, 211].

Воқеияти таҷрибашудаи муҳиту иҷтимои инсонӣ аст, ки фақру нодорӣ, мушкилоти ҳаёт, дасткӯтоҳӣ зояндаи зеҳнияти хашину бадманишона, беруҳӣ мебошад. Инсонҳо дар чунин воқеияте талош мекунанд ҳаёти худро бар мабнои бадбахтии дигарон бичархонанд. Ба қавли маъруф «гӯр сӯзаду деги қаландар ҷӯшад». Ин манзараро мо дар фазои хонаи қаҳрамони асар Раҳмон, зимни ҷанҷолу хархашаи фарзандон болои матои кафанӣ баръало мебинем: «Шаб дар хона бӯи гӯштбирён меомад. Бачаҳо барои матои кафан ҷанҷол доштанд. Ман шалвор медӯзонам гуфта, ҷанҷол мекарданд, ки ногаҳон Нозо модарашон садо баланд кард: «Мону, бас кунед, аз ин барои тӯйи Розия поҷома медӯзонам. Ва ӯ онро зуд кашида гирифт» [32, 211].

Мардум ба чунин зиндагии сангину якнавохт, «хабарҳо»-и Раҳмони муаззин одат кардаанд. Баргузории маросими ақиқа, тӯй, зодрӯз ва ҷаноза маҷмуи хабарҳое ҳастанд, ки Раҳмон ба мардум мерасонад. Аз ин хабарҳо аз ҳама хушоянду гуворо барояш хабари марги одам аст, зеро барои хадамоти дафнӣ ба ӯ пул медиҳанд ва бо ин пул ӯ маишати хонавода, эҳтиёҷи рӯзгорашро бароварда месозад. Муҳим аз ҳама имкон пайдо мекунад, то барои духтараш лавозимоти арӯсӣ бихарад, духтараш Розия, ки ошиқ шуда ва ишқ аз сарҳади муайян гузаштааст, бояд фаврӣ тӯй шавад. Камчинии маргу мир, набудани маблағ Нозоро хашмгин месозад ва Раҳмон дар ҳалли ноумедӣ бо асабоният мегӯяд: « - Эй, охир мардум намуранд, худам рафта дар хона мурам. Як вақт одамон зуд-зуд мемурданд, ҳоло бошад гоҳ-гоҳ мемиранд, тоқат кун. Ақаллан панҷ кас мурад, мешавад» [32, 212].

Дар ин миён касалии вабо хуруҷ мекунад ва ҷони чор касро мерабояд. Ин ҳодиса хушояндтарин лаҳзаҳои хонаводаи Раҳмон аст. Зеро ӯро соҳиби маблаг карда, ба қавли ровӣ «Раҳмону Нозо гӯё тӯй карда бошанд, ҳар рӯз гӯшт мехӯрданд» [32, 213].

Тасвири зиндагии мардуми деҳотӣ, махсусан вазъи иқтисодии онҳо дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз нақши чашмрасе дорад. Зистан дар марзу буми деҳ, созгорӣ бо шароиту фазои он аз деҳотиён тоқату сабр ва муқовиматро тақозо мекунад. Аз ин нигоҳ, ҳикояи «Оҳуи ҷангалӣ» бисёр аҷибу мароқангез ба назар мерасад. Сужаи ҳикояро саҳнаҳое аз рӯзгори як хонаводаи деҳотӣ ташкил медиҳанд. Ин ҳикоя чанд хусусияти кашандаву ҷолиб дорад. Ҳикоя бо инъикоси манзарае аз ҷузъиёти табиат, ки бо деҳа пайванди амиқ дорад, оғоз мегардад. Дар навбати аввал чунин тасаввуре ҳосил мешавад, ки ҳадафи нависанда тасвири табиат аст, вале ошноӣ бо пораҳои баъдӣ нишон медиҳад, ки хатти андеша болои хонаводаи муайяне соя афкандааст, ки ҳамҷавори табиат зиндагӣ мекунанд. Ба ҷуз табиат ва мавҷудоту махлуқоти он чизи дигаре дар ихтиёр надоранд.

Будҳу ва Меган зану шавҳар қаҳрамони асосии ҳикояанд, ки даруни хона нишаста, машғули коранд. Шавҳар Будҳу баргҳои тамокуро майда-майда мекунад

ва Меган саргарми чархаресист. Бо ҳар ду дастон матоъ мебофанд ва ҳамзамон кӯдаки ширмакашро мемаконад. Дар ҳикояи «Оҳуи ҷангалӣ» ҳеҷ ҷумлаву таркибе, калимае беҷову зиёдатӣ нест. Ҳар ҷузъиёте мақсаду ҳадаферо ба думбол дорад. Барои равшан гардидани масъала беҳтар аст аввал пораеро аз матн биёрем: «Аз байни ҷангали анбӯҳи дарахтони заранг пайроҳае ба сӯи деҳа меравад, ки фарқи мӯйи сари духтари ҷавонеро мемонд. Ин пайроҳаи кӯҳӣ, то лаби дарёча тӯл мекашад. Дар он тарафи дарёча, то дуриҳо хонаҳо бино ёфтаанд» [32, 227].

Пас аз ин чанд ҷумлаи муқаддамотӣ тасвир ва ё манзараи хонаи қаҳрамон аз нав сурат мегирад.

Агар шоҳиди болоро ҳамчун инъикоси фазову макони матлуб қабул кунем, пас лозим меояд аз зикри замон, ки дар домони он рухдодҳои мунъакис дар ҳикоя мегузарад, ғофил набошем: «Шом ҳам торик мешуд. Дар кӯҳ говмешҳо алаф мекофтанд. Дар рӯбарӯ баргҳои дарахти ним аз вазиши шамол меҷунбиданд. Ним гул карда, бӯйи форамаш ба чаҳор тараф паҳн шуда буд. Кабӯтарҳои даштӣ болои шохаҳои ним нишаста кукур-кукуркунон ба сӯи дарёча менигаристанд» [32, 227].

Нависанда пас аз бозтоби замону макони мавриди назар ба тасвири ҳолати қаҳрамонон мегузарад. Дар боло дидем, ки бозигарони асосии ҳикоя зану шавҳар Будҳу ва Меган дар кулбаи ҳақири худ нишаста саргарми кори худанд. Дар оғоз ҳарчанд аз вазъи иқтисодии хонавода чизе гуфта нашуда, вале ранг сурати ҳол аст. Як ҳолату вазъияти нигаронкунандаву изтиробомез дар фазои хона ҳукмфармост, ки бастагӣ ба ғоиб будани духтари бузурги хонавода Лачҳо аст.

Бо гузашти ҳар лаҳзае бо шиддат ин изтиробу ташвиш афзуда мешавад. Ин ҳол модари музтарибро оқибат ба сухан медарорад «То ҳол Лачҳо наомадааст?» [32, 227].

Фикру тааммул дар атрофи ин ҷумла дар доираи як асари бадеӣ, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, зеҳни одамиро ба чанд нукта мутаваҷҷеҳ месозад. Ин ҷумла, ки ҷанбаи хабарӣ дорад, дар асл ҷумлаи пурсишӣ аст. Гӯяндаи он ҳарчанд барои он шарҳу тавзеҳ ва посухи равшан мехоҳад, вале табиатан посух гуфтанро аз ҳеҷ касе умед надорад. Бар асоси пайванду алоқа ва муносибате, ки матлаби

мавҷуд дар матни ҷумла дорад, мехоҳад бо кумаки таҷрубаву донистаҳои зеҳни худ посухе пайдо кунад.

Бояд арз дошт, ки ҳаёти инсонҳо новобаста бо забону мансубиятҳои қавмиву нажодӣ дар саросари дунё дорои шабоҳатҳову ҳамсониҳое аст, ки реша дар руҳу равони онҳо доранд. Пас нопадидор мондану таъхир кардани Лачҳо боиси ташвишу музтариб гаштани модар мешавад. Саҳнае, ки гуфтаем дар ҳама нукоти ҷаҳон метавонад намунаву монандиҳо дошта бошад.

Баргардем ба сужаи ҳикоя. Меган бо изҳори нигаронии хеш мунтазири посух ёфтан аст. Шавҳар садои мушаввашу бимолуди вайро шунида, ба гунае мехоҳад аз шиддати нороҳативу беқарории вай кам кунад. Ин аст, ки мегӯяд: «Меомадагист, – гапро кутоҳ карда гуфт, – Будҳу» [32, 227].

Ин сухани Будҳу низ дар матни ҳикоя тааммулбарангез аст. Бо ин маънӣ, ки баробари пурсише мустақим гуфта нашудааст. Аз зикри он нишонае аз эҳсоси ба зуҳур расида дар вуҷуди Меган дар худи гӯянда дида намешавад. Танҳо зиндагии муштарак, дидани вазъияти зани музтариб, дурустараш ҳиссе аз гӯшаи инсоният ӯро водор карда, то барои таскину шикастани вазъи сангини тараф чизе бигӯяд.

Аз сӯйи дигар, чунин ба назар мерасад, ки таъхири Лачҳо ҳеҷ таъсире дар вуҷуди вай эҷод накардааст. Зеҳну ҳуши ӯ гирифтори масоили сангини рӯзгори якнавохташ мебошад. Ҳарчанд матлабе аз чигунагии вазъи ҳаёти ӯ тарсим нашуда, вале як афсурдагиву андуҳи ноаёне дар садои ӯ эҳсос мешавад.

Дар матни ҳикоя «меомадагист» гуфтани Будҳу ҳарчанд хушку беҳису бетафовут ба чашм мерасад, вале пас аз баёни он маҷрои ҳикоя тағйир мекунад. Ровӣ вориди майдон мегардад ва бозхонии хати зеҳни Меган шурӯъ мешавад: «Ва аз дур Лачҳо болои сараш як даста алаф омада истода, ба назар расид. Даспонаҳои нуқрагини пойҳояш дурахшида, аз ҳастии худ хабар медоданд. Домани куртааш, то зону мерасид» [32, 227].

Дидани баргашти Лачҳо аз ҷангал дар як лаҳза табъи нигарону изтиробзадаи модарро комилан дигаргун месозад. Пораҳое аз гуфтугузорҳои

Лачҳо аз саҳнаҳои зиндагии деҳотиён дар бораи иди пунӣ, марги Лакҳан, ки бар асари ҳамлаи паланг сурат мегирад ба ёдаш мерасанд.

Бояд изҳор дошт, ки яке аз шеваҳои нависандагии Меҳруннисо Парвиз дар он ҳувайдост, ки вазъи сангину машаққатбори қаҳрамонони худро, ки аксар муқими деҳотанд, тадриҷан бо баёни ҷузъиёти мухталиф нишон медиҳад. Аз ҷумла, ноамниву бепаноҳии онҳо дар муқобили мавҷудоти ваҳшӣ ва қиёси саҳнаҳо бо амалу кирдорҳои дадманишонае, ки аз ҷониби инсонҳо сурат мегирад, ки мисолашро дар ҳикояи мазкур дар поён хоҳем дид. Фарорасии шом, ки як мақтаи замонӣ ва поёни рӯз аст, дар ҳикоя тасвири барҷастатар пайдо мекунад. Иллати маҷзубияти нависанда дар ин росто нишон додани мазҳари зиндагии деҳотиён ва пайванди онҳо бо мавҷудоте, ки перомуни онҳо буду бош доранд: «Гову моли деҳа аз ҷангал бар гашта истода буд. Подабон кампали пашмин дар баданаш печонда онҳоро ҳаю ҳуйкунон меронд. Аз осмон садои паррандагон ба гӯш мерасид. Дар лаби рӯд овози паррандаҳо боз ҳам баланд мешуд, гӯё ки гапҳои як рӯзи дарозро гуфта истодаанд. Аз зери буттаҳои канори дарёча мор сар мебароварду ҳастии худро нишон медод. Як села зоғҳо дар осмон чарх мезад. Зоғе аз он села ҷудо шуда, ба лаби дарёча омада об менӯшид.

Офтоб ғуруб карда истода буд. Зану мард дар болои сар дарзаи алаф аз сӯи ҷангал меомаданд. Хастагии як рӯзи дарозро бо замзамаи суруди дарёча рафъ мекарданд» [32, 228].

Инъикоси аносири табиат, ки намунааш манзараи болоист дар ҳикояи мазкур бисёр қавиву дилчаст аст. Аммо қобили қайд аст, ки ҳадафи нависанда аз тасвири унсурҳои табиат наққошиву нишон додани табиат нест, балки бо табиат ва ҳамзамон сангинии шароити зисти инсонҳост.

Гап дар он аст, ки қаҳрамони асосии ҳикоя Лачҳо бар хилофи падару модараш, ки сиёҳпӯстанд, сафедпӯсту симинбадан аст. Ӯ ҳарчанд ба рози тафовути ранги пӯсти худ пай намебарад, вале ҳозир нест ба ҷавонони сиёҳпӯст издивоҷ кунад. Будҳу падари Лачҳо медонад, ки духтар аз нутфаи ӯ нест, вале ошкор сохтани ин сир барояш сангин аст. Руҳан азоб мекашад, вале мехоҳад

бунёди хонаро нигоҳ дорад. Танҳо модар Мегам медонад, ки асли воқеа бар чи қарорест. Ӯ зимни иштирок дар маҳфили арӯсие, ки дар деҳа барпо шуда буд, моҷарои аслиеро, ки замоне барояш иттифоқ афтода буд ба ёд меорад.

Ӯ солҳо пеш зимни ҳезумчинӣ дар ҷангал ба дасти марди сафедпӯст, ки барои шикор омада буд, меафтад ва ӯ зӯран ба номуси ӯ таҷовуз мекунад. Лачҳо ҳосили он дидор бо сафедпӯст аст. Нависанда баргашти Мегамро пас аз он рӯзи нангин чунин тасвир намудааст: «Пойҳояш меларзиданд, чашмонаш пур аз ашк буданд. Вақте пас аз нуҳ моҳ Лачҳо ба дунё омад, тамоман ба мисли он мард буд. Будҳу ба шубҳа афтод:

– Бигӯ аз кӣ аст?

– Аз ту аст, - аз чашмонаш ашк ҷорӣ шуда, гуфт ӯ.

– Ҳаромзода аз кӣ аст? - ӯ як лагад дар пеши бараш зад.

Ӯ «уф» гуфта ба замин афтоду дар бораи он марди сафедпӯст чизе нагуфт» [32, 230].

Тавре ки дар идомаи ҳикоя омадааст, тақдири Лачҳо ҳам шабеҳи модараш мегардад. Ҷавоне аз шаҳр барои дарс додани бачаҳои мардуми сиёҳпӯсти деҳа меояд ва зимни иқоматаш бо Лачҳо ошно мешавад ва ишқи туфонӣ миёни онҳо сар мезанад. Вале мактаби ташкилдодаи он ҷавони ношинос дер давом намекунад. Ӯ аз деҳа меравад ва хотироте аз он ишқи мамнӯъ ва бахти шикаста барои Лачҳо мемонад.

Тавре ки дида мешавад саҳнаҳо, низоъ дар ҳикояи «Оҳуи ҷангалӣ» зиёд нест. Тасвири мухтасаре аз як деҳаи кӯҳистонӣ, ҳаёти як хонавода, ки хусусияти типӣ дорад, мазмуну муҳтавои ҳикояро ташкил медиҳад.

Ҳузури лаҳзавии қаҳрамонони беном, ки дар саҳфаи хотироти қаҳрамонони аслӣ ба зуҳур мерасанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки нависанда хостааст то ҷомеаи ақибмондаву нодор ва беҳуқуқро ба риштаи тасвир бикашад. Одамони сафедпӯст, ки аслан намояндаи табақаи болоиянд, бо тақдири дигарон бозӣ кунанд, ба номусашон таҷовуз намоянд. Дар муқобили ин рафтору кирдори онҳо ҳеҷ касе қодир нест садо баланд кунад.

Адабиётшиноси Ҳинд Каминӣ Сенварҳа перомуни вижагиҳои Меҳруннисо Парвиз таҳқиқ намуда, дар мақолаи «Саршор аз ҳиссиёти инсонӣ» ба муҳимтарин шеваҳои эҷодии ӯ ишора меварзад. Номбурда изҳор медорад, ки «Табиати ҳикояофаринии Меҳруннисо Парвиз хеле зебову хушоянд аст. Таҳлилу арзёбии ҳолати равонӣ ва муборизаи зан рӯҳи ҳикояҳои ӯст. Садои асосии ҳикояҳои ӯ дарди чашидашуда аст. Ҳамин дард ҳақиқати воқеии ӯст. Дарди ӯ дарди ҷомеа аст.

Мавҷи дарду ранҷ дар ҳикояҳои ӯ аён мешавад. Зеҳни ӯ мисли осмонест саршори абрҳои боронзо ва лаҳзае фаро мерасад, ки меборад, майсаборон. Ба забонаш диққати ҷиддӣ медиҳад. Забон аз пасу пеши ӯ медавад. Сабки бисёр устувору зебое дорад. Пайваста фаъол будан аз савияи дониши ӯст. Ӯ ҳақиқати муҳити иҷтимоиро дуруст баён кардааст. Нуктаи назари пухта дорад. Нисбати инсону инсоният ақидаву бовари шикастнопазир дорад» [20, 108].

Снеҳ Муҳаниш, ки аз муҳаққиқону нависандагони муосири Ҳинд аст, ба ҷанбаи нерӯманди иҷтимоии навиштаҳои Меҳруннисо Парвиз таъкид меварзад. Мавсуф нақши нависандаро дар бедорсозии ҷомеаи занони Ҳиндустон бисёр муҳимму корсоз медонад. Саҳми ӯ дар масъалаи муносибату созгории миёни мазҳабҳо, махсусан мазҳабҳои ҳиндуву мусулмон ниҳоят чашмрас аст. Снеҳ Муҳаниш хотирнишон месозад, ки «Ман худам нависанда шуда, ба ҳикояҳои ӯ, ба сабку услуби ӯ ҳасад мебарам» [20, 117].

Миёни ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ҳикояи «Хонаи нав» ҷойгоҳи хосе дорад. Бисёре аз муҳаққиқони осори ӯ дар таълифоти худ ба ҷанбаи гуногуни ҳунарӣ ва адабии он ишора намудаанд. Баррасии ин ҳикоя ҳар муҳаққиқеро таҳти таъсир мегузорад. Дарунмояи асосии ин ҳикоя тарсими вазъи сангини иқтисодӣ, ки як навъ озмоишу имтиҳон барои инсонҳо маҳсуб мешавад, мебошад. Ҳадафи ниҳоӣ ба андешаи мо дар ҳикоя талқини ин андеша аст, ки инсонҳо вазифадоранд дар ҳар вазъу ҳолате аз зиндагӣ бояд вазифаи инсонии худро аз ёд набаранд. Ба якдигар меҳрубону хайрхоҳ бошанд.

Ҳикояи «Хонаи нав» бо тасвири вазъи ногувори як хонавода, шароити номусоиди хона, боми валангор, бориши борон ва фурӯ чакидани боронҳо ба фазои хона оғоз мегардад. Ягона маконе, ки дар хона аз чакидани борон хушк боқӣ монда танӯри хона аст, ки дарунаш чанд ҳезумпора дорад. Пиразан Ҳалиман, ки яке аз қаҳрамонони ин ҳикоя ва меҳмони ин хона аст аз бехобӣ бо сабаби нобудани ҷойи хушк ранҷ мебарад. Ҳалиман меҳмони хонаи бародарзодааш Силаягурин аст, ки зиндагии қобили таърифе надорад.

Тасвири кӯтоҳи макони вуқуи падидаҳо ва ҷузъиёти ҳикоя гоми нахустинест, ки аз ҷониби нависанда бардошта мешавад. Гоми дуюм ошноӣ бо бошандагони ин макон, шинохти созгори табъу рӯҳи онҳо бо муҳит ва муҳим аз ҳама дарки пайвандҳои инсонии онҳост.

Аслан хосияту сиришти ҷомеаи инсонист, ки рӯйи ду пояи аслӣ дороиву нодорӣ, мечархад. Ин ду навъи табиӣ ба тамоми соҳоти иҷтимоӣ ва қабл аз ҳама ба зеҳният ва рӯҳияти инсонҳо сироят мекунад. Дар вуҷуди инсонҳо боиси эҷоди эҳсосоти гуногун, хоҳишу мақсадҳои бешумор мегардад. Дар зеҳну ҳуши онҳо мафкураву биниши махсусе дар атрофи воқеияти мавҷуд, рози ҷаҳон, моҳияту маънии вуҷуд, тарзу тариқи муошират муносибат шакл мегирад.

Ҳақиқати собитшудаи таърихи иҷтимоӣ аст, ки фақру нодорӣ сарчашмаи эътирозу норозиятӣ, заминаи шӯришу исён аст. Инсонҳо ба хотири расидан ба марҳилаи тозаи зиндагӣ, раҳоӣ аз занҷири буғикунандаи ин дарди музмини иҷтимоъ, даст ба мубориза мебарад. Бозтоби ин саҳн, яъне фақрзадагиро мо дар ҳикояи «Хонаи нав» мушоҳида мекунем. Манзури нависандаи ин ҳикоя инъикоси ҷанбаи исёнӣ ё шӯришии иҷтимои фақрзада нест, балки нишон додани бастагии онҳо бо ҳам, таҷассуми пойдории эҳсоси алоқаву дӯстиву меҳрварзии миёни онҳо, кумаки муштарак аст, ки ба боварии нависанда ҳеҷ фақре набояд онро захмин созад. Инсонҳо бояд дар ҳар вазъияте ин эҳсосро ҳифзу нигаҳдорӣ кунанд, зеро бақои ҷомеа, зист вобастаи ҳамин эҳсос аст.

Дар боло хотирнишон гардид, ки Ҳалиман зани пирсол, меҳмони бародарзодаи камбизоаташ аст ва дар он лаҳзаҳои боронӣ ранҷур аз чак-чаки боми хонаву замини тар, болои ин эҳсоси гуруснагӣ ба садо дармеояд:

« – Силаягурин чӣ пухта истодаӣ? Ин қадар бӯйи хуш аст, – бо даҳони бедандони пур аз об пурсид Ҳалиман.

Ҳеҷ чиз аммаҷон, ба хонаи Малик арӯси равғанфурӯш омадааст-ку, мурғҳоро куштанд, ман як чуҷаашро гирифта оварда будам, ҳамонро пухта истодаам» [32, 152].

Хосияти ғаризаи инсонист, ки бӯйи таом, ҳатто ном бурдан аз таом эҳсоси ғаризаи иштиҳооварро дар ниҳод бедор месозад, махсусан замоне ки инсон побанди гуруснагӣ аст. Чунин ҳолат барои пиразан Ҳалиман даст медиҳад, вале бидуни ин ки ҳолати худро ошкор созад ба бародарзодааш аз вазъи духтари бемораш хабар медиҳад: «Духтарат Сукҳия дар ҷояш қазои ҳоҷат карда, бо дасту пояш онро молида нишастааст.

– Чӣ кор кунам аммаҷон, шавҳарам мурд, ин гуна фарзанд дар насибам будааст. На мемураду на беҳбуд меёбад. Мани бечора аз куҷо равғани зард пайдо кунам? Аз беморхонаи давлатӣ гуфтаанд, ки равғани зард истеъмол кунад. Ҳафт пушти ман равғани зардро истеъмол накардааст, пас аз куҷо биёрам. Бемории фалаҷи ӯ рафъ намешавад» [32, 152].

Масоили мазкур равшану возеҳ воқеияти зиндагии ин хонаводаро, ки мазҳари зиндагии ҳамагонист, нишон медиҳад. Ба назар чунин мерасад, ки инсонҳо ба ҳама чиз одат мекунанд, ҳатто бо сангинтарин суннатҳои фақр ва дар ниҳоят ҳамаро вобастаи тақдиру сарнавишт медонад.

Дар осори адабӣ маънирасонӣ ё баёни дарунмояи мавриди назар шеваҳои гуногунро тақозо мекунад, ки сифату ҳуснаш вобастаи истеъдоду ҳунари холиқи асар аст. Аз ҷумла тасвири хулқу атвор, чеҳраи зоҳиру ҷаҳони ботини қаҳрамонон низ тарзу усули хосси баёну инъикосро тақозо менамояд. Аз ин нигоҳ шеваи офарандагии Меҳруннисо Парвиз хусусиятҳои барҷаста дорад. Номбурда дар бозкушоии чеҳраи қаҳрамонон, ҷаҳони андеша, бинишу ҷаҳонбинии онҳо бисёр

дақиккор аст. Муҳим аз ҳама якбора аз рухи онҳо парда намебардорад, балки гом ба гом симои воқеии онҳоро ба мухотабон нишон медиҳад.

Масалан, дар тасвири Ҳалиман ва образи ӯ. Дар оғози ҳикоя аз ӯ ҳамчун зани пир, ки муддатест дар хонаи бародарзодааш меҳмон аст ёд мекунад. Аммо аз ҳамон ибтидо равшан аст, ки «меҳмонӣ»-и ӯ тӯлонӣ ва ин ҷанба ҳарчанд на ошкор боиси нигаронӣ ва пурсишҳои гоҳ-гоҳӣ мегардад. Бо ҳар пурсише собиқаи зиндагии ӯ равшан мешавад. Маълум мегардад, ки ӯ пеши фарзандонаш зиндагии осудае доштааст, вале муносибати бархе аз онҳо сабаб шуда, ки аз хонаи фарзандон ба хонаи бародарзодааш биёяд ва барои замин гирифтан ба мақомоти дахлдор ариза диҳад. Масалан ба суоли бародарзодааш чунин посух медиҳад: «Дар иморати 900 дар назди хуҷаини бузург барои замин ариза додаам, ҳамин ки ба даст овардам, ҳушёрӣ карда, кулбаи худро хоҳам сохт. Дар даҳлези дигарон то кай меистам, вақте ки хона азони худат бошад, гурусна ё луч мемонӣ, касе чизе намепурсад. Дар ин ҷо бо шарофати Салима истодаам. Пагоҳ ӯ ҳам дасткӯтаҳ шавад, пас ман дигар ба рӯи кӣ нигоҳ мекунам» [32, 152].

Дар тӯли ҳикоя ровӣ гоҳе ба ҷузъиёти зиндагии як қаҳрамон ва гоҳо ба тасвири ҳолати равонии қаҳрамони дигар мепардозад. Тасвирҳои мавҷуд гӯё вазъи сангини иҷтимоии онҳо мебошад. Барои мисол агар дар оғози ҳикоя аз Сукҳия чун кӯдаки бемор ёд кардем, дар бахши дигари ҳикоя ба мавзуоте ишора менамоем, ки ба гунае ба зиндагии сангини ӯ пайванде дорад. Нависанда мехоҳад вуҷуди бузурги як мушкили иҷтимоиро, ки роҳҳои раҳоӣ аз он маълум нест, нишон диҳад. Умқу паҳное дорад, шояд барои Сукҳия равшан нест. Ӯ кӯдак аст ва зеҳни ӯ ба дарки ин масъала намерасад, ки гирифтори чи бунбастест, вале бузургсолон бо дидани ҳолати ӯ дучори биму тарси номафҳуме мешаванд. Модар бо ҳама имконоте, ки дошт мехост барои идомати зиндагии ӯ коре анҷом диҳад, вале пиразан Ҳалиман дар муқобили дарде, ки домангири кӯдак буд, ба ҷуз хомӯшӣ ва гурези нигоҳ чораи дигаре надошт: «Дар беморхонаи давлатӣ шири хушк ройгон тақсим мекарданд. Силаягурин субҳи барвақт рафта гирифта меомад ва аз он шири гарм тайёр карда, ба Сукҳия менӯшонид. Сукҳия чашмоне дошт, ки

онҳо ӯро дар синну сол калон нишон медоданд. Аз чи бошад, ки Ҳалиман ба чашмони ӯ ҳеҷ гоҳ наменигарист. Ба назараш чунин менамуд, ки тамоми ғами дунё дар чашмони ӯ ҷойгузин шудааст» 32.

Ин воқеиятест, ки Ҳалиман ҳар рӯз бо он дучор мешавад, дарун-дарун месӯзад, вале на сухане барои тасаллову дилбардорӣ дорад ва на имконе барои ёрӣ намудан. Аз сӯйи дигар, ҳушу ёдаш ба заминест, ки бояд бар асари аризаи навиштааш барои ӯ ҷудо кунанд ва ӯ хона бисозад. Оқибат ӯ санади заминро мегирад. Вале ҳамин ки ба хона бармегардад модари Сукҳия аз вафот кардани Сукҳия хабар медиҳад. Ӯ нигоҳе ба ҷасади майит, ки рӯйи партовҳо хоб буд, меандозад. «Миёни партовҳо Сукҳия хобида буд. Чеҳрааш пур аз пашша буд...» [32, 157].

Ҳалиман ва Силаягурин модари гирёни кӯдак муддате ғарқ дар гирдоби мусибати пешомада қарор мегиранд ва Ҳалиман дастур медиҳад, ки барои гӯронидани майит матоъи нав бихаранд ва қабр бикананд, аммо маълум мешавад, ки модари бечора барои харидани матоъ маблағ надорад ва тасмим мегирад, ки худ қабр биканад ва бо матои кӯҳна кӯдакашро бигӯронад. Дар ҳамин нукта аст, ки ҳикоя ба нуқтаи олии худ мерасад, фақр ин рукни ҳамешагии ҳастӣ ба марҳилаи фарёд мерасад ва симои сарду бараҳнаи худро ба намоиш мегузорад ва гӯё аз пирӯзии худ бар рӯҳу равони инсонӣ дарак медиҳад. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё аз гирдбоди мудҳишу умедкуш чораи халосӣ нест. Вале нависанда ҳаст, ки шуълаҳое аз умеду итминонро, нерӯи бузурги нуҳуфта дар ниҳоди инсонро, эҳсоси начиби шаклгирифта дар зеҳнияту руҳи одамиро, ки намунааш даст гирифтани якдигар дар сангинтарин ҳолатҳост, зиндаву омодабош мебинад.

Ҳалиман пиразане, ки ба хотири замин гирифтану хона сохтан муддате давутоз дошт ва навакак санади замин гирифта буд, ба хотири рафъи мушкил дасти ниёзи зани мусибатзадаро мегирад. Санади заминашро ба гарав гузошта қарз мегирад, то барои ба хок супоридани майит ҳалли мушкил кунад.

Поёни ҳикоя, ки хеле ҷаззоб тасвир шудааст, воқеан андешабарангез аст: «Ҷасади Сукҳияро дар матои нав печонида, Силаягурин ба пеш ҳаракат мекунад.

Аз пушти ӯ Ҳалиман ва қабркан меомаданд. Дур аз шаҳр ба назди ҷангал расиданд, он гоҳ борони сел борид. Қабр ҳар дафъа пур аз об мешуд. Қабркан чанд маротиба бо тунука оби қабрро холӣ мекард. Дар замини пуроб Сукҳияро хобонда, вақте баргашта омаданд, аллакай торик шуда буд. Қалби ӯ то ҳадде сабук шуда буд, гӯё ӯ хонаи нав сохта буд» [32, 160].

Ҳамаи ин рухдодҳо дар домони ҷомеа мегузаранд, ҷомеае, ки мавҷудоти аслаш инсонҳоянд. Мавқеияти инсонҳо, тарзи зиндагии онҳо бо далоили зиёд аз ҳам фарқ мекунад. Ин тафовуту фарқият зояндаи бинишу диди хос, марому ҳадаф, ҳаракату талош, мубориза ва набард мегардад.

Аз ин рӯ, замоне як нависанда қасди эҷоди осори ҳунарӣ менамояд, хоставу нохоста, гузораш ба ҷомеаи инсонҳо ва шебу фарози онҳо меафтад, бо дарду ранҷ, шодиву сурури сокинони он ҷомеа ошно мешавад. Хеле зуд бо табиати онҳо унс мегирад ва дар ниҳояти кор тасвиргари саҳнаи зиндагии эшон мегардад.

Меҳруннисо Парвиз низ тасвиргари бузурги ҷомеа ва масоили иҷтимоӣ мебошад, ки намунаашро дар ҳикояҳои ӯ дидем. Махсусан зан ва мушкилоти гиребонгири ӯ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ниҳоят васеъ ва доманадор аст.

Бисёре аз муҳаққиқон ба ин ҷанбаи эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳи хос додаанд. Ба ақидаи Зоҳида Ҷабин «Адиба мушкилот ва ҳақиқати талхи табақаи занонро ба миён гузошта инъикос намудааст. Ӯ ғаму андӯҳи кӯчаки занро як тараф гузошта, ҷиддӣ будану барои ҳастии худро бунёд кардану озод будан дониш гирифтанашонро талқин кардааст» [13, 149].

Муҳақиқи номбурда дар таълифоти худ ҳамчунин зикр менамояд, ки миёни шеваи нависандагии Меҳруннисо Парвиз ва дигар адибони муосир умумиятҳои зиёде ҳаст, махсусан дар манзарапардозӣ, корбурди ороишҳои адабӣ, чеҳрапардозӣ ва ғайра. Лекин тасвиру бозтоби муҳит, бозтоби мушкилоти табақаи мусулмон, услуби ҳикоянигорӣ дар коргоҳи эҷодии номбурда комилан мутафовит аст.

Дар охири ин бахш ҷойи таъкид аст, ки тарҳи масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз танҳо бо мақому ҷойгоҳи зан ё дақиқтараш мавзуи

зан маҳдуд намешавад. Нависанда аз даричаи дунёи зан мехоҳад ба манзари беканори ҳастӣ, масоили хурду бузурги инсонӣ, ҷаҳони андешаи инсонҳо, бархурди онҳо бо масъалаҳои маконию замонӣ, ба раванди ноистои ҷаҳонӣ чашм афканад.

2.2. Бозтоби пайвандҳои хонаводагӣ

Яке аз мавзуъҳое, ки дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз нақши барҷаста дорад, тасвири масъалаҳои хонаводагӣ, муносибати миёни фарзандон, падару модар, таъсири муҳити хонавода дар камолу инкишофи ҷаҳонбинии фарзандон, бархурди онҳо ба мушкилоти хонавода мебошад. Бояд таъкид намуд, ки даст задан ба тарҳу офариниши ҳунарии масоили хонаводагӣ аз ҷониби нависанда вижагиҳои хос дорад.

Меҳруннисо Парвиз аз як сӯ воқеияти айниро аз конуни як хонавода, ки ҷанбаи типӣ дорад ба риштаи тасвир мекашад ва зимнан талош меварзад то рӯҳу зеҳнийат, дунёи андеша ва расму ойин, боварҳои ононро дар либоси вожагон баён дорад.

Муҳаққиқи ҳинд П. Р. Ниту зимни арзёбии офаридаҳои Меҳруннисо Парвиз изҳор дошта, ки «Ҳикояи имрӯза муҳити замони худро куллан кашф намуда, аз ҳикояҳои солҳои пешин комилан мутафовит аст. Дар саҳнаи ҳикояофаринии адабиёти ҳиндӣ Меҳруннисо Парвиз ҳамчун зан-ҳикоянависи тарсимгари афкори табақоти миёнаи ҷомеаи мусалмон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Мавсуф бидуни шак бо садоқату хулус, ҳунармандона аз болои мушкилоти гуногуни ҳаёт парда бардоштааст. Мутаассир ва ҷоззибу пурэҳсос тасвир намуданро маҳаки асосии эҷодиёти худ қарор додааст.

Ҷило ё дурахшеро аз зиндагии шахсӣ ва мушкилоти аз сар гузаронидааш дар офаридаҳояш метавон эҳсос кард. Дар ҳикояи Меҳруннисо Парвиз дар ҷомеаи мусулмон фосиқиву бадахлоқии беандоза, коста гаштани арзиши зиндагӣ ва буҳрони сахти иқтисодӣ инъикос ёфтааст» [19, 150].

Нигоҳи эҷодгари нависанда ҳамеша дар фазову макони буду бош ва амалкарди мардуми табақаи миёнаҳол мечархад, зеро зиндагии ин табақа саҳнаҳову манзараҳои пуршуморе барои навиштану мунъакис кардан дорад. Яке аз ҳикояҳои дилчаспу қобили диққат дар байни офаридаҳои адиб ҳикояи «Пайвандон» мебошад, ки дар хати сужаи он ҷараёни зиндагии як хонаводаи серфарзанд бо сатҳи пасти иқтисодӣ тасвир шудааст. Матолиби ҳикоя аз ҷониби қаҳрамони аслӣ Ҷовид ривоят мешавад. Ҷовид, ки дар Ҷагадалпур машғули таҳсил аст, барои дидори хонавода, падару модар ва хоҳару бародар ба Райпур бозмеояд.

Аслан дур аз хона ба сар бурдан дар марҳилае аз зиндагӣ барои инсон эҳсосоти гуногунеро эҷод мекунад. Дурӣ аз хонавода, аз конуне, ки қисмати умр он ҷо сипарӣ шуда, ба дигар сухан умр он ҷо решадор шуда, эҳсоси ғурбатро бедор месозад, дар танҳоӣ саҳнаҳои гуногуни зиста дар зеҳн таҷдид мегарданд, гирифториҳои хонавода, симои падару модар пеши назар меоянд. Ин эҳсосу авотиф хоссатан замони бозгашт ба хона рангу сурати дигар мегирад.

Ба қаҳрамони ҳикояи «Пайвандон» Ҷовид низ чунин ҳолате рух додааст. Ӯ пас аз муддати тӯлонии таҳсил дар коллеҷ ба хона бармегардад. Шанно хоҳари хурдии Ҷовид дарвозаро ба рӯйи ӯ боз мекунад: «Акаҷон! Ин шумо ҳастед? Ва ӯ дарвозаи заъфариро кушода, ӯро ба дохил даровард. Ӯ дасташро ба сари Шанно гузошт. Шанно дасти ӯро дошт ва кашида ба даруни хона гирифта бурд ва ҷомадонро аз дасташ гирифта, дар ҷевони чӯбини дар рубарӯ буда, гузошт.

– Очаҷон, очаҷон, бубинед, бародарам омаданд, - Шанно ба долони пушт рафта, фарёд кард» [32, 165].

Чи тавре ки дида мешавад, бозгашти бародар барои Шанно рухдоди шодиофарин аст. Ӯ аз саршории шодиву хурсандӣ чӣ кор карданашро намедонад. Мехоҳад ба ҳамаи аҳли хонавода муждаи омадани бародарашро бирасонад. Ин амр як расми асрҳо шаклгирифтаву истеҳкомёфта дар чаҳордевори хонаводаҳои инсонист. Шояд бозгашту дидор бо фарзанд беш аз ҳама барои падару модар нишотангезу хурсандибахш бошад, вале дар ҳикояи мазкур мо ба акси он дучор

мешавем. Омадани Ҷовид ҳеҷ аксуламале дар ниҳоди модар эҷод намекунад. Ин ҳолатро Ҷовид тез эҳсос мекунад: «Ногаҳон аз овози ошнои модар ӯ чашмонашро кушода, дид, ки модар бо дастмол дастонашро пок карда истодааст. Аз чеҳраи ӯ маълум буд, ки аз ногаҳон омадани ӯ ҳайрон нест. Гӯё ӯ пас аз сайру гашт дар мадрасаи Ҳамид Алии воқеъ дар Хиёбон ба хона омада бошад» [32, 165].

Ҳеҷ гуфтугӯе миёни Ҷовиду модар радду бадал намешавад. Танҳо модар ба ӯ амр мекунад, ки дасту рӯяшро бишӯяд. Чунин вазъият Ҷовидро комилан ғофилгир мекунад. Ҳатто наметавонад аз модар ҳолу аҳвол бипурсад.

Ҳикоя дар марҳилаи оғозини худ қарор дорад, чӣ гуна ранг гирифтани сужаи он равшан нест, вале натиҷаи нахустин ё бардошти аввалин аз чунин муомилае дар зеҳни мухотабон шакл мегирад. Ба ин маънӣ, ки муҳити сангини иқтисодӣ, камбуди фаровони моддӣ аст, ки метавонанд дар руҳу равони инсонҳо ҳатто аҳли як хонавода таъсири амиқ бигузорад ва эҳсоси хушояндро саркӯб кунад. Ҷовид машғули пурсишҳои печдарпеч ба гӯшаҳои мухталифи хона ва аҳли он назар меафканд.

Муҳаққиқи Ҳинд Шраддҳа Чандракар дар пажӯҳише, ки дар атрофи ҳикояҳои нависанда анҷом додааст, андешаҳои муҳиммеро роҷеъ ба сабку услуб ва хусусиятҳои эҷодии адиба баён намудааст. Ба қавли мавсуф ҳар даврае аз адвори адабиёт бо номи нависандае марбут аст, ки беш аз пешиниён ба масоилу мушкилоти замон, дарду ранҷи мардум пай бурда ва бо диду биниши тоза ба воқеияти айнӣ нигаристааст. Номбурда Меҳруннисо Парвизро аз зумраи чунин ҳунармандоне мешуморад. Ба андешаи ӯ «Меҳруннисо аз зумраи нависандагоне мебошад, ки бо сабку услуби вижаи худ муносибати байни одамон ва ҳолатҳои яъсу ҷудоиро дар оилаҳо ба қалам додаанд. Мазкур бо диди хос, ҳунари биловасф дар бозтоби масоили иҷтимоӣ тавониста, вазъи сангину мушкилзои табақаи миёнаи ҷомеаро тасвир намояд. Рӯҳафтодагӣ, танбалӣ, муносибати сохтаи одамон, риёкорӣ ва ишқу муҳаббат аз мавзуъҳои асосии ҳикояҳои ӯ мебошанд» [20, 60].

Дар боло қайд намудем, ки Ҷовид қаҳрамони ҳикояи «Пайвандон» ҳарчанд дар муҳити хонавода ҳузур дорад, ба гунае эҳсоси ғарибӣ мекунад. Модар ба бозгашти ӯ бетаваҷҷуҳ аст. Ҳар кас машғули кори худ аст. Хоҳараш Сачо бо зикри «Салому алайкум акачон» басанда мекунад ва саргарми нонпазӣ аст. Танҳо омадани падар фазои фишорсозу ғамини хонаро дигаргун месозад. Падар ҳамзамон бо дидани Ҷовид замони расиданашро мепурсад. Ҷовид эҳсос мекунад, ки хурсандие дар вуҷуди падар аз дидани ӯ пайдо мешавад: «Ӯ дид, ки чеҳраи падар равшан шуда, лабонашро табассум фаро гирифт. Монанди ин ки касе чодари ҷамъшударо кашида, шуста дарзмол карда бошад. Падар пиҷакашро кашида, дар либосовезак овезон кард ва мӯйҳояшро ба тартиб дароварда, дар назди ӯ омада нишаст ва ба суҳбат кардан шурӯъ намуд» [32, 166].

Фарорасии шом аҳли хонаводаро гирди ҳам меорад. Падар, модар, бародарон Иқбол, Раҳим ва хоҳарон Шаннову Сачо. Ровӣ ба суҳбате, ки миёни онҳо сурат мегирад, ишорат мекунад. Ба ҷузъиёти суҳбат сару коре надорем. Дар зеҳни хонанда чунин тасаввуре шакл мегирад, ки ҳадафи нависанда аслан баёни мавзуи суҳбат нест, балки бозтоби мазҳари зиндагии як хонаводаи деҳотӣ аст, ки бори сангини ҳаёт таҳти фишорашон қарор додааст, ҳарчанд ба таври мустақим аз дарду ранҷи худ чизе намегӯянд, вале нақши он дар сурату зоҳири он ҳувайдост. Ҷовид мушоҳиди ин нишасти хонаводагист. Саъй мекунад, ҳеҷ гӯшае аз чашмаш пинҳон намонад. Эҳсос мешавад, ки дар ин муҳити хонаводагӣ меҳру дӯстдорӣ бо якдигар решадор нест, вале камбизаотӣ, нодорӣ ба гунае зеҳну фикри онҳоро машғул дошта, ки гоҳо вуҷуди он сарчашмаро фаромӯш мекунанд. Ҷовид саропо мушоҳиди вазъи авзои хонавода аст. Бародарон Раҳиму Иқбол, ки яке аз мактабу дигаре аз кор бозгаштаанд, ҳар яке бо гӯшае хомӯш нишастаанд. Хоҳараш Сачо ба девори ошпазхона такя намуда, лаб фурӯ бастааст.

Танҳо падар аст, ки гоҳ-гоҳ сухане радду бадал мекунад. Ин саҳнаҳоро Ҷовид зиёд омӯхтааст. Махсусан, вазъияти равонии модарро дар фазои хонавода. Ӯ хуб омӯхта, ки «Модар одат дорад, ки ҳангоми сухан кардан ногаҳон хомӯш

мешавад ва боз ба гуфтан шурӯъ мекунад. Вақте маъюс мешавад, он вақт чизе намегӯяд» [32, 166].

Маъмулан дарку шинохти дунёи ботинии инсонҳо, фазои фикрӣ ва ҳадафу маромашон ҳангоме ошкор мегардад, ки лаб ба сухан боз кунанд, ибрози андеша намоянд, ё атрофи масоиле, ки ақлу ҳӯши онҳоро гирифтор намуда, ҳикоят кунанд. Вале дар ҳикояи «Пайвандон» қаҳрамонҳо хомӯшанд. Нависанда бо баҳрагирӣ аз шеваҳои хосси офариниши хеш фазоҳои матлубро мунъакис месозад. Масалан бо тасвири воқеае, ки зимни суҳбати шомгоҳӣ бо ҳаракати Ҷовид сурат мегирад, манзараи фақрзадагии хонаводаро нишон медиҳад: «Ӯ (Ҷовид – Л.А.) бо шавқ чангҳои даруни ҷузвдонашро тоза карда, онро бардошт ва чизу чораи дарунашро якто-якто баровардан гирифт. Ӯ эҳсос кард, ки чашмони ҳама ба ҷузвдони ӯ афтидааст, мисле ки бубинем чӣ овардааст ва ӯ замони таҳсил дар мактаб, коллеҷ, зимни бозгашт ба хона ҳеҷ чизе бо худ ҳамчун дастовез намеовард. Шояд ин бар асоси тарбияти хонаводагӣ буд. Инро ҳамонҳое мекунанд, ки хешу табори дуранд, аммо имрӯз аз чи бошад, дилаш аз ин одаташ ба дод омада буд» [32, 166].

Тавре ки аз нақли ин иқтибос дида мешавад, нигоҳи андӯҳбори аъзои хонавода ба ҷузвдони Ҷовид хоставу нохоста мухотабро бо ин андеша мебарад, ки онҳо зиндагии қобили мулоҳизае надорад.

Ҷовид барои муддати кутоҳе баргаштааст. Маъмулан чунин дидорҳо бояд саршори шодиву хурсандӣ бошад, вале ҷараёни зиндагӣ дар хонаи падарӣ ӯро маҷбур месозад, танҳо дар атрофи фалсафаи зиндагӣ, муносибату муоширати хонаводагӣ, иллату сабабҳои сардӣ ё гармии ин муносибат, нақши сармоя дар рӯзгори одамӣ, ҳифзи пайвандҳои хонаводагӣ андеша намояд. Ҷовид пас аз ду рӯзи мондан дар оғӯши хона эҳсос мекунад, ки бархурду муносибати аҳли хона ба ӯ тағйире намекунад. Ҳама аз дур бо ӯ муносибат менамоянд. Зиндагии маъмулии хонавода бар рӯйи пояҳои пешин аст. Субҳи барвақт падар, бародараш Иқбол ба кор мераванд ва ӯ мемонаду танҳоии риққатовар.

Ҷовид дар ин хонаводае, ки ба ғайр аз ӯ нуҳ фарзанди дигар дорад ягона фарзандест, ки бакалавр хондааст. Ба ёдаш мерасад, ки падар ҳангоми дар мактаби олӣ хонданаш ба ӯ ҳушдор медод, ки «Мактаби олиро ҳам хондӣ, акнун ягон ҷо раис шав» [32, 167]. Ба ёдаш ҳамчунин суҳбати падар бо модараш мерасад. Падар ба модар фармон медод, то писарашро бифаҳмонад, ки ӯ танҳо нест. Дар хона бародару хоҳар дорад, ки онҳо низ бояд хонанд. Шунидани ин сухани падар вайро маҷбур месозад, ки мустақил кор кунад, барои шартномаи мактабаш пул ҷамъ кунад.

Ҷовид аз як сӯ, дар атрофи зиндагии худ андеша мекунад ва аз сӯйи дигар, ба рафтору кирдори падар нахустин бор зеҳнан бо дидаи интиқод нигоҳ мекунад. Мисли ин ки мехоҳад падарро барои чунин вазъияти сангини хонавода муҷрим бидонад. Махсусан, лаҳазоте ки падар бо ҳар баҳона ӯро мешунавонад: «Хӯрок дар гулӯяш дар мемонд. Дилаш мехост бигӯяд, ки барои нуҳ-даҳ фарзанд таваллуд кардан кӣ онҳоро водор кардааст. Вақте ки ба дунё овардед, фикри ба воя расониданашонро низ кардан даркор аст. Аммо сухан ба даҳонаш омада, зери дандонҳояш бо нон хоида мешуданду ӯ гуфта наметавонист» [32, 167].

Аз ин мисол метавон натиҷа гирифт, ки фарҳанги решадору мустаҳками шаклгирифта дар ҷомеаҳои шарқӣ иҷозат намедиҳад, то фарзандон ҳатто замони ноҳақ будани волидайн, ноҳақии онҳоро ба рух бикашанд.

Барои фарзандон танҳо шинохти камбуду кӯтоҳиҳо мемонад. Онҳо медонанд, ки падарон дар чӣ мавриде гоми иштибоҳӣ бардоштаанд, аммо бозгӯ шудану гуфтани ҳақиқат дар пешгоҳи волидайн ҷоиз нест. Зеро муҳити солҳои тӯлонии ҳоким бар хонавода, ки рӯйи сутунҳои иззату эҳтиром устувор аст, ҳаққи гуфтанро аз онҳо гирифтааст.

Зиндагии пешини падар ва шуғли сердаромадаш ба зеҳнаш мерасад. Афсӯс мехӯрад, ки чаро падар ҳаргиз сармоя ҷамъ накард, ҳатто касеро суғурта накард. Модар низ гунаҳкор буд. Падарро аз ин кор бозмедошт. Эътиқод дошт, ки суғурта умри одамро кам мекунад.

Тамоми саҳнаҳои ҳаёти сипаришуда аз пеши назари Ҷовид мисли лентаи кино мегузаранд. Пас аз хатми коллеҷ қариб ду сол коре пайдо карда натавонист. Рӯзе шунид, ки падараш дар авҷи нороҳатӣ ба модараш гуфт то ба Ҷовид бигӯяд, ки аз хона баромада равад. Тайёрахӯр набошад. Шунидани ин гуфтугӯ ба андозае таъсирнок буд, ки рӯзи дигараш ӯро озими Ҷагадалпур намуд. Ҳеҷ касе аз ӯ суроғ нагирифт. Муддате дар шаҳри бегона бекор гашт, то ин ки дар мактабе муаллим шуд ва аз маошаш 100 рупия ба хона фиристод. Ин кори ӯ вазъи хонаро дигар карда буд. Ба ӯ нома навишта дар ҳаққаш дуои хайр мекарданд ва ҳамеша тақозо мешуд то барои ин мушкилу он мушкил пул фиристад.

Бояд қайд намуд, ки саҳнаҳое, ки мунъакискунандаи вазъи сангину печидаи иқтисодӣ мебошанд дар ҳикояи «Пайвандон» пуршуморанд. Ҷовид дар чаҳордевори хона ба ҳар гӯша, ки менигарад, сояе аз фақру нодорӣ, мушкилу гирифториро мебинад. Апаву хоҳараш, бародаронаш ҳама дастнигари ӯянд, умеди кумак доранд, вале ӯ дасткӯтаҳ аст. Дидани ин ҳама манзараҳо ӯро водор месозад, ки боз ба Ҷагадалпур баргардад. Шаби пеш аз сафар дороии хешро ҳисоб мекунад. Дар ҳамёнаш ҳамагӣ 14 рупия меёбад. Медонад, ки аз ин маблағ 11рупия барои билети роҳ ва 1 рупия барои харҷи роҳ сарф хоҳад шуд. Ҳамагӣ ду рупия мемонад. Тибқи маъмул пеш аз рафтан ба бачаҳо пул медиҳанд. Надоштани чунин имконе ӯро маъюсу андӯҳгин месозад. Махсусан саҳнаи рафтан аз хона ва худоҳофизӣ бо пайвандон ибратомӯз аст: «Дар рӯ ба рӯ ароба истода буд. Падар пой болои пой дар курсӣ нишаста, модар, апа, Саҷҷо дар назди дарвоза рост истода буданд. Ду бародар дар курсӣ нишаста буданд. Бачаҳо дар долони пушт бозӣ мекарданд. Апа онҳоро ҷеғ зад, вале ягонтоаш наомад. Танҳо духтарча омад. Ӯ ду рупияро сахт дар дасташ дошта буд. Таппиши чашмони сухангӯи модару апаро ӯ эҳсос мекард. Духтарча аз дари ҳуҷра ба ҳавлӣ нигарист. Ӯ зуд духтарчаро бардошта, пушташро ба тарафи дигарон гардонда ду рупияро ба дасти духтарча дод ва мушти ӯро сахт фишурд» [32, 171]. Натиҷае, ки аз мурури ин ҳикоя ҳосил мешавад ба шарҳи зер аст. Сатҳи пасти зиндагӣ аз нигоҳи иқтисод ба

муносибати миён инсонҳо, ҳатто хонаводаи алоҳида таъсири амиқ мерасонад. Давому истодагарии он боиси зуҳури бегонагӣ мешавад.

Албатта, ҳадафи нависанда омӯхтану нишон додани раҳоӣ аз чанги ин мушкилу рафъи он аст. Ҳадафи навиштаи вай бозтоби вуҷуди иттиҳоду ваҳдати пайвандҳои маъмулу марсуми хонаводагист, ки лозим аст дар ҳар вазъияте ҳифзу нигаҳдорӣ шаванд, зеро бақои ҷомеаи инсонӣ вобастаи онҳост. Бояд бузургсолон зери фишори сангини вазъи иқтисодии хонавода ба фарзандон зиёдравӣ накунанд. Ин амал пайёмади хубе нахоҳад дошт, ки намунааш мисли зер аст: «Дар ин хонае, ки ба дунё омад, дар он ҳавлӣ қадам заданро омӯхт, имрӯз ин хона чи қадар хомӯш, ваҳшангез ва бегона ба назар мерасад. Ӯ ҳашт рӯз истоданӣ буд. Вале дар панҷ рӯз нороҳат шуд. Таънаҳои лаҳза ба лаҳзаи падар ва гиряҳои модар дилтангаш карда буданд. Касе сухани хубе намегуфт. Ҳар кас дар фикри худу манфиати хеш буд» [32, 172].

Дар миёни ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ҳикояҳое, ки ба муҳити хонаводагӣ, робитаи миёни аъзои хонавода, расму анъанаҳои маълуми хонавода, ранҷи хонавода, хонавода дар зеҳнияти мардуми рустоӣ бахшида шуда бошанд, зиёданд. Ҳикояи «Бемории падар» як намунаи марғубе аз он қабил мебошад. Қабл аз он ки ба сужа, банду баст ва мазмуну муҳтавои ҳикояи мазкур назар андозем, лозим медонем перомуни мавзуъ, ки яке аз мавзуъҳои ҷовидонии адабиёти мо маҳсуб мешавад, сухан дар миён бигузорем. Равшан аст, ки дар ҳар хонавода рукни аслӣ ва роҳбару ҳидоятгар ва ҳофизу нигаҳдори хонавода падару модаранд. Рушду камол ва умури зистиву маишии хонавода ба дӯши падар аст. Падар танҳо таъминкунандаи ниёзу эҳтиёҷи моддиву пулӣ нест. Нақши падар дар камоли ахлоқӣ-маънавии фарзандон ниҳоят корсоз аст. Иқтизои муҳити хонавода, низоми он тақозо мекунад, ки падар бояд барои аҳли хонавода намунаи ибрату шоистагӣ бошад. Дар акси ҳол саломату фазои хона халалдору ноустувор мегардад ва таъсири нохушояндаш ба ҷомеа мерасад. Дар ҳикояи «Бемории падар» мо бо саҳнаҳое дучор мегардем, ки дар кас эҳсосоти мухталифу андешабарангезро ба бор меоранд. Сужаи ҳикоя ба рӯйи муносибатҳои падару фарзандон, ки макони

шаклгириашон хонавода аст, мечархад. Қаҳрамонони асосӣ дар ҳикоя номи хосе надоранд. Қисса аз мазҳари зиндагии хонаводаест, ки бо вуҷуди бе ном омадан, дар зиндагии инсонҳо ҳузур доранд, шоҳид доранд. Дар ҷомеаи инсонӣ намуна доранд. Ҳикоя бо тасвири асбобу анҷоми хона «курсиҳои пуштакдори зангхӯрдаи хона», ки як замоне доштани онҳо мояи ифтихор буд, оғоз мешавад. Писари мансабдор, дақиқтараш пулдор аз Деҳлӣ барои ҳамдардӣ, аёдати падари бемору дами маргаш меояд ва дидани «курсиҳои зангхӯрда» хотироти кӯдакиро пеши назараш зинда месозад. Дар хотироти ӯ ҳиссе нафратомезу дареғзо, солҳо нуҳуфта дар ҷисму ҷон эҳсос мешавад. Дидани падар пас аз солҳои тӯлонӣ қодир нест он ҳисси дардомезро дигаргун созад. Вазъе, ки дар дидани ҷисми бемори падар дар зеҳнаш ҳосил шуда, аз хотираи зишти ӯ гувоҳӣ медиҳад: «Дар болои кати хурдакак одаме ба мисли уқоб пойҳояш тоб хӯрда, бо андоми лоғари скилетмонанд хобидааст ва барои дидани ӯ аз Деҳлӣ омадааст. Ӯ барои ҳамдардии ин одам омада буд, аммо баъди ин қадар давиданҳо дар рӯ ба рӯйи ӯ наметавонист ором бингарад. Ин одами уқобнамо падари ӯ буд» [32, 172].

Ин писар, ки аз ӯ «мансабдору пулдор» ёд шуд пас аз бори сеюм нома гирифтан аз бародараш Моусере аз Деҳлӣ ба роҳ мебарояд. Фикр мекунад, ки падараш мурдааст. Ӯ тасмим мегирад ба он шаҳри хурди худашон биравад «вагарна дар он шаҳри хурд агар ӯ ба маросими дафни падараш расида наояд, пас мардуми он ҷо ӯро ҳеҷ гоҳ нахоҳанд бахшид» [32, 172].

Ҳисси бадбинӣ нисбат ба падар ба андозаест, ки замони иқомат дар Деҳлӣ ҳаргиз аз ӯ ном намебарад, ба касе аз ӯ сухан намегӯяд. Танҳо замоне, ки барои сафари шаҳри хурд рухсатӣ мегирад, ҳамкорон ва рафиқон мефаҳманд, ки «падари ӯ то ҳол зинда будааст» [32, 172].

Муколамае, ки дар иртибот бо марги падар бо ҳамсараш сурат мегирад, мавзуъро шиддат мебахшад: « – Шояд то ба ҳол ӯро ба хок супорида бошанд, - гуфт ба ҳамсараш. Вале ӯ ба ҳамсараш фаҳмонид, ки аз рафтан ҳеҷ фоидае нест, танҳо пули зиёд харҷ мешавад. – Шумо чаро фикр мекунед, ки аз нарафтани

Шумо мардум чӣ гапу калочаҳо мебофанд? Чӣ гуна бо он мардум рӯ ба рӯ мешавед?» [32, 173].

Ин исрори ҳамсар сафари ӯро ба макони падар ногузир месозад. Вале андешаи ин ки «барои як шахси нодаркор ин қадар маблағ харҷ карда истодааст» оромаш намегузорад. Ба андешаи ӯ хуб буд, ки «бо ин маблағ бо дӯстон нишаста, беҳтарин шаробро нӯшида, ду-се рӯз айшу ишрат» менамуд.

Дар ҳикоя саҳнае, ки ҷалби назар мекунад, дидори писари роҳдур бо ҳамсоягон, рафиқони даврони кӯдакиву наврасӣ аст, ки гӯё барои дилдорӣ омадаанд. Гуфтугӯи он дар ниҳоди писар ҳеҷ чизеро дигаргун намесозад. Эҳсос мекунад, ки ҳар якеро сару савдоест ва ҳар яке аз ӯ ҳамчун мансабдор орзу доранд.

Писар ба муҳити хона, ба модар нигоҳ мекунад. Эҳсос мекунад, ки дар рафтори модар ҳеҷ чизе тағйир наёфтааст. Корҳоеро, ки солҳо пеш дар домони хона анҷом медод, анҷом медиҳад. Аз сӯйи дигар, муҳити комилан барояш бегонаву ғариб метобад. Ҷисми лоғари модар ӯро ба ҳайрат меорад. Мисли ин ки дар падару модар будани ин ду ҷуссаи лоғару заиф шак мекунад. Барои ӯ ранҷовартарин амал ба ёд овардани падар аст. Ба ёди хотироти ваҳшатноки замони пеш зинда мешавад: «Ёди падарро кардан замон, чеҳрааш хашмгин мешавад. Ӯ бо чашмони ғазаболуди худ ба падари бемораш менигарад. Ҳамин аст падари ӯ. Бо занҳои ифлостарини дунё робита дошт. Дар ҳама кораш камомад мекард ва оқибат ба маҳбас рафт. Шароб нӯшида, шишаҳои холиашро ба ҳар тараф мепартофт. Модар ӯро пойи луч меҷуст. Хонаи ҳар як фоҳишаро тақ-тақ карда ӯро мекофт. Дар куҷое пайдо мекард, ҳакорату дашном дода, кашола карда оварда, дар хона маҳкам мекард. Дар хонаҳои маҳалла ҳар як гап тез паҳн мешуд. Ҳамин дӯзах буд, ки заҳри онро чашида бузург шуда буд» [32, 175].

Писар ба ёди хоҳаронаш меафтад, ки бар асари кирдорҳои зишти падар бадбахту бесарнавишт шуданд, «бе шавҳар фарзандор шуданд» ва охири охир бе ному нишон шуданд. Мурдану зинда буданашонро касе намедонад.

Писар сари болини падар аст, вале зеҳнаш побанди барандоз намудани замоне аст, ки зери фишори хонаводагӣ, ранҷу азобҳои падар тасмим гирифт то аз хона барои ҳамеша фирор кард: «Ӯ парончак шуда, аз ин хона баромада рафтанро авлотар дониста, ба мавқеаш рӯзе парида рафт. Ӯ борҳо кӯшиш кард, ки гузаштаро аз худ тамоман дур кунад, онро фаромӯш кунад, лекин он ба мисли абр дар зиндагиаш соя меандохт. Магар мешавад гӯштро аз нохун ҷудо кард. Ӯ низ садҳо бор кӯшиш кард, гузаштаи худро канор бигузорад, вале гузашта ҳамеша мисли абре болои сараш соя афканда буд» [32, 175].

Писар бо ҳамсараш ба Деҳлӣ омада буд. Ровии ҳикоя дар ҳикоя вуҷуди амали вайро низ аз мадди назар дур месозад. Ин амр тавассути худи писар, яъне шавҳари зан анҷом мешавад. Воқеан, писар на танҳо мушоҳиди зан, балки назорачии тамоми фазоҳои хонаи падарӣ аст: «Занаш кӯшиш мекард, ки ба Деҳлӣ занг зада, аз ҳоли кӯдаконаш хабар гирад, вале алоқа қатъ мешуд. Ӯ дар чеҳраи занаш як норизояти амиқеро эҳсос менамуд. Ба ин маънӣ, ки ин ҷо омада гирифтор шудем. Ба хусур дору дода, хӯрок тайёр карда менишинад ва боз даҳҳо фармоишҳои дигар аз хушдоманаш мегирад» [32, 175-176].

Писар зимни муддати иқомат дар болини падар натиҷа мегирад, ки дар ин дунё ҳеҷ касе ғами падари ӯро намехӯрад. Иттифоқо рӯзе сари субҳ модар ӯро аз хоб бедор карда, аз марги ростини падараш хабар медиҳад: «Ӯ аз хоби ширин бархест ва аз пушти модараш давида омада дид, ки дар рӯйи кати куҳна падар беҳаракат хобида аст. Вай оҳиста ӯро ҷунбонид, ки ҳаракате накард. Рост, ӯ мурда буд. Яъне, имрӯз мурдааст. Аммо барои ӯ кайҳо боз падараш мурда буд» [32, 176].

Тибқи расму оини роиҷ модару ҳамсар ба гиря даромаданд. Вале ин амали онҳо ба андешаи писар тазоҳуре беш набуд. Вақте ки тобутро бардошта раҳсипори гӯристон шуданд, писар аз қафои тобут мушоҳиди ҳозирин буд. Аз дӯстони падар касе набуд. Ҳамааш дӯстону шиносони ӯ буданд. Занону кӯдакон аз дару тиреза тобути рафтаистодаро тамошо мекарданд.

Вале поёни сафар ва марги падар барои писари раҳдур хушоянд буд. Бо вуҷуди харҷи зиёд дар маркази таваҷҷуҳи мардум, занони ҳамсоя қарор гирифт.

Як ишораи зане барои ризояти ӯ басанда буд, ки мегуфт: «Бубин ӯ рафта истодааст. Писари фалонӣ. Дар Деҳлӣ коргари калон аст. Хабари марги бечораро шунида зуд давида омадааст. Тақдирро бубин, ки аз ин гуна падари майнӯш чӣ гуна фарзанди қобилу тавоно баромадааст» [32, 177].

Хулосае, ки аз ошноӣ бо муҳтавои ҳикояи мазкур ба зеҳн меояд метавонад рангу сурати гуногун дошта бошад, вале ба гумони мо нахуст қасди нависанда дар матни он таъкиди ин маънӣ аст, ки пойдорӣ, устуворӣ, бақои хонавода вобастаи солимии рафтору кирдор, истеҳкоми ахлоқиву маънавӣ, риояти суннатҳои мавҷуд аз ҷониби волидайн мебошад. Бархӯрди инсонӣ бо фарзандон, муносибати хуби падарона дар вуҷуди он дарахти меҳру муҳаббату дӯстдориро месабзонад, ба оянда дилгарм месозад. Агар ин усулҳо риоят нашаванд, конуни хонаводагӣ аз ҳам пошида мешавад, меҳру шафқат дар дили фарзандон сарду шикаста мешавад. Ҷойи онро нафрату бадбинӣ ишғол мекунад. Нафрату бадбинии дар домони хонавода буда метавонад ба иҷтимоъ сироят кунад. Писар қаҳрамони беноми ҳикоя чунин таҷрибаеро аз сар гузаронидааст. Вай ба падар ҳеҷ дилбастагиву дилсӯзие надорад. Вале суннати ҳоким бар ҷомеа – ширкат дар маросими дафну гӯручӯб кардани волидайн бар ӯ пирӯз мегардад ва қарзи фарзандиашро иҷро менамояд.

Дар поёни ин бахш бояд ёдовар гардид, ки дар матни ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз бозтобу тасвири масоили иҷтимоӣ андак нест. Мо чунин имконеро дар ихтиёр доштем, то атрофи ҳар масъалае ба таври ҷудогона изҳори назар намоем. Аммо такяи мо рӯйи ду мавзуи мазкур беиллат набуд. Масалан замоне, ки ба нақшу ҷойгоҳи зан дар қаламрави ҷомеаи муайяне ба дидаи таҳқиқ менигарӣ, тамоми ҳусну қубҳи ҷомеа, мушкилу муъзилоташ пеши назар ҳувайдо мегардад.

Ё замоне сухан аз масоили хонаводагӣ дар миён аст, равшан аст, ки сарчашмаи ин масоил, заминааш, иҷтимоъ аст. Хулласи калом, ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз шабеҳи оинае мебошад, ки воқеияти айнии иҷтимоъи нависандаро ба мухотабон менамоёнанд

БОБИ III. ҲУНАРИ ҲИКОЯНАВИСИИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ (МАСОИЛИ ЗЕБОШИНОХТӢ)

Мо дар фаслҳои болоӣ бо баъзе аз хусусиятҳои ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ошно шудем. Дар ин фасл дар назар аст, ки ҳунари нависандагии ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирад. Аммо дар оғоз зарур мешуморем ба таври умумӣ аз баъзе вижагиҳои зебошинохтӣ ё поэтика ёдовар шавем.

Дар атрофи поэтика ва хусусияту ҷойгоҳи он дар адабиёт таълифоти зиёде сурат гирифтааст ва осори назарии қобили мулоҳизае ба табъ расидааст.

Яке аз назарияпардозони машҳури адабиёт олими рус Б. В. Томашевский вазифаи аслии поэтикаро иборат аз омӯзиши тарзҳои сохтмони осори адабӣ медонад ва ба се нуқтаи муҳим зимни баррасии ҳар як осоре ишорат менамояд. Ба ақидаи ӯ мавзуи таҳқиқи поэтика адабиёти бадеӣ маҳсуб шуда, шеваи он тавсифу таснифи падидаву рухдодҳо ва шарҳу баёни онҳо мебошад [136, 13].

В. М. Жирмунский бошад, бар ин назар аст, ки «Вазифаи умумӣ ва назарии поэтика иборат аст аз омӯзиши бонизоми шеваҳои ҳунарӣ ва тавсифи қиёсиву гурӯҳбандии онҳо. Поэтикаи назарӣ бо такя ба маводи мушаххаси таърихӣ бояд низоми мафҳумҳои илмиро фароҳам биёрад, ки ба он таърихдонҳои санъати ҳунарӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти фардии хеш ниёзманданд» [79, 355].

Дидгоҳи пажӯҳишгари дигари рус В. В. Виноградов дар қиёс бо назариёти болоӣ фарохтар ба назар мерасад. Ба қавли номбурда яке аз муҳимтарин вазифаҳои поэтика баррасии усулу тарзҳо ва қонунҳои осори бадеӣ дар жанрҳо ва даврaҳои мухталифи таърихӣ ба ҳисоб меравад. Шинохти маҳдудиятҳои қонунмандиҳои умумӣ ё усулҳои чунин сохтмоне таҳқиқи ҳамкориҳои муштарак ва таносуби миёни ин жанрҳои адабӣ ва дигар масоил аз вазифаҳои дигари поэтика ба шумор меоянд [72, 170].

Қобили зикр аст, ки танҳо поэтика нест, ки адабиёти бадеиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Риштаҳои дигаре аз илм дар таҳқиқи адабиёти бадеӣ нақши корсоз доранд. Таҳқиқ дар ин миён бо шеваи бархӯрд ба мавзуъ фарқ мекунад.

Масалан, таърихи адабиёт ба осори ҳунарӣ - бадеӣ бархӯрди таърихӣ дорад. Муҳаққиқи таърихи адабиёт як осори бадеиро чун ваҳдати комил, падидаи ҷудогона, баробар бо рухдоду падидаҳои дигар таҳқиқу арзёбӣ мекунад. Ҳатто бо таҳлили бахше аз асар талош меварзад то ба дарки комили он даст ёбад. Чунин тарзи омӯзиш бо шарҳу баёни таърихӣ ва барқарорсозии пайванд миёни падидаҳои адабӣ ва нақши онҳо дар таҳаввули адабиёт камол меёбад. Гузашта аз ин, зимни тавсифи раванди умумии рушду боландагии адабиёт саъй мекунад сабабҳои таҳаввули адабиётро дар даруни адабиёт ва дар пайванд бо дигар зуҳуроти фарҳанги башарӣ муайян намояд.

Маърифати муҳите, ки дар он адабиёт шакл гирифтаву густариш пайдо намудааст, ниҳоят муҳим аст.

Дар радифи бархӯрди таърихӣ навъи дигари он – бархурди назарӣ корбурд дорад. Замони истифода аз он падидаҳои адабӣ ҷудо аз дигар рухдодҳо таҳқиқ намешаванд, балки умумият дода мешавад. Ба сифати натиҷаи корбурди қонунҳои умумии тарҳи осори бадеӣ таҳқиқ мешаванд. Ҳар як асар огоҳона ба қисматҳои таркибӣ тақсим мешавад. Дар тарҳу сохтмони осори бадеӣ шинохти шеваҳои сохтмонӣ, яъне тарзҳои ҷойгузинсозии маводи адабӣ ниҳоят арзишманд аст. Ин шеваҳо мавзуи аслии поэтика ба шумор мераванд.

Вале бо «омӯзиши шеваҳои ҷудогонаи адабӣ вазифаҳои поэтика хатм намешаванд. Дар зеҳнияти илмӣ ваҳдати шеваҳои алоҳида ва омӯзиши мустақили онҳо зарурӣ аст. Дар ягонагии мавҷуди осори адабӣ онҳо пайванди зич доранд [81, 356].

Муҳаққиқи рус В. Б. Томашевский дар назарияи хеш доир ба поэтика ба се нуқтаи муҳим ишорат мекунад: Ба сабкшиносӣ, дарунмоя ё мавзуъ ва сохтмони асар. Равшан аст, ки сабкшиносӣ фарогири ҷанбаҳои зиёдест, ки намунааш маъношиносии ҳунарӣ, вожашиносии наҳви шеърӣ ва ғайра мебошад. Мавзуъ ё дарунмоя бошад дар бораи дарунмояҳои асар, ангеза ва сужаи образҳои дарунӣ мисли тавсиф ҳикоят мекунад. Сохтмони асар дар навбати худ бо жанрҳои адабӣ иртибот меёбад.

Аз ин сегона мо феълан чанд нуктаеро перомуни сабкшиносӣ чун бахши умдаи зебоишинохтии адабиёт иброз медорем. Махсусан нукоте, ки барои тадқиқи мавзуи рисолаи ҳозир корсозанд.

Нахуст бояд таъкид намуд, ки сабкшиносӣ шомили аносири созандаест, ки унсури аслиаш вуҷуди каломи бадеӣ аст.

Абзори аввалин дар ҳар навъе аз калом калима аст.

Масъалаи дигари пуразриш ифоданокии калом ба воситаи гузиниши овоии маводи адабӣ аст. Аз ибораҳое, ки дар матни асар имконоти яксону баробар доранд, онҳое баргузида мешаванд, ки садояшон новобаста аз ҷанбаҳои маъноӣ барои моҳияту сиришти калом маҳсус ва қобили қабул аст.

Пояи аслӣ дар ҳар мавриде забон ва нахустунсури он калима ба шумор меояд. Ин масъала дар тадқиқоти бисёре аз муҳаққиқон ба чашм мерасад. Донишманди маъруф Лотман Ю. М. дар асари худ «Таҳлили матни шеър» бахши умдаеро ба масъалаи забон ҳамчун модаву бунёди адабиёт ихтисос додааст. Ба андешаи мавсуф ҳамон гуна, ки рангҳо дар наққошӣ, сангҳо дар кори меъморӣ, садоҳо дар мусиқӣ абзори корсозанд, забон низ барои адабиёт чунин вазифаеро иҷро мекунад [91, 7].

Танҳо тафовути аслӣ дар инҷост, ки забон ҷанбаи нерӯманду фаъоли иҷтимоӣ дорад. Ҷанбае, ки то бархӯрд бо ҳунарманд мавҷуд будааст. Дар сурате ки абзори мазкур (рангҳо, сангҳо, овозҳо) бо доштани сохтори хос бо ҷараёну падидаҳои иҷтимоӣ ҳеҷ иртиботе надоранд.

Матлаби дигаре, ки зикраш муносиб аст, ин аст, ки забон фақат ба адабиёт маҳдуд намешавад. Паҳнову доманаи забон ба андозаест, ки тамоми пайвандҳои каломии миёни инсонҳоро фаро мегиранд.

Мо дар зиндагии ҳаррӯзи худ бо матнҳои адабӣ ва ғайриадабӣ рӯ ба рӯ ҳастем. Ҳамаи ин матнҳо ба сари худ як сохтори наҳвӣ доранд. Вале аз миёни тамоми сохторҳо танҳо сохтори адабӣ аст, ки фарохтар аз сохтори наҳвӣ аст ва онро ҳамчун сохтори зебошинохтӣ мешиносанд.

Унсурҳои зебоишинохтиро танҳо дар чорчӯбаи як матни адабӣ метавон таҳлилу таҷзия намуд.

Матни адабӣ низоми мураккаби образҳоро дорост ва ҳар як образ нишоне аз манзари ҷаҳон аст.

Дар тадқиқоти адабиётшиносон ҷанбаи суварии матн ба сифати появу бунёди асари бадеӣ маҳсуб мешавад ва ин беиллат нест. Зеро муаллифи ҳар осоре қабл аз ҳама талош менамояд авотифу эҳсосот ва тавассути онҳо ба таври мустақим ва ғайримустақим дар ниҳоди мухотабон ин эҳсосотро барангезад аз воситаву абзорҳои муайяни забонӣ, ба дигар сухан образҳо кор бигирад.

Аслан образ иборат аст аз маҷмуи мафҳумҳои зеҳнӣ ва нерӯву қуввати он дар барангехтану фаъолсозии ҷараёнҳои зеҳнӣ намудор мешавад. Таъсири ин неру ба ҷараёнҳои ақлӣ на танҳо тавассути шууру огоҳии мо, балки нохудогоҳи мо сурат мегирад.

Пажӯҳишҳое, ки дар ин чанд даҳсолаи охир дар заминаи фаъолияти нохудогоҳ сурат гирифтанд, нишон медиҳанд, ки тафаккури инсон аз нутқ вобаста нест. Бисёре аз донишҳоеро, ки мо дарк мекунем, бо вожагон наметавон баён кард.

Перомуни ҷузъиёти образи бадеӣ ва нақши он дар як асари бадеӣ дидгоҳҳои пуршуморе мавҷуд аст ва баёни ҳама муносиб ба назар намерасад. Фақат ҷойи таъкид аст, ки дар ошноӣ ва дарки ҷанбаҳои ҳунарӣ-зебоишинохтии ҳар асаре корбурди онҳо зарурӣ ба назар мерасад.

Агар маҷмуи назаргоҳҳои мавҷударо атрофи образ ҷамъбандӣ намоем образ ин бозтоби манзари зиндагии инсонист ва ҳамеша саршори маънии инсонист. Ба андешаи донишманди рус Л. И. Тимофеев таваҷҷуҳу робитаи нависандагон ҳамеша ба ҷанбаҳои инсонии падидаҳои атроф ва нақши онҳо дар ҳастии инсонӣ нигаронида шудааст. Дар домони як асар мо метавонем вуҷуду фаъолияти ҳайвонот, дарахтон, ашё, кайҳонро ба мушоҳида бигирем. Ҳамаи ин имкон дорад таваҷҷуҳи нависандаро ба худ ҷалб созад. Ё замоне ки сухан аз инсон дар миён

аст, ё мавзуи асл зиндагии ӯст ё ҳангоме ки нависанда табиатро тасвир мекунад, боз ҳам андешааш ба инсону манфиатҳои ӯ нигаронида шудааст.

Дар адабиётшиносии ҷаҳон қисмате аз образҳо ҷанбаи рамзӣ доранд, ки хусусияти фарқкунандаи инҳо сиришти маҷозии онҳост. Ҳар як рамзе ҳамзамон қодир аст дар либоси образ ҷилва кунад. Вале замоне ки ба марзи рамз қадам мегузорад, дорои шаффофияту равшанӣ, қобили дарк мегардад, умқи маъноӣ пайдо месозад.

3.1. Таҳлили ҳикояҳо ва ҷанбаҳои сабкии онҳо

Ҳар як асари бадеӣ чӣ ҳикояву ривояту қиссаву роман ба таври умум як матни комили адабӣ ба шумор меравад.

Як матни бадеӣ ҷанбаи дугона дорад ва ин дугонагиро иртиботе ба вуҷуд меорад, ки миёни нависанда – холиқи асар ва мухотаб – хонанда мавҷуд аст. Гуфтугуву муколамаҳо, баёни андешаҳои фардӣ дар натиҷа фазои матлуби маъноиро барои як асари бадеӣ фароҳам месозад.

Дар сохтмони ин фазои маъноӣ бояд ба се рукни аслӣ «инсон, макону замон» таваҷҷуҳ дошт. Зеро ҳар мавзуъ, ҳар масъалае, ки ҳадафи асари бадеӣ қарор мегирад, тавассути нависанда, шахси муайян ва дар макону замони хос сурат мегирад.

Мавзуи матни бадеӣ бар асоси пайванди аҷзои дигаре ба вуҷуд меояд. Тафсиру тасвири ҷаҳон аз ҷониби нависанда маҷмуи тасаввуроту шинохти ӯст, ки ба мухотабон мунтақил мегардад. Дар ин донишандӯхтаҳои нависанда ба ҷуз аз донишҳои умумибашарӣ андешаву дарки нодиру хос ва гоҳо мутаззоди ӯ мавҷуд аст. Ҳамин гуна тасвири ҷаҳон дар осори бадеӣ аз як сӯ инъикосгари қонунимандиҳои умумии ҷаҳонсозист, аз ҷониби дигар баёнгари тасаввуроти хоссу нодир.

Бо назардошти ин ҷанбаҳо таҳқиқ метавонад дар заминаи шеваҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ сурат бигирад. Бо такя ба гуфтаҳои болоӣ нахуст

ҳикояи «Шинохти хеш»-и нависанда Меҳруннисо Парвизро мавриди арзёбӣ қарор медиҳем.

Қобили таъкид аст, ки сохтори ҳар як асар аз ҷумла, ҳикоя низ дар баёни ҳадафу паёми нависанда ниҳоят муҳиму арзишманд аст. Нависандагон мувофиқи завқу салиқа ба асари худ шаклу сурат медиҳанд. Як ҳикоя метавонад бо зикри масъалаи ғайриинтизор оғоз гардад ва чунин ба назар расад, ки оғозро бо идомати мавзуъ ҳеҷ иртиботе нест. Барои возеҳсозии масъалаи мавриди назар зарур аст бо дидгоҳи муҳаққиқони адабиёт дар атрофи композитсия ё сохтмони асар истинод намуд: «Композитсия, ҳамон гуна ки аз худи табиати калима бармеояд, иборат аст аз сохтмони (тақсимбандӣ, ҳолат) маводи бадеӣ. Ҳар як унсури калом бар асоси низоми хосси занҷиравор ҷойгузин ва ба гурӯҳҳои муайян ҷудо мешавад. Хусусияти ин шеваи ҷойгузинсозӣ вобаста ба вазъи ҷойгузинӣ метавонад мухталиф бошад» [79, 435].

Дар ин миён мавзуи дигаре, ки бо сохтмони асар алоқаи зич дорад масъалаи дигар ё нуқтаи назар аст, ки дар паҳнои сохтмон нақши калидӣ дорад ва зимни тадқиқи ҳар як асари ҳунарии мансур бояд ба он таваҷҷуҳ намояд.

Дар ҳар сурат, сохтмони банду басти як достон бо ҷумлае ибтидо мегирад ва дар ниҳоят асари комилу анҷомёфтаеро аз ибороту вожагони алоқаманд бо ҳам фароҳам месозад.

Асари бадеӣ ҳамзамон бо доштани қаҳрамону персонажҳои доимиву лаҳзавӣ дорои унсурҳои дигаре аз қабили асбобу анҷом, ашё, саҳнаҳову манзараҳои гуногун ва рухдоду падидаҳо мебошад.

Барои мисол ҳикояи «Шинохти хеш»-ро мегирем. Ҳикоя бо тасвири калтакалос дар сақфи хона шурӯъ мешавад: «Калтакалос аз сақфи хона таппӣ ба поён пеши пояш афтод ва гурехт. Ба тани девор часпида боло рафт. Вай аз тарс шах шуд. Калтакалос замони ба замин афтодан лаҳзае дар ҷояш шах шуд ва пасон тавонист гурехта ба девор барояд. Пойҳои ӯ бошанд дир-дир меларзиданд. Ин чунин маъно дорад, ки калтакалос низ мисли ӯ безобита шуда буд. Ӯро хандааш омад, ки одам ҳам ба ҳар гуна гапу кори хубу нохуб фикр мекунад, оё ҷонварон

низ фикр мекунанд? Оё онҳо одамро худои марги худ Кала намешуморида бошанд?» [38, 62].

Вожаи «калтакалос», ки оғозгари ҳикоя аст ва бо ном бурдан вориди фазои асар мешавад, ҳарчанд аз нақшу мақсади ҳузури он дар аввал чизе маълум нест, вале як навъ ҷунбишу такони махсус бо дигар аҷзои сохтор барояш шурӯъ мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқони адабиёт шояд зуҳури як предмет дар матни асар мақсади аслӣ ё нақши коргар надошта бошад, вале бо эҳтиёҷоти пинҳон дар манзари умумии асар пайванд дорад. Дар ҳамин ҳикояти боло нависанда шояд мехоҳад қаҳрамонро ба майдони амал бикашад, ӯро ба андешаву тафаккур водор созад. Ин мақсад метавонад ба тасвир ва сару сурати он дар асар ё ҷанбаҳои дигари баён бо назардошти унсурҳои зебошинохтӣ иртибот дошта бошад. Бо дигар сухан нависанда замони офариниши қисса ё ҳикояи худ сайъ месозад маҷрои ҳодисаву падидаҳоро, ашёи мавҷуд дар фазои вуқӯи падидаҳоро тавсиф намояд. Мусаллам аст, ки дараҷаи инъикосу таҷассуми ҷузъиёт ба хонанда имкон медиҳад, ки вориди майдони асари адабӣ гардад.

Пажӯҳандагони адабиёт дар мавриди тасвир ва ҷойгоҳи он дар осори бадеӣ дидгоҳи мухталиф доранд, ки бо бархе аз онҳо ишорат мешавад.

Бархе аз донишмандон ба ин назаранд, ки ҳадафи нависанда аз тавсиф ороиш ва зиннат додани асар аст. Ба ин андеша метавон, то ҳадде розӣ шуд, вале аз сӯйи дигар «тавсиф равиши ҷудогона барои тазйини достон нест, балки маҷмуае аз техникҳо аст, ки бо ҳам мепайванданд, то достонро бисозанд» [95, 16].

Тавсиф дар пайкари як асари бадеӣ замоне решадору мустаҳкам мешавад, ки баёни ҳунарӣ, ҷаззобият дошта бошад. Тавре ки гуфтем, ҳангоми нақду баррасии осори адабӣ, махсусан осори мансур бояд ба таносубу робитае миёни қиссаҳои асар диққат намуд. Ҳамон гуна ки шурӯи ҳикояи «Шинохти хеш» нишон медиҳад, ҳикоят як сарчашма, як нуқтаи оғоз дорад. Ривоятгуна оғоз мешавад ва худи ровӣ дар маркази ривоят қарор мегирад ва аҷзои дигар ба зуҳур

мерасад. Сипас тибқи эҳтиёҷоти паёми аслӣ тасвири макону замон ва аҷзои дигар ба зуҳур мерасад.

Ҳарчанд тавсиф ба асбобу анҷом, ашё ва вазъияте, ки қаҳрамони асар вобастагӣ дорад, вале дар хатти андеша муҳите, ки ӯро фаро гирифтааст метавонад зеҳну диққати нависандаро ба худ ҷалб созад, вале саранҷом ҳам ҷанбаҳои фикрӣ ба инсону манфиати он гирех мехӯрад. Ин мавзуъ гувоҳ бар он аст, ки маҳз дар ҳамин нуқта таҳлилу арзёбии ҷиддӣ дар атрофи мавзуи тасвиршуда сурат мегирад. Маърифату дарки бахши мазкур дар арзёбии ҷойгоҳи асар, бузургии ҳунарии нависанда ниҳоят корсоз аст.

Барои бозгашт ба таҳлилу баррасии ҳикояи «Шинохти хеш» зарур аст аз мавзуи дигаре зикри ном шавад. Дар адабиётшиносӣ зимни таҳлилу таҷзияи осори мансур аз истилоҳе бо номи «вазъият» истифода мекунанд. Манзур аз вазъият эҷоди шароитест, ки дар лаҳзаи муайяне аз фаъолият ё ҳолати асар ба амал меояд.

Дар ҳикояи мавриди назар тасвири афтодани калтакалос ва таваққуфи лаҳзавиву ҳаракоти дубораи он дар девор худ бозтоби як вазъиятест, ки барангезандаи зеҳни қаҳрамони достон аст.

Саҳнаи афтодани як хазандаи назарногир, ки дар конуни ҳастии башарӣ дар ҳар гӯшае аз дунё метавонад иттифоқ афтад, имкон дорад мавзуи баҳси амиқ қарор гирад. Бархӯрди ду мавҷуд инсону хазанда нахуст бедорсози эҳсоси ягона аст: тарс, тарсе, ки табиӣ нест, ғаризӣ аст. Вале эҷоди тарс, дидани шабоҳати эҳсос, қаҳрамонро ба олами хаёл мекашонад. Мехоҳад бидонад, ки сарчашмаи ин тарс аз куҷост? Нуктаи дигаре, ки ӯро ором намегузорад донистани ин суол аст, оё ҷонварон низ мисли ӯ дар атрофи чунин шароите андеша мекунанд?

Ин вазъият, ки бар асари дидор бо калтакалос бо тасвири кӯтоҳе дар домани зеҳнаш эҷод гардид, набарди нобаҳангоми андешаҳоро сабаб мегардад, ки дар адабиётшиносӣ ин вазъро «низоъ» меноманд. «Низоъ» тибқи шарҳу тавзеҳи фарҳангномаҳои адабӣ иборат аз бархӯрди саъю талошҳо дар осори мансур мебошад.

Дар фарҳанги адабӣ чунин омадааст: «Низоъ ба маънии муборизаи зеҳнӣ, мубоҳиса ва аксар вақт бархӯрди неруҳову арзишҳои мутазоди ботинӣ фаҳмида мешавад» [132, 473].

Дидор бо калтакалос ба ёди ӯ эътиқоду боварҳои мардумиро дар хусуси фоли нек надоштани чунин дидоре меорад. Аз сӯи дигар, пурсише дар зеҳнаш падидор мегардад, ки оё дидори инсон низ ба хонаи калтакалос бадбахтиовар аст?

Таъсири ин эътиқодоти хурофотӣ оҳиста-оҳиста қаҳрамонро зери фишор қарор медиҳад. Рӯзе ки чунин иттифоқ афтод, қарор буд маросими ақди никоҳи писараш Рачан сурат бигирад. Рост омадани дидор бо калтакалосу санаи ақди никоҳ ба ҳолати равонии ӯ таъсири зиёд мекунад. Метарсад, ки ин дидори шум боиси марги ӯ шавад, чун хосияти бад дорад. Саҳнаи дигаре пеши назараш зинда мешавад: Панҷ сол пеш «Сари роҳи амалдореро мори азимҷуссае банд карда буд. Ӯ коса дар дасташ аз тарс дар ҷояш шах шуда монда буд. Ба хона баргашта назру ниёз дод, аммо ҳар чи шуданӣ буд, шуд. Як рӯз ҳам зинда намонд. Ана аз ҳамон рӯз ӯ фоли неку бад буданро қабул кардан гирифта буд» [38, 62].

Хатти андешаи қаҳрамон шаклу сурати занҷирӣ мегирад. Тарс дар вуҷудаш решадор мешавад. Метарсад, ки ин дидори шум, ки фоли нек надорад, барои ӯ ҳам оқибати нохушоянд дошта бошад, боиси марги ӯ шавад.

Ҳарчанд аз ҷузъиёти зиндагии ин қаҳрамон, ки зан аст, чизе барои хонанда маълум нест, вале як нукта равшан аст, ки зиндагии хубе надорад. Омода аст маргро пазиро шавад: «Мурд, пас чи хуб мешавад. Аз ташвиши зиндагӣ халос, агар худи ҳозир бимирад чӣ? Маъракаи ақди никоҳи фарзандаш қатъ мегардад чӣ?» [38, 63].

Масъалае, ки ӯро ором намегузорад, надидани ҳамин рӯзи ақди никоҳ аст. Ин хоҳиши ҳасратолуд вуҷуди ӯро комилан дигаргуну ғуссадор месозад ва бо ҳамон эътимоду имоне, ки дар ниҳодаш нуҳуфта ба худои Рам муроҷиат мекунад: «Эй Рам! Ту ҳамаро медонӣ, агар худои ҷонситони ман Кала омада бошад, се-чор рӯзи дигар ӯро нигоҳ доред. Монед, ки тӯйи писарам барпо шавад, баъд майлаш

муҳлати умри таваллуди дуюмамро кам кун, лекин ин хел пурра қатъ накун, гуноҳҳои ман ҳеҷ гоҳ пок намешаванд» [38, 63].

Қаҳрамони ҳикоя чун дар гирдоби андешаҳо сардаргум мекушад ва ин амал эътиқоди дигареро дар бораи ташна хоб накардан ба ёдаш меорад, ки ёдгори даврони кудакӣ ва таъкиди модараш аст. Бар асоси он бовар рӯҳи инсон набояд ташна бимонад. Зеро серобии ӯ сабаби оромиши хотир аст.

Маҳзи хотири ин «ӯ об нӯшида рӯҳаш ором гирифт» [38, 64].

Қабл аз шарҳи муфассалтар бояд гуфт, ки ҳеҷ миллате дар доштани чунин эътиқоду боварҳо дастхолӣ нест.

Мақсади аслӣ дар ҳикоя аз ёдовар шудани эътиқоду боварҳои мардумӣ бидуни мутолиаи комили асар норавшану зери парда мемонад, вале дар ҳар сурат мухотабро бармеангезад, то дар атрофи он аз ҳамон оғоз ба таҳқиқу тааммул бипардозад.

Дар ҳикояи «Шинохти хеш» ба воситаи шеваҳои равоншиносона, сайр дар дунёи даруни қаҳрамон, маърифати ҷаҳони андеша ва вокунишҳои ӯ нисбати аъмоли атрофиён сурат гирифтааст.

Тавре ки маълум аст насри иҷтимоии равоншиносонаи воқеънигорона яке аз комёбиҳои чашмгири қарни ХХ маҳсуб мешавад. Муҳимтараш хусусияти насри воқеънигоронаи (реалистӣ) иборат аз он аст, ки бо тасвири таҳлили инсон дар иҷтимоъ ва бозгушоии иртиботи зотии миёни падидаҳо, характерҳо, муҳити иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ нишон додани ин ки чӣ гуна иҷтимоъ хамири инсонро мехелад, таваҷҷуҳ менамояд.

Бешак ҳикояи мавриди назари мо як достони равоншиносона аст, ки дар чаҳорчӯби он дунёи маънавӣ, воқеъии қаҳрамонон ва таъсирпазирии инсонҳо аз иҷтимоъ аркони дигари он, хона, хонаводаи падарӣ, тарҳу таҳлил мегардад. Дар бахши дуюми ҳикоя модар қаҳрамони аслии ҳикоя зиндагии писарро аз ҳамон оғози кудакӣ, то навҷавонӣ, таҳсил дар шаҳру бозгашт ба ҷои кори пештара барандоз менамояд. Ҳолату вазъи зоҳирии падар низ дар иртибот бо падидаи наздикии арӯсии писар Рачан дар тасаввураш зинда мешавад.

Модар перомуни арӯси ояндаи хонадон низ иттилои зиёд дорад ва нахустин дидори эҳтимолии ӯро бо худ тасаввур менамояд.

Қаҳрамони ҳикоя аз ҳамон оғоз вориди гуфтугӯи пуршури ботинӣ мегардад. Тамоми хаёлу афкоре, ки дар ботини ӯ мегузарад, танҳо иборат аз баёни сирфу бозсозии саҳнаҳои зиста нест, балки дар аксар маворид атрофи масоили ба зуҳур расида як навъ арзёбӣ, таҳлил ва натиҷагирии лозим сурат мегирад.

Дар илми адабиётшиносӣ ин ҳолатро «монологи ботинӣ» ё гуфтугӯ бо худ меноманд. Тибқи шарҳу тафсире, ки дар луғату фарҳангҳои истилоҳии адабиётшиносӣ омадааст, гуфтугӯи ботинӣ иборат аст аз баёни андешаҳо, эҳсосу авотифи қаҳрамони асар дар қолаби забон.

Ин навъи гуфтугӯ ҳангоме шакли муназзам касб мекунад ё хаёли зеҳни озодро такмил менамояд, дар сохтори худ аз ривояти шифоҳӣ ё хаттӣ фарқ мекунад. Монологи ботинӣ шеваи интиқоли ривоят аст.

Чунин монологе дар ниҳоде қаҳрамони ҳикояи «Шинохти хеш» аз оғози достон шурӯъ мешавад ва бо бозгашт ба ҳар бахше васеътару пурҷанбатар мегардад.

Маросими ақди писараш Рачан рӯзи муҳимме дар зиндагии ӯст, ки беандоза нигаронаш намудааст. Ӯ нахуст масири рушду бузург шудани писарашро дар домани хонавода ва баъдан даврони таҳсилашро аз дур барандоз мекунад.

Сипас дар олами хаёл рӯзгори худро, ҷудо шудан аз падару модар ва фурӯхта шудан ба амлокдор, ки ӯро чун ғулом медонист ва зери ранҷу шиканҷа қарор медод, инсон ҳисоб намекард, ягона фарзандашро ба зидди ӯ бармеангехт, ба риштаи ёд мекашад.

Гуфтугӯи ботинии ӯ дар бархе аз мавридҳо ниҳоят амиқу файласуфона мегардад. Махсусан тасвири зиндагӣ дар хонаи шавҳар, биниши ӯро хеле амиқ ҷилвагар месозад: «Дар хонаи аммааш ба воя расида ӯро ба як марди занмурда бе ягон қалин, бе ягон харҷу исроф ба шавҳар доданд. Касе, ки бе меҳнат чиз ба даст меорад, қимати онро намедонад. Вай низ мисли чизи беарзиш дар хонаи шавҳар буд. Вақте шаб хоб мекард, бо фикре, ки субҳро мебинад ё не. Вақте субҳ

чашмонашро кушода мебинад, ки зинда аст, фикр мекунад, ки Худо барои зистан боз як рӯзи дигар дод» [38, 66].

Фалсафаи зистан, моҳияту маънии будан дар синаи ҳастӣ аз масоиле мебошад, ки фикри ӯро машғул медорад. Андешаи решадор дар атрофи шеваи зистану шоиста зистан дар муҳите, ки ҳеҷ созгорӣ надорад, мағзи ӯро фишор медиҳад то посухе равшан пайдо намояд. Натиҷа мегирад, ки раванди ҳастӣ ангеза мехоҳад, касеро лозим дорад, ки барои зиндагӣ ангезаат диҳад: «Дар зиндагӣ касе лозим аст, то гӯяд, ки ту бояд зиндагӣ кунӣ. Зиндагии ту барои ман зарур аст, аммо зиндагии ӯ чӣ?» [38, 67].

Эҳсоси ғарибу ноошное дар ниҳоди ӯ ба ҷунбиш меояд. Гумон мекунад гардиши куллие дар рӯзгори ӯ рух медиҳад, ки сангину риққатовар аст. Тааҷҷуб ин аст, ки ин гардиш ба рӯзи никоҳи писараш Рачан рост меояд.

«Тамоми умр ӯ таънаю маломат шунида зиндагӣ кардааст. Имрӯз хуни худаш ҷону ҷигараш, ӯро лату куб карданӣ буд, таънаю маломат шунавониданӣ буд. Имрӯз рӯзи никоҳи Рачан буд» [38, 67].

Яке аз вижагиҳои чашмраси сабки Меҳруннисо Парвиз дар он зоҳир мегардад, ки зимни баёни афкору ҷаҳони андешаи қаҳрамон, якбора гурезе ба мавзуи дигар мекунад ва аз тасвир кор мегирад, ки перомуни он дар боло маълумоти кутоҳе дода будем. Бояд таъкид намуд, ки як тасвир метавонад фарогири ҷузъиёти зиёде бошад, аз ҷумла ҷузъиёти муаассир ва корсоз.

Ба ақидаи бархе аз муҳаққиқон гоҳе як ё ду ҷузъиёт кофист, то шахсиятеро ба хонанда шиносонад. Ин ёфтаҳои дақиқу равшаниандозро ҷузъиёти муаассир ё корсоз меноманд. Ин ҷузъиёт фаротар аз мушоҳидаву назораи маҳз меравад ва пеши назари хонанда сурати возеҳу равшанеро аз шахсияту макон ҷилвагар месозад.

Яке аз шеваҳои маъмули ривоятгарӣ дар осори мансур фосила гузоштан миёни персонажҳо ва касест, ки перомуни онҳо ривоят мекунад. Одатан ровӣ дар ин маврид бо оромиши махсус нақл мекунад. Ӯ ҳамадону ҳамабин аст. Симои ӯ ба асар бӯю атри хос ва воқеияти комил медиҳад.

Аз баррасии дидгоҳҳои муҳаққиқони адабиёт ва назарпардозон дар амалу фаъолияти зебошинохтӣ маърифати пайвандҳо миёни нависандаву қаҳрамонони асар ниҳоят муҳим ба назар мерасад.

Яке аз вижагиҳои ҳунари Меҳруннисо Парвиз дар он зоҳир мегардад, ки таваҷҷуҳи қаҳрамонро ба яке аз унсурҳои маконӣ мутамоил месозад ва баъдан дар атрофи он унсур қазовату бознигарии фалсафӣ, ки ба зиндагии фардии қаҳрамон ё атрофиёнаш иртибот дорад, сурат мегирад. Ин яке аз шеваҳои маъмули кори нависандагии ӯ ба шумор меравад.

Дар ҳикояи «Шинохти хеш» чунин унсуре «хона» аст, ки атрофаш қаҳрамони ҳикоя назаргоҳи ҷолибе дорад. Ба ҷуз ин ки зиндагии ӯ дар чордевори он гузаштааст, хона гувоҳномаи рӯзгори нобасомону ғамангези ӯ аст.

Хона дар дарку тасаввури қаҳрамон танҳо макони зист нест, балки ҷоест ки дар он ҷо шахсият, рушду камоли инсон, муносибату иртибот бо атрофиён, ҷаҳонбиниаш шаклу сурат мегирад. Хонаро низому тартиби хосе аст, ки риояташ ҳатмиву зарурист.

Масири андешаи қаҳрамон оҳиста-оҳиста бо мурури саҳнаҳои зиста ба хатти поёнии худ наздик мешавад. Чанд маротиб аз маросими ақди никоҳи писараш қаҳрамон–Рачан зикри ном мешавад ва бо таҷдиди ин саҳна нигаронии қаҳрамон фузунӣ пайдо мекунад.

Бад-ин минвол бахши охирини ҳикоя оғоз мегардад. Дар ин бахш бозигарони майдони амал, муколамаҳои дигаронанд ва қаҳрамони ҳикоят нозири онҳост. Маҳз дар ҳамин нукта аст, ки шинохти воқеии ӯ аз хеш сурат мегирад. Рафтори писараш Рачан дар муқобили мавқеияти шавҳараш ва ҳимоят аз модар тамоми изтиробу нигаронии ӯро канор месозад, ба ӯ умед мебахшад.

Рачан дар муқобили норизояти падар аз издивоҷи ӯ чунин мегӯяд: «Падар…ана ҳамон зане, ки Шумо як умр мӯрча шуморида, зери поятон мондед, олиҳаест арзандаи ибодат. Модар барои ман оинаву намунаест дар зиндагӣ ва ман мисли худашон духтареро дар зиндагӣ интихоб кардам. Аз сояи он касе, ки Шумо ҳамеша маро дур гузошта омадед, ҳамон соя дар зиндагӣ ба сари ман сояи иқбол

гашт.... «Модар, дуои нек диҳед», – инро гуфта, пеши пои модар хам гашт. – «Модар, ман барои гирифта бурдани шумо омадаам. Хонаи маро шумо бо дастони худ оро диҳед. Ман дигар шуморо дар ин ҷо зистан намемонам» [38, 74].

Ҳикояи «Шинохти хеш» танҳо бо сужаи худ метавонад нависанда Меҳруннисо Парвизро ҳамчун адиби воқеиятнигор муаррифӣ кунад. Барои як воқеиятнигор мутобиқати тасвири ягона ва комили мутаззод, ки дар дохили он ғаму андӯҳ, хубу бад, зишту зебо, хандаву гиря иттиҳод пайдо мекунанду бо ҳам дармеомезанд, ниҳоят муҳим аст.

Бар асоси воқеияти мавҷуд дар адабиёти воқеънигорона тасвири замону макон аҳамияти муҳим пайдо менамояд. Замон дар ин адабиёт ҷанбаи таърихӣ касб мекунад ва танҳо мушаххастар мегардад. Таърихият фарогири унсурҳои зебошинохтӣ мегардад. Дар эҷодиёти воқеънигорон усули таърихият хоссияти ҳамагонӣ – умумӣ дорад. Метавонад дарбаргирандаи инсон, ҷаҳони ботиниву зоҳирии он дар инъикос намудани муҳит, вазъият, муносибат ва маҷмуи дигар масоил бошад.

Бо шумори ин яке аз хусусиятҳои насри воқеъгарона дар он зоҳир мешавад, ки он бо бозтобу тасвири таҳлилгаронаи инсон дар иҷтимоъ, кушодану иртиботу пайванди зотии сиришти инсонҳо ва бахусус ба бозтоби ин масъала, ки чӣ гуна муҳити перомун инсонсоз аст, мепардозад. Мисоли равшани онро мо дар ҳикояи «Шинохти хеш» дида баромадем.

Дар пайванд бо таҳлили мавзуи воқеият дар ҳикоят бояд таъкид намуд, ки ҳузури нависанда ё муаллиф дар фазои умумии ҳикоя қобили баррасист. Дар раванди эҷодгарӣ нависанда ҳузури пинҳону ошкор дорад. Ҳарчанд нависанда офарандаи асар аст, вале созандагии ӯ дар асар ба шеваҳои гуногун сурат мегирад. Яъне, мавқеияти ӯ дар тамоми сохтори бадеии асар тақсим мегардад, ки ниҳоят асарро ба сарҳади камол мерасонад.

Ҳикояи «Модари Кашмир» ҳикояи дигаре аз Меҳруннисо Парвиз аст, ки чи аз нигоҳи дарунмояҳо, сохтор ва сабки баён ҷалби назар мекунад. Аз шурӯи

ҳикояҳои нависанда равшан мешавад, ки дар сохтмони ҳикояҳо аносире ҳаст, ки миёни онҳо пайванду иртибот, шабоҳату ҳамсониҳо, эҷод менамояд.

Ҳикоя бо нақли ровии аввалшахс оғоз мегардад ва ҷанбаи хабарӣ дорад. Ровӣ аз як мусофирати кӯтоҳе, ки ба хотири зиёрати ҳазрати Бал бо дӯстонаш анҷом медиҳад, хабар медиҳад. Ҷараёни ривоят гувоҳ бар ин аст, ки даргоҳи Бал маконест, ки канори он паём ё ҳадафи нависанда бояд он ҷо амалӣ шавад. Ровӣ мегӯяд: «Даргоҳи ҳазрати Балро Мадинаи дуюм низ мегӯянд. Дар ин ҷо мӯйи мубораки Паямбар Муҳаммад гузошта шудааст. Мегӯянд, ки дар инҷо муроди талабида низ қабул мешавад» [20, 147].

Дар осори адабӣ қисматҳое ҳаст, ки хонанда зимни қироат ва расидан ба марзи онҳо бо шаку тардид ё муҳити пурсишзо дучор мешавад. Шахси нависанда мисли ин ки бо эҳсоси ин ҳолат ва табъи нигарони мухотаб ба гунае латиф бо тасвиру шарҳи кутоҳ вазъро ислоҳ месозад ва хонандаро аз ин ҳолати ногувор раҳо месозад. Ҷумлаҳои нақлшуда ба таври ғайримустақим ба муқаддасу пураҳамият будани даргоҳи Бал ишорат менамояд.

Он чи ки зикр гардид, қисми ибтидоии сохтори ҳикоя аст, ки бо таъкид ба аҳамияту арҷи даргоҳи Бал ба поён мерасад. Қасди зиёрат кардан дар идомаи ҳикоят бо иллати падид омадани рухдодҳои дигар камранг мегардад. Ба назар чунин мерасад, ҳатто худи зиёратгарон фаромӯш месозанд, ки чи пешомаде онҳоро зоири даргоҳ намудааст. Албатта, ин худ як шеваи кори ҳунарист, хосса дар адабиёти мансур. Яъне, ҷалби таваҷҷуҳи мухотаб ба мавзуе, ки аз он метавон ҳамчун «доми назар» ном бурд. Дар асл пушти чунин як мавзуъ ҳадаф тарҳи масъалаи дигар ё паёми аслӣ аст, ки бояд он тасвиру тавсиф шавад.

Вуруд ба даргоҳи Бал низоми маъмули зист, барномаҳои якнавохти рӯзгорро барои қаҳрамонони асар дигаргун месозад. Зимни иллати тағйири куллӣ шунидани гиря, садои оҳу шеваи занест, ки ба таъбири ровӣ «аз садои гиряи он даргоҳи боҳашамату барҳаво меларзид». Вақте ки гиря воқеиву самимӣ аст ва аз умқи эҳсосу авотиф фаввора мезанад, ба нерӯе муассиру такондиҳанда табдил мегардад.

Бояд изҳор дошт, ки эҳсосоти нависанда дар асари адабӣ ҳамчун омили асосии барангезанда дар фаъолияти адабии ӯ аҳамият касб мекунанд. Ба дигар сухан, ин эҳсос нест, ки дар матни бадеӣ дар либоси вожагон чеҳраи худро боз мекунад, балки матни адабӣ, калимаҳо ҳастанд, ки ба эҳсос мубаддал мегарданд.

Дар чунин вазъияте дигар барои дарку фаҳмиши ин эҳсосот тарҷумоне, шарҳу баёне лозим нест. Дар ҳикояи «Модари Кашмир» ба таври умум ғами инсон мунъакис шудааст. Ғаме, ки фардӣ, хусусӣ нест.

Ин ғами бузурги инсонӣ аст. Ин ғам дар ҳама гӯшаву канори олам якнавъу якнавохт аст. Ҳар касе, ки онро бубинад чун ғами худӣ қабулаш мекунад. Қаҳрамони ҳикоя, ки худ назоратгари чунин ғамест, чунин натиҷа мегирад: «Ҳарфҳои ӯ мисли паррандаи ғамгин дар фазои зиёратгоҳ болу пар мезанад. Ҳар сухани ӯ шабеҳи табар ба дил мезад. Вай бо забони кашмирӣ сухан мегӯяду гиря мекунад, аммо чунин ба назар мерасид, ки мо гуфтаҳои ӯро мефаҳмем. Бори аввал эҳсос намудам, ки байни забонҳо монеае набудааст. Забони шодиву нишот чанд ранг мешавад, аммо забони ғам дар ҳама ҷо якранг аст…. Мо ӯро намешинохтем, ҳатто рангу рӯяшро надида будем, аммо мо дар ғами ӯ шарик будем. Ман чунин эҳсос мекардам, ки гӯё барои бо ғами ӯ шарик шудан омадаем» [20, 149].

Нигоҳи амиқ ба мисоли нақлшуда моро водор месозад ба масъалаи эҳсосоте, ки зимни қироати асари адабӣ дар нигоҳи мо ба зуҳур мерасад, баргардем. Маълум аст, ки ин эҳсосот ба таври мустақим аз муаллифи асар ба зеҳни мо намегузарад, балки вобастаи омили дигаре ҳастанд. Ба ин маънӣ, ки эҳсосот вобастаи ниёзмандиҳои инсон ва дараҷаи ризояти ӯ аз иттилооте аст, ки аз матни асари адабӣ ба даст овардааст.

Дар ҳикояи мавриди назари мо нависанда Меҳруннисо Парвиз зери таъсири эҳсосоту ниёзҳои отифӣ ғами фардиро бараҳна, бузург, маъмулӣ, ҳамагонӣ месозад. Рукни корсози ҷомеаи инсонӣ буданашро ошкор менамояд. Дар осори ҳунарӣ барои бозтоби ҳолатҳои гуногуну равонӣ, саҳнаҳои зиндагӣ аз шеваҳои мухталифи марсум, санъатҳои бадеӣ, ороишҳои адабӣ ва ғайра истифода мекунанд, то матлаб дилчаспу муаассир, зеҳннишин қарор гирад. Вале дар

ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз махсусан дар ҳикояи «Модари Кашмир» корбурди ин шеваҳо камтар ба назар мерасад.

Дар боло зикр намуда будем, ки нависанда барои муаассиру қобили пазириш сохтани ҳадафи аслӣ ба қиссаҳои мазҳабӣ, махсусан ба мафҳумҳое таъкид меварзад, ки дар зеҳнияти мардум ҷойгоҳи шинохташуда дорад. Перомуни ҳолату ҷузъиёти онҳо мардум тасаввури густурда доранд. Беҳуда нест, ки дар ҳикоя нависанда аз мафҳуми шинохташудаи қиёмат кор мегирад. Мафҳуме, ки бо ба забон оварданаш донистаҳоро дар зеҳн падидор месозад: «Ин қадар хомӯшӣ, ин қадар ором ва ин қадар муҳити даҳшатнок маҳз аз қиёмат буда метавонад. Мо муадабона нафас дар сина банд карда будем. Мо аз нафас кашидан метарсидем, ки мабодо хомӯшӣ халалдор нашавад. Мо дар зиндагии худ боре ҳам ин қадар манзараи дарднок ва даҳшатнокро надида будем» [20, 149].

Садои гиря, ғами зан ба гунаест ки ровиро комилан мутеъу побанди хеш месозад. Тамоми иртиботи берунаро аз ӯ бар мегирад, фаромуш месозад, бо чи мақсаде ба ин даргоҳ омадааст. Ровӣ саропо маҷзуби шунидани ғамномаи зан аст ва бо гузашти ҳар лаҳзае бори ин ғам сангинтар мешавад. Барои назорагарони он саҳнаи андуҳбор чунин тасаввуре падид меояд, ки одитарин ҷунбиш, ҳатто андешаҳои ботинӣ шояд дар раванди ибрози ғам халал ворид созанд: «Дар назди ғами он зан гӯё ман шах шуда монда будам. Ман чаро омадаам, кӣ ҳастам. Гӯё ҳамаро фаромӯш карда будам. Бо он гиряи пурдард гӯё ҳамаро фуру бурда буд. Чунин менамуд, ки «агар дар дил ягон чизе гӯем, он овоз низ оромиро барои он зан халалдор хоҳад сохт» [20, 149].

То ин ҷо мо ба бахшҳое аз ҳикояи «Модари Кашмир» ошно шудем, вале дар ин ҳикоя низ мисли ҳар асари ҳунарӣ мақтае аст, ки бояд асар зода шавад.

Нависанда дар радифи бозтоби ғам бо шеваҳои гуногун ҳурмату эҳтиром ва бархӯрдеро, ки нисбати модар дар ҷомеаи шарқӣ дар давоми асрҳо ба зуҳар расидаву устувор гаштааст, нишон медиҳад. Эҳтирому арҷгузорӣ ба модар болотар аз ҳар расму сунат аст. Миёни мардуми Шарқ марсум аст, ки зимни хорич шудан аз ҳузури бузургсолон ва махсусан падару модар пушт намегардонанд ва

ин шарти адаб аст. Ровӣ бо таассур менависад: «Дар пеши чашмони ман модари Кашмир, зани кашмирӣ гиря мекунад. Оҳиста қадам гузошта, пушти худро нагардонида, мо ба қафо рафтем. Ман пушти худро ба он зани ғамзада нишон додан намехостам. Дуо нахонда ва фотиҳа нагирифта ман ба поён фаромадам. Бори аввал буд, ки дасти ман барои дуо боло нашуд. Танҳо сарам ба саҷда рафта буд» [20, 149].

Ровӣ ё қаҳрамони асосии асар оҳиста-оҳиста аз макони рухдод дур мегардад. Вале зеҳнаш побанди саҳнаҳои дида ва лаҳзаҳои зиста аст. Ғаме, ки ӯ шоҳид буд, лаҳза ба лаҳза бузург мегардад. Ровӣ шабоҳате миёни ону набарди хунини Карбало ва қурбониёни он мебинад: «Оё ин дашти Карбало аст? Чи ин фарёди модари Ҳасану Ҳусейн аст. Шояд дар он рӯз мисли имрӯз офоқ ларзида буд» [20, 150].

Андешаи ровӣ жарфову тааммуқи лозимаро пайдо мекунад ва ӯ натиҷа мегирад: «Дилам ҳоло ҳам пур буд, имрӯз ман як модарро дида будам. Ҳа, ҳамон модар, ки ӯ ягон мазҳабе надорад. Вай охир танҳо як модар аст» [20, 150].

Ҳикоя ба поёни дилпазири худ мерасад. Бархурд бо саҳнаҳое, ки арзиши инсонӣ доранд барои ровӣ ниҳоят пураҳамият аст. Зистан бо ғами дигарон, бо андуҳи ҳамагонӣ рисолати инсонист.

Қобили зикр аст, ки ҷанбаи нависандагии Меҳруннисо Парвиз аз чашми муҳаққиқони адабиёти Ҳинд пинҳон намондааст. Адабиётшинос Шраддҳа Чандракар дар мақолаи «Таҳлили ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» ба таври муфассал перомуни мазмуну муҳтаво ва ҳунари нависандагии адиба маълумот додааст: «Дар ҳикояҳои худ дунёи дигарро интихоб намудааст, яъне он дунё, ки он қадар бузург нест, дар он дунё гуногунӣ низ мавҷуд нест. Вале он дунё пур аз ашк аст, гоҳо дар дарун мисли ҷӯе ашк ҷорӣ мешавад ва гоҳо бо садои ҳиқ- ҳиқ аз он мечакад. Забони ашк аз доштани калимае бо номи дин маҳрум аст. Ин аст, ки дар ҳикояҳои ӯ ҳама мазоҳири зиндагӣ, чи исавӣ, чи ҳиндиву чи мусулмон ҳузури комил дорад» [20, 57].

Ногуфта намонад, ки муҳаққиқ бо мавзуи ғам дар ҳикояҳои номбурда ишора намуда, таъкид менамояд, ки «Дар ҳикояҳои Меҳруннисо ғам бо рангҳои гуногун оварда шудааст» [20, 61].

Танҳо ҳикояи «Модари Кашмир» нест, ки фарогири мавзуи ғаму андӯҳи инсонӣ аст. Ин матлаб дар аксари ҳикояҳои нависанда дучор меояд. Муҳити инсонӣ, майдони буду боши инсон аст, ки таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб мекунад ва беҳтарин намунаҳоро зеҳни ӯ бармегузинад. Аз ин нигоҳ ҳикояи «Садбарги сурх» мисоли матлубест.

Муҳтавои мухтасари ҳикоя аз он иборат аст, ки модаре, ки писари ҷавонашро аз даст додааст, як субҳи баҳор нияти гулгузории сари қабри писарро дорад. Ӯ бояд рӯйи мазори писар дастагули садбарги сурх гузорад. Гуле, ки писараш ниҳоят дӯст медошт. Аммо замоне ки сари манзил мерасанд, рӯйи қабр гулҳои тару тозаро мебинанд. Тамоми дарунмояҳо ва ҷузъиёти мавзуъ бар рӯйи андешаву ёдовариҳои нависанда сурат мегирад.

Бояд зикр намуд, ки «Садбарги сурх» асоси воқеӣ дорад. Нависанда онро ба писари ҷавонмаргаш Самар бахшидааст. Бисёре аз муҳаққиқони осораш аз ин мусибати дардноки нависанда ва таъсири нохушоянди он дар зиндагии фардии ӯ зиёд навиштаанд. Ин зарбаи сангине буд, ки нависандаро муддате аз кору фаъолияти эҷодӣ дур намуда буд.

Ҳикоя бо тасвири субҳи зуде, ки пас аз қатъи ҳавои боронӣ фаро расидааст, оғоз мегардад. Тааммул дар атрофи ҳикоя касро ба ин натиҷа мерасонад, ки шурӯи он бо тасвири субҳ ва бархе аз ҷузъиёти табиат танҳо ба хотири оғоз ё муқаддимае барои вуруд ба мавзуи аслӣ нест. «Субҳ» як мақтаи замонист, ки тамоми падидаҳову рухдодҳои созандаи сохтмони асар ба он вобастаанд. Дар тӯли ҳикоя ровӣ, ки шахси сеюм аст, чанд дафъа ба мавзуи субҳ бармегардад ва дар ҳар баргаште, як гӯшаи тозае аз зиндагии қаҳрамон равшан аст.

Вале дар оғоз хабари кутоҳи «субҳ, ки аз хоб бедор шуд…» ҳамчун муқаддимаи ҳикоя вориди майдон мешавад ва хеле зуд зеҳну ҳуши хонандаро ба худ ҷалб месозад ва ӯро ба тамошои дунёи эҳсосу авотифи худ мебарад. Аслан

ҳар муқаддимае дар осори адабӣ бояд чанд вазифаеро аз қабили бедорсозии рағбати хонанда, шурӯи амал дар достон, воридсозии қаҳрамонҳои ҳикоя ба майдон, сохтори муҳити ҳикоя ва ғайраро иҷро намояд.

Дар адабиёти аксар қавму миллатҳо зимни ёддоварӣ аз «субҳ» ҳамчун бахше аз замон, «вақт» ба таври ҳатмӣ аз нисбату иртиботи он бо табиату аносири он ишорате сурат мегирад. Дар ҳикояи «Садбарги сурх» ҳангоми шуруи аввал аз борону шамол ва таъсири он ба дарахтони атроф зикри ном шудааст. Дар ин қисмат замон мушаххас, маълум нест.

Танҳо замоне ки бори дуюм ровӣ ба «субҳ» бармегардад замон ва пайвандҳои рухдодҳои марбут ба он ошкор мегардад: «Субҳи бистуҳаштуми август буд. Баъди ду се моҳи гармӣ як ҳафта беист борони сел борид» [38, 11].

Дар ҳикоя пас аз «субҳ» бештар такяи нависанда рӯйи калимаи «борон» ва муҳити боронӣ мебошад. Дар бахшҳои аввал зимни ёдовар шудан аз борон танҳо ба ҷанбаҳои манфии бориши борон таъкид шудааст. Вале замони ба қабристон расидан ва дидани дастагули садбарг болои қабри писар ровиро ба сӯйи андешаҳои дигар равона мекунад.

Дар тасаввури ӯ гули боронхӯрда ҳам гиря кардааст: «Гули аз оби борон таршуда гӯё гиря мекард. Бӯи зебояш ба атроф паҳн гашта буд. Гулро гирифта зери манаҳ молида онро бӯсид, гӯё аз он гул қалбаш ором гирифт. Нооромию беқарориаш кам гашт. Гашта онро ба ҷояш гузошт» [38, 15].

Дар ин порча тавре ки дида мешавад, нависанда ба гул шахсияти инсонӣ мебахшад. Дар адабиётштносӣ аз ин шеваи корбурд ҳамчун ҷондорангорӣ ё ташхис ёд мекунанд. Вале суоле пеш меояд, ки чӣ шабоҳату ҳамсониҳое сабаб шуда, то нависандаро ба ёди амали инсонӣ «гиря кардан» биандозад? Барои ҷавоб ёфтан ба ин суол танҳо лозим аст зеҳнан гули боронзада, ё болояш обрехта ба ёд оварда шавад. Барги гулҳо хосияте доранд, ки дар замини худ оби рӯяшон расидаро намеҷабанд, балки дар шакли қатраҳо ҷамъ месозанд. Ин таҷаммӯъ монандии зиёде ба ашк доранд. Ҳамин ҳамсонӣ сабаб мегардад то нависанда гулро дар ҳоли гиря кардан тасаввур кунад.

Бояд хотиррасон намуд, ки ҳикоя дорои сужаҳои занҷирвор аст, ки ҳар яке аз марҳилаи зиндагии қаҳрамони асар маълумот медиҳад.

Нишон додани иртиботи танготанги инсон бо табиат ва ҷилваҳои рангоранги он, таъсири аносири табиат ба вазъи равонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии инсон яке аз шеваҳои махсуси услуби нависандагии Меҳруннисо Парвиз маҳсуб мешавад.

Дар фазои умумии ҳикояи «Садбарги сурх» чанд нуктае ҳаст, ки ишорат ба онҳо зурур аст. Қаҳрамони ҳикоя ба хилофи аҳкоми шариати исломӣ, ки рафтани зан ба қабристонро раво намедонад, вориди қабристон мешавад. Меҳри модариро ҳеҷ саде, тарсу биме наметавонад коста гардонад. Масъулини қабристон аввалҳо бо фикри гуноҳ будан, оқибати азобовар доштани ин амал мехостанд монеи ӯ шаванд: «аммо ӯ дигар аз кадом азоби Худо метарсид. Оё риштаи писари фавтида ва модарро канда метавон» [38, 28].

Қаҳрамони ҳикоя гоҳо асири ноумедӣ, ғаму андӯҳи амиқест, ба назар ҳеҷ поёнаш нест: «Ба тақдири хеш тан дода буд. Шикасти худро қабул намуда буд. Худо дигар назди худ ягон хушие надошт, ки ба ӯ диҳад» [38, 28].

Бар хилофи ин вазъи ногувори психологӣ, ки дар боло омада, ҳолати қаҳрамон дар поёни ҳикоя тағйир меёбад. Агар дар амали ӯ дар мисоли мазкур як навъ эътирозу норизоят ба рӯзгор шунида шавад, дар поён пас аз таҳлилу арзёбии моҳияту маънои зиндагӣ як дигаргуниву таҳаввули андешаӣ дар ниҳоди ӯ эҷод мегардад. Баъд аз гуфтаҳову кардаҳои хеш хиҷолат мекашад. Ҷолиб ин аст, ки ин тағйири сифатӣ ҳам дар мушорикат бо табиат ва рухдоди он сурат мегирад.

Пас аз анҷоми зиёрати қабру дуохонӣ қаҳрамон мисли ин ки сабукӣ эҳсос мекунад: «Аз нав қатра – қатра борон ба боридан сар кард. Қатраҳои ғафси борон омадан гирифтанд. Шояд барои ба қабристон омадани ӯ Худо боронро боздошта буд. Замони бозгашт он тарси нахустин дар вуҷудаш набуд. Тани аз озори ғам пурдарду хастааш аз қатраҳои борон ором мегирифт. Борон шарми ӯро зери пардаи маҳинаш пинҳон карда буд» [38, 29].

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвиз иборат аз он аст, ки ҳамчун нависандаи воқеиятнигор ба сохтору шаклҳои аз пеш таъиншуда таваҷҷуҳ надорад. Ӯ дар интихоби воситаҳои тасвири бадеӣ, падидаҳои матлубу хости хеш озод аст.

Нависанда дар аксари ҳикояҳои худ саъй мекунад, то мазомини милливу суннатӣ ва хоссаро бо падидаҳои зоҳирии табиат ва нишонаҳои зоҳирии мазҳари зиндагии мардум омезиш диҳад. Миёни табиат, рӯҳу равони мардум як қиёсу тадбиқе анҷом диҳад.

Мурури хатти андешаи қаҳрамони ҳикоя нишон медиҳад, ки нависанда тамошогари ҷараёни вуқуи падидаҳоест, ки қаҳрамон бо онҳо гиребонгир будааст. Дар ҳикоя бо тамоми паҳнои афкору назароти қаҳрамон, диди ӯ нисбати муҳити перомун таваҷҷуҳи хос сурат гирифта. Зеҳни инсон ҳамеша гирифтори ду неруи мутаззод, хубиву зиштӣ, торикиву зиштӣ, ғаму шодист. Қаҳрамон ба вуҷуди ин қонунияти диалектикӣ муътақид шудааст, ки ҳастиро чунин низомест ва муқобили маҷро наметавон рафт. Саҳнаҳо, лаҳзаҳо, марҳилаҳои мутаззод дар ҳаёти башарӣ такрорӣ мебошанд. Яке ҷойи дигареро мегирад.

Ба андешаи ғолиб барҷастатарин хусусияти ҳунари нависандагии як адиб дар он зоҳир мешавад, ки осораш бо доштани мазмуну муҳтавои саргармкунанда битавонад воқеиятро ҳамсони зиндагӣ ба риштаи тасвир бикашад. Аз ин нуқтаи назар, истеъдоду нубуғи Меҳруннисо Парвиз намудори ин ҳақиқат аст, ки падидаҳое дар ҳикояҳои ӯ мавриди тасвиру инъикос қарор мегиранд, ки аксар аслияти зоҳирӣ доранд.

Дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз гоҳо чунин ба назар мерасад, ки дар ҳаллу фасли мавзуъҳои мавҷуд худи холиқи асар нақшу мавқеияте надорад. Аммо дар асл ҳузури ӯ нопадидор аст. Ӯ аз вуҷуду мавқеияти хеш ба воситаҳои дигар, зерматнҳои сарбаста бо ҳам дарак медиҳад. Чунин сохторе имкон медиҳад то матни асар бо эҳсосу авотифи лозими дарунӣ саршор шавад ва хонанда мутаваҷҷеҳи дидгоҳҳову паёмҳои нависанда гардад.

Ҷанбаи дигари қобили мулоҳизаи ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз кутоҳбаёнии онҳост. Нависанда ҳаргиз дар пайи он нест, ки дар як ҳикоят тамоми рухдодҳову воқеаҳои ҳаёти қаҳрамонро бозгӯ намояд. Аз миёни ҳамаи падидаҳо муҳимтаринро интихоб менамояд. Падидаҳое, ки дар рӯзгори қаҳрамон такондиҳандаву сарнавиштсозанд.

Нуктаи дигар таваҷҷуҳи хосси нависанда ба ҷузъиёт дар банду басти як ҳикоя аст. Ҷузъиёт барои як нависанда имконоти фаровонеро фароҳам меорад. Бо корбурди он як эҷодкор метавонад худро аз ранҷи тавсифу тасвирҳои зиндагӣ раҳо диҳад. Як бахши зимоми офаринишу халқиятро ба дасти хонанда супорад.

Нуктаи охирине, ки дар атрофи «Садбарги сурх» қобили қайд аст ин иртибот аз неруи тасвири воқеиятҳое, ки инъикосгари лаҳзаҳои зиндагии мардуми машриқзаминанд. Ин мазоҳирро ба иллати пуршуморӣ наметавон дастабандӣ намуд. Танҳо бояд тасаввур кард, ки сарчашмаи зуҳуру фароҳамоӣ, шаклгирӣ, рушду инкишофу расидагии онҳо пайванд бо ин марзу бум дорад.

Масалан зиндагии шоиставу мураффаҳ доштан, зистан бо фарзанду пайвандон хости падару модар аст. Ин ҳадаф наметавонад танҳо мутаалиқ ба як қавму миллат бошад. Вале гӯру чӯб шудан бо дасти фарзанд, вориси маргу зиндагии хеш донистани фарзанд орзуи мардуми Шарқ аст.

Тавре ки қайд гардид, дар ҳикояҳо нақши асосӣ ба уҳдаи ҷузъиёт аст. Нависанда ҳаргиз ҳадафи худро ошкоро баён намекунад, балки онро ба воситаи як гурӯҳ аз ишорати пинҳон ва гоҳо такя ба калимаҳои ҷудогона, ки нерӯи бепоёни фазосозӣ доранд, ичро мекунад. Масалан, дар ҳикояи болоӣ аз «борон» ҳамчун созандаи атмосфераи ғамбор зиёд баҳрачӯӣ шудааст. Борон дар ҳикоя нахуст ҳамчун падидаи табиат арзи вуҷуд мекунад: «Қатраҳои борон ором гирифт» [38, 29].38

Оҳиста-оҳиста бориши борон ба як василаи оромбахшу роҳатзо табдил мешавад: «тани азодори ғам, пурдарду хастааш аз қатраҳои борон ором мегирифт» [38, 29].

Дар мавриди дигар, борон пӯшише барои пинҳон доштани гиряи ӯ мегардад: «Аз қатраҳои борон чеҳраи нозуку рангпаридааш пурнам гашта буд. Гиряашро касе ба ҷуз борон пай намебурд» [38, 29].

Зимни таҳлилу арзёбии ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мавзуе, ки даркаш душворӣ эҷод мекунад сабку услуби номбурда аст. Ҳарчанд муҳаққиқони адабиёт гироиши ӯро ба мактаби реализм ё воқеатнигорӣ ишорат намуданд, вале мурури осораш гувоҳ бар он аст, ки бинишу диди ҷаҳоншинохтии фаррохаш аглаб вайро аз чорчӯби воқеъгароӣ (реализм) берун мебарад. Яке аз методҳои маъмул дар таҳлилу шинохти сабк ин аст, ки барои ҳар матн ё асаре бояд методу шеваи тозае дар таҳлил пеш гирифт. Бо назардошти пайванди зиче, ки миёни матни мавриди назар ва шеваи таҳқиқи он вуҷуд дорад, сабкҳои мухталиф дорои ҷанбаҳои умумианд, ки асоси қабули ин ё он шева қарор мегирад. Маҳзи хотири ин зимни мутолиаи ин ё он асари адабӣ хатҳо ё нуктаҳои асосии сабкро метавон дар назар дошт, ки муҳаққиқро дар таҷзия ва таҳлили матн ҳидоят мекунад.

Ҳангоми таҳлили як асари адабӣ бояд ба ду ҷанбаи муҳим ё ду мавзуи аслӣ таваҷҷуҳ дошт. Яке ҷаҳони зиндагӣ, воқеияти зист ва ҷанбаи дигар дунёе, ки асари адабиро фарогир аст. Бояд робита миёни ин ду рукнро шинохт. Шинохт агар дурусту расо бошад, муҳаққиқро ба ҳунар ҳамдидор месозад. Ҳунаре, ки дар қаламрави асар дар бистари вожагону таъбирот, ҷумлаҳо нуҳуфта аст.

Аз сӯйи дигар, «Ҳунар ҳеҷ гоҳ воқеиятро бидуни муҳри таҷрубаву бозсозии инсонии он ҳамчун ҷонишини дастнахурда васф намекунад, балки онро чунин воқеияти башарӣ, мушаххас ва аз роҳгузари таъриху иҷтимоъ бо сохтори назару амали инсонӣ, ки дар он набзи арзишҳои инсонӣ метапад, ироа медиҳад.

Ба дигар сухан, воқеият дар асари адабӣ бо тору пуди назорати зебошинохтӣ, яъне ормонҳои фардӣ-отифӣ ва иҷтимоӣ-таърихӣ дармеомезад ва камолу ҷомеияти ҳунарӣ меёбад» [93, 22].

Андешаи дигаре, ки то ин замона зикраш муносиб аст ин аст, ки имкони дарёфту фаҳму дарки мавзуоте, ки дар як асари адабӣ баён шуда, замоне осону

муяссар мегардад, ки имкони тафсири маънӣ, мафҳуми он бо дигар осору кулли сохтори фарҳангиву ҳунарии як давра муқоисаву аз онҳо фарқ кунонида шавад.

Замоне ки ҳадаф иборат аз таҳқиқу арзёбии асари ҷудогонаест, бояд ба умқи паҳнои сабку хусусиятҳои он пай бурд, зеро бе нақшу ҷойгоҳи сабк асарро наметавон ба таври комил шинохт. Нақд шояд дар марзи маънову ҷанбаҳои зоҳирӣ маҳдуд бимонад.

Тибқи навиштаи муҳаққиқон сабк танҳо дар чаҳорчӯби мазмуну маъно асиру побанд намемонад. Сабк «тору пуде ҳаст аз ҷаҳонбинии ҳунарии одамӣ, ки ба масолеҳи берунӣ, ранг, ормону отифаи инсонӣ медиҳад ва онро обистани маъниҳои зебошинохтӣ мекунад» [93, 25].

Бад ин тариқ бояд гуфт, ки дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз унсурҳои зиёде аз воқеъгаро (реализм) дида мешавад, вале ӯро наметавон ба таври мутлақ нависандаи реалист номид. Сабки ӯ омезише аз мактабҳои мавҷуди адабӣ дар адабиёти ҷаҳон аст. Дар баъзе аз ҳикояҳо мо таъсири мактаби сюреализмро ниҳоят маҳсус мебинем. Ногуфта намонад, ки ин мактаби адабӣ дар асри ХХ зери таъсири дидгоҳҳои нави психологи австриягӣ Зигмунд Фрайд ба зуҳур расид ва вусъати чашмгир пайдо намуд. Ҳадафи аслӣ дар ин шева навиштани озод аст, бе назардошти ҳеҷ қайду шарте, ҳатто дар арсаи забон низ набояд побандиву қоидае ба назар гирифта шавад. Онҳое, ки аз аҳкоми ин мактаб пайравӣ менамуданд, боварӣ доштанд, ки ҷаҳони замири нохудогоҳи инсон, ки ба сурати авҳому руъёҳо пайдо мешавад, воқеияти бартар аз ҷаҳони падидаҳо дорад. Мо сояҳое аз ин шеваи нигоришро дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мебинем. Ҳарчанд барҷастагии зиёд надорад.

Ҳикояи «Офтоби тираи рӯҳи кӯчак» дар ин замина мисоли муносибест. Мазмуни мухтасари ҳикояи мазкур ба шарҳи зер аст. Шавҳари зане бо номи Ума дар натиҷаи суқути ҳавопаймо ҳалок мегардад. Зан ҷасади шавҳарашро пас аз чанд рӯзи он ҳодисаи мудҳиш дар ҳолати ваҳшатангезе мебинад. Ҷасадро пинҳонӣ аз фарзандон, ба хотири он ки натарсанд ба хок месупоранд ва

мушкилоти бузурге барои зан эҷод мегардад. Чӣ гуна ба фарзандон фаҳмонд, ки падар мурдааст ва дигар барнамегардад.

Ба назар чунин мерасад, ки ин муҳтавои зоҳирии асар аст. Дар асл рӯйи ин хат нависанда мехоҳад ба гӯшаҳои пуршумори раванди ҳастӣ ва низоми ҳамешагии он назар андозад, ба марзҳои тираи моҳияту сиришти зистан равшанӣ андозад ва хештанро бори дигар мутақоид созад, ки диалектикаи зистан, қонуни ҷовидонаи ҳастӣ чунин аст. Зиндагӣ исто нест. Ҳар куҳнагӣ боиси вуҷуди тоза мешавад. Марг, адам наметавонад пеши ҷараёни бузурги зистан сад, таваққуф, эҷод кунад. Албатта ин матлабро рӯйи рост баён намедорад, балки бо истифода аз ҳунару андеша, унсури хаёл ва нигаристан ба муҳите, ки инсон низ як ҷузви он аст.

Ҳикоя бо тасвири ҳаракати «гурбаи малла ба рӯи девори хоначаи зард» оғоз мегардад. Ҳамзамон бо тасвири хатти ҳаракати гурбача аз аксуламали «саги кунҷи девор хобида» ёд мешавад, ки аз «сояи гурба, ки болои замин меравад» назора мекард.

Андешаи ровӣ дар ҳамин нуқта самт иваз мекунад. Дар марзи он ҳамхонааш Мерӣ, ки аз кор барнагашта, шавҳари майзадаи ӯ, ки куҷо буданаш маълум нест пайдо мешавад. Ин ҷузъиёт ҳар яке барояш пурсише эҷод мекунад. Ӯ паси посух ёфтан намегардад. Зеро суръати тағйири масоиле, ки дар зеҳнаш таҷаммӯъ пайдо намуда ба гунаест, ки ин имконро аз ӯ маҳрум месозад.

Ба ёдам мерасад, ки «марди хоҷагидор барои додани тухм наомадааст». Эҳсос мекунад, ки захираи хӯрокворӣ ҳам кам шуда ва ӯро лизим аст барои хурок овардан аз хона берун равад.

Боз таъхири Мерӣ дар зеҳнаш зикр мешавад. Ғазаболуд мегардад, фардо писараш Тинку бояд ба мактаб равад.

Дарк мекунад, ки низоми хонаводагӣ ба ҳам рехтааст. Натиҷа мегирад, ки: «Дар вақти зинда будани шавҳараш ин ҳолатҳо рух намедоданд» [35, 72].

Тавре, ки дида мешавад дар матни ҳикоя лаҳза ба лаҳза рухдодҳо, саҳнаҳо тағйир меёбанд ва ҳеҷ монеаи барои пешгирии ин андешаҳои ба зоҳир бенизом

мавҷуд нест. Замири нохудогоҳ ҳар чизе ки дар анбор дорад, ба берун мерезад. Қасди пайванд задан миёни онҳоро низ надорад. Нахуст натиҷае, ки аз зеҳни ин занҷира ҳосил мешавад ин аст, ки аксари ин саҳнаҳо бо иллати такрор шудан дар пардаи зеҳн аккосӣ шудаанд ва танҳо замони бо онҳо хира шудан, дақиқ шудан, сурату сират, маънӣ пайдо мекунанд. Натиҷаи дигаре, ки дар ҳам зоҳир шудан аст ин аст, ки дарёи зиндагӣ маҷро дигар накардааст. Зиндагӣ идома дорад. Миёни ҳамаи мавҷудот пайванди ҷовидон ба хотири зистану будан устувор аст.

Масъалаи муҳиме, ки дар ҳикоя дар атрофаш зиёд тааммулу андеша сурат гирифтааст, масъалаи марг аст. Падидае, ки ҳеҷ мавҷуде расиданашро наметавонад инкор кунад, вале замонашро донистан амрест муҳол.

Дар бахши аввали ҳикоят бархӯрди қаҳрамон Ума ҳасратолуду оҷизона аст. Ӯ бо вуҷуди саршор аз ғаму андӯҳ ба ёд меорад: «Чӣ хел дар як лаҳза ҳама чизро ҷамъ намуда марг хомӯшона бо кӯчаи қафо ба дар омад–ӯ бошад дар муқобили вай коре карда натавонист. Вай худаш шавҳарашро ба ҳавопаймо шинонда буд» [35, 72].

Аслан мавзуи марг ва шеваву тарзҳои муносибати инсонҳо бо он аз дарунмояҳои ҷовидонии тафаккуру андешаи мардуми ҷаҳон аст. Ин мавзуъ дар фарҳангу адаби хаттӣ ва шифоҳии ҳар қавму миллате ҳузури барҷаста дорад.

Меҳруннисо Парвиз дар ҳикояҳои худ ҳамеша талош меварзад, то воқеияти ҳолати равонии қаҳрамонони худро ҳамон гуна ки дар зиндагист инъикос намояд.

Ба сифати намуна боз ба ҳикояи мазкур бармегардем. Вақте ки қаҳрамони асар бо таҷдиди хотироти пешин, марги нобаҳангоми шавҳар дучори вазъи сангине мегардад, нависанда ба кумаки ӯ мешитобад. Яъне, мавзуи андешаро ба ҷониби дигар мекашонад. Шояд ба сӯйи мавзуъҳое, ки қаблан зеҳнашро машғул дошта буданд.

«Занги дар зада шуд. Вай ба тарафи дарвоза рафт. Марди хоҷагидор назди дарвоза рост буд. – Хонум тухм. ... гурба ба болои зинапояҳо дароз кашида худро дар Офтоб гарм мекард. – Ума назди гурба нон гузошт. Гурба нонро гирифта ба

девор баромада рафт.... Рӯ ба рӯи тирезаи хонаҳо ширфурӯшҳо бо аробаҳои худ фарёд карда мегузаштанд» [35, 72].

Тасвири ин лаҳзаҳо, ки ҳар яке аз лаҳзаҳои зиндагии инсонианд, аз дигар сӯ таъкид бар он аст, ки ҳастӣ, рӯзгор ҳамеша чунин буда, таваққуф, истоӣ барои раванди умумии зист бегона аст. Зиндагӣ идома дорад.

Нависанда дар ҳикояи мазбур чанд дафъа қаҳрамони аслиро бо мақулаи марг рӯ ба рӯ месозад ва замоне, ки қаҳрамон амиқан бо риштаҳои пургиреҳи розомуди он печида мешавад, ӯро канор мекашад ва замони ишорат ба ҷузъиёти муҳит бо ҷовидонагии раванди ҳаёт таъкид меварзад.

Каҳрамони ҳикояи «Офтоби тираи рӯҳи кӯчак» дар атрофи ин масъала андеша намуда, ба натиҷа мерасад, ки «фарзандонаш бояд дар хонаи падар ва дар муҳите, ки ба он одат кардаанд, ба воя расанд.

Онҳо бояд инро эҳсос нанамоянд, ки дар баробари падарашон худованд хонаашонро низ гирифтааст» [35, 79].

Дар ҳикояи мавриди назар бо роҳҳои мухталиф андешаи дигаре талқин мешавад, ки барои ҳалли мушкилоти худи воқеияти айнӣ, яъне ҳаёт роҳу восита пайдо мекунад. Агар барои қаҳрамони ҳикоя Ума ба кудаконаш хабар додани марги падарашон мушкил буд, оқибат бо пешомади маъмулие ҳаллу фасл гардид.

Ума рӯзе болои зинае нишаста, ба атроф менигарад. Ногоҳ дид, ки мардум ҷанозаи касеро барои дафн кардан мебурданд. Бачаҳои Ума пас аз назораи ҳодисаи бурдани майит мепурсанд: «- Оча, он одамон ба куҷо рафта истодаанд» [35, 79].

Ума ин фурсатро барои худ муносиб дониста меҳоҳад аз марги падар ба бачаҳо хабар диҳад, ҳарчанд дидани маросими ба хоксупорӣ хотироти талхи гузаштаашро дар зеҳнаш пайдо мекунад: «Дар як лаҳза дунё дар назараш торик шуду гумон кард, ки беҳуш шуда, сарозер ба замин меафтад. Лекин кадом як қуввае ёрӣ расонд, ки худро ба даст гирифта, болои зинапояҳо нишаст. Ҳар ду кӯдакашро бағал кашида хост бигӯяд: - бачам, касе ки мемирад, ӯро ҳамин тавр

гирифта мебаранд. Падари шуморо ҳам айнан ҳамин хел гирифта бурда буданд» [35, 80].

Муҳаққиқи адабиёти ҳинд Шраддҳа Чандракар зимни арзёбии ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба чанд ҷанбаи шеваи нависандагии ӯ ишорат мекунад. Ба андешаи мавсуф нависанда дар ҳикояҳояш дунёи дигареро интихоб намудааст. Дунёе, ки моломоли ғаму андӯҳ, пур аз ашк аст. Дар дунёи баргузидаи ӯ ба ҳеҷ мазҳабе афзалият дода намешавад, чи исавиву чи ҳинду чи мусулмон зиндагонии баробар доранд. Қаҳрамонҳои нависанда ба қавли муҳаққиқ «тухмфурӯш, бузбон, зани қабрбон ва ғайра мебошанд. Симои бевазанҳо низ дар офаридаҳои ӯ ҷойгоҳи хос дорад. Кариман, Кубрӣ, Фотима ва Амма бевазаноне нестанд, ки онҳоро фаромӯш кард» [20, 58].

Олими номбурда зимни табақабандии мавзуъҳои ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба мавзуи марг ва соҳаҳои нохушоянди он дар зиндагии инсонӣ таъкид намуда, чунин менависад: «Марг ҳамеша дарднок аст. Агар саробони хона бимирад, пас рӯзи дигар дар хона доду фиғон сар мешавад. Масалан дар ҳикояи («Бойи дигар») «Дусри артҳӣ» ҳамин гуна ҳодиса тасвир шудааст. Саробони хона мемирад. Майит миёни хона аст, вале зану бачаҳояш дар ҳар кунҷ истодаанд. Зани бечораро аз хона берун мекунанд ва касе нест, ки ғамашро хӯрад. Мардум ба ҷаноза рафта истодаанд» [20, 57].

Доктор Минӣ Самуел аз муҳаққиқони дигарест, ки дар мақолае таҳти унвони «Меҳруннисо Парвиз–як сайри адабӣ» ниҳоят мушкифонаву олимона ба паҳлуҳои мухталифи осори нависанда назар меандозад. Аз дидгоҳи ӯ аслан нависандагон вақте худ, муҳиту зиндагии худро дар эҷодиёташон тасвир менамоянд, хонандагонро ба муҳити ҷамъиятӣ шинос карда ва онҳоро аз гумроҳӣ боздоштан қонуни эҷодкор мебошад. Зеҳнияти эҷодӣ, дарки масоили умумибашарӣ барои нависанда замоне даст медиҳад, ки нисбат ба ҷомеа нигоҳу нигариши ҷустуҷӯгарона дошта бошад.

Муҳаққиқ натиҷаи бардоштаи хешро аз ҳикоёти нависанда чунин баён медорад: «Меҳруннисо Парвиз мушкилоти гуногуни зиндагиро мулоҳизакорона

тасвир менамояд. Аз мутолиаи ҳикояҳояш чунин бармеояд, ки шумо гӯё сайри адабиеро дар зиндагии ӯ анҷом додаед. Дар оғози сайри бадеияш ӯ зиндагии Бастарро дар маркази таваҷҷуҳ қарор додааст. Мушкилоти оилаҳои мусалмон, нобаробариву мушкилоти мардуми таҳҷоӣ, фишорҳову хушунатҳои хонаводагӣ, тағйиротҳои шаҳрҳои бузург, вазъи бади иқтисодӣ, мушкилоти ба занҳо рабтдошта, табиати тағйирпазири занон, ба хотири ишқ дигар шудани ақида ва ғайраро Меҳруннисо ба риштаи тасвир кашидааст» [20, 47].

Бояд арз дошт, ки бо вуҷуди мушкилоти пуршумор дар зиндагии хусусиву коргоҳӣ худи нависанда ҳаргиз ба пешаи нависандагӣ бетаваҷҷуҳ набудааст.

Мазкур дар мусоҳибае дар иртибот бо адабиёту нависандагӣ чунин иброз намуда буд: «Навиштан барои ман танҳо иборат аз шуғл доштан набуд, балки бароям қувваву икром буд. Эҷод кардан ба ман нерӯ, обрӯ ва истиқлолият ҳадя кард. Ҳар чизе ки дар ҳаёт гирифтаам, аз кори эҷодӣ гирифтаам. Ҳар муборизаву ҳарби худро ман бо пайваста навиштан ба пирӯзӣ мерасонам. Коғаз барои ман майдони ҷанг ва қалам сарбоз аст» [20, 117].

Шабеҳсозии коғаз ба «майдони ҷанг» ва «қалам» ба «сарбоз» ҳар пажӯҳандаеро ба фикру андеша бармеангезад. Дар таърихи адабиёти ҷаҳон бисёр иттифоқ афтодааст, ки аҳли қалам аз сухан ҳамчун силоҳи мубориза истифода кардаанд. Агар ҳадаф дарку тасаввури лозим аз мубориза аст, моро лозим аст, ки ҷузъиёти онро дар матни осори нависанда ҷустуҷӯ кунем. Ин ҷустуҷӯву таҳқиқ дар навбати худ моро ба сӯйи шинохти матни асар мекашонад. Ҳар матне (чи ҳикояву чи повесту роман), ки навишта мешавад бар асари муносибатҳои сохтор офарида мешавад. Пайванду алоқаи унсурҳои достон аз ҷумла ҳикоят дар натиҷаи пайравӣ аз ин иртибот имконпазир мегардад. Азбаски ин муносибат дар осори адабӣ хосияти такрорӣ доранд, қонунмандии хосе пайдо намудаанд.

Дар робита ба мавзуъ бояд қайд намуд, ки Меҳруннисо Парвиз дар ин замина шеваи хосе дорад. Номбурда барои оғози ҳикояҳои хеш аксар аз табиату аносири он ва мавҷудоти муҳити перомун, ки ба зиндагии инсон қаробати наздик доранд, истифода мекунад.

Дар ҳикояи «Ид» низ нависанда муқаддимаро бо тасвири гурба ва гурбачаҳо оғоз мекунад. Гурба моли қаҳрамони хурдсоли ҳикоя Шано аст. Равшан аст, ки ҳадафи аслӣ дар ҷойи дигар нуҳуфта аст. Яъне пардохтан ба гурбаҳову ҳаётгузаронии онҳо ҳадафи нависанда нест, вале нишон додани таваҷҷуҳу алоқаи Шано бо гурбаҳо хонандаро вориди матлаб месозад.

Ин меҳру алоқа ба андозаест, ки Шаноро вомедорад, то бо гурбаҳо бозӣ кунад ва аз мактаб рафтан сарфи назар кунад. «Албатта имрӯз бо ҳеҷ ваҷҳ намехост ба мактаб равад. Ҳа, қалби кӯчакаш мехост, ҳамроҳи гурбачаҳо бошад» [32, 178].

Бояд таъкид гардад, ки ҳамрадифи муҳити перомун ё воқеияти айнӣ, ки мо дар марзи он зиндагӣ мекунем, ҷаҳони дигаре ноаён дар тахаюли мо мавҷуд аст, ки суръати тағйиру таҳаввулаш бештар аз суръати кайҳонист.

Барои тағйиру дигаргунии пуршитоби ин ҷаҳони нопадидор заминаву ангезаҳои зиёде мавҷуд аст, ки ҳатто шуморашон ғайримумкин аст. Ҳар ҷунбишу таконе, ки ҷиҳати дигаргунсозии вазъи мавҷуд сурат мегирад, тавассути ҳавоси панҷгонаи инсон анҷом меёбад. Дидор бо ҳар шайъу мавҷуде чи муҳиму чи ҳақир, шунидани ҳар садое чи хушу чи зишт, шамидани ҳар атру бӯе чи муаттар чи уфунатомез ва ғайра ҷаҳони мавриди назарро ранг меомезад.

Дар ҳикояти «Ид» мо намунаи онро дар камоли сароҳату равшанӣ мебинем. Дар боло хотирнишон кардем, ки Шанои дилбаста бо гурбаҳо, ғарқи тамошои онҳо ба ёди мадраса меафтад, мадрасае, ки барояш амри иҷборӣ шудааст.

Дар ҳамин лаҳза хаёли нимторику нимравшани ӯро садои модар баҳам мерезад: «Офтоб болои сар! Ту бошӣ ҳоло ҳам дар инҷо истодаӣ! Мадраса рафтанӣ нестӣ! Зуд бош, ки наҳорӣ хунук нашавад!» [32, 178].

Мусаллам аст, ки хитоби модар масири руҳу хаёли Шаноро дигаргун месозад. Дар ин миён ҷолиб донистани он аст, ки унсурҳои мавҷуд дар нутқ ё хитобаи модар ҳамон гуна ки дида мешавад се нукта таъкид шудааст: офтоб, мадраса ва наҳор. Мурури матн нишон медиҳад: «Шикам сер бошад!» - аз дил гузаронид Шано» [32, 178].

Ҳарчанд дар ин андешаи кудакон зикре аз «наҳору мадраса» нест, вале мантиқи фикр ба он далолат мекунад. Яъне барои мадраса рафтан қабл аз ҳама наҳор хӯрд.

Нуктаи дигаре, ки баёни бештар мехоҳад таъкид рӯи офтоб аст, ки дар адабиёти ҳар миллате намуна дорад. Дар чунин вазъияте манзур аз корбурди ибораи «офтоб болои сар аст» ишора ба гузашти замон аст. Чунин корбурде бар асари таҷрибаи дуру дарози одамӣ дар тӯли замон шакл гирифтааст ва замони истифодаи он ҳеҷ касе дар чигунагии зуҳури он тааммул намекунад.

Фикри наҳору шикам хеле зуд аз пардаи зеҳни Шано канор меравад ва ҷойи онҳоро низоми маъмулии хатти ҳаракати Офтоб мегирад: «Офтоб бошад монанди ҳарвақта рост дар рӯйи бому дари харобгаштаи хонаи амаки Калонаӣ – ҳамсояашон нурафшонӣ мекард. Модари Калонаӣ–кампири чаққон доимо аз он тарафи девор сарашро боло карда шӯхӣ мекард:

« - Дидӣ – а? Агар бо ҷорӯбам офтобро намебардоштам, монанди ту дар хоб мемонду дигар кай мебаромад?» [32, 178].

Агар дар хитобаи модар манзур зикри «офтоб» таъкид рӯйи замони дар ҳоли гузар асту дар истифодааш таъхир мешавад, буд, дар андешаи қаҳрамони хурдсол мазҳари дигаре аз ҳастии Офтобу ҳаракати ҳамешагии он аз масири муайяне ҳувайдо мешавад. Ин дарку тасаввури сода ба асари мушоҳидаҳои ғайрииродавӣ нақш бастаанд.

Қаблан хотирнишон гардид, ки ҳар ҳикоёте дорои чанд бахш ё падидаву буҳрон аст, ки миёни онҳо яке буҳрони аслӣ ё асосӣ маҳсуб мешавад. Нависанда то расидан ба марзи буҳрони аслӣ моро ба ҷаҳони матн ошно менамояд. Яъне, моро ба маконе ошно менамояд, ки қарор аст дар домани он ҳикоят ба амал биёяд.

Аммо дар баробари ин қисмат хусусияти «буҳрони аслӣ таъинкунандаву ниҳоӣ будани он аст» [32, 93].

Барои як нависанда поён бахшидан ба бахши оғозин ё муқаддимавӣ ва ворид шудан ба фазои аслии достон кори содае нест. Зеро то расидан ба ин нуқта ӯ бояд замони ихтиёри хонандаро комилан дар даст дошта бошад. Танҳо риштаи

бисёр муҳиму муносиби пайванд лозим аст то ногусастагие байни мавзуъҳо эҷод нашавад.

Дар ҳикояи «Ид» дидем, ки тасвири мавқеияти гурбаву гурбачаҳо, ҳаракати Офтоб унсурҳои корсоз барои оғоз буданд, ки сарҳади буҳрони аслии ҳикоя чанд дафъа баргашт ба сӯйи онҳо сурат гирифт ва ба ҳар баргаште дарку тасаввури қаҳрамони хурдсол аз ашёи муҳити перомун бозгушоӣ гардид. Қабл аз гузар ба мавзуи аслӣ низ бозгаште ба аҷзои мазкур анҷом шуда.

Бояд иброз намуд, ки серобии шинохти нависанда аз масоили ҳастӣ, донишҳои башарӣ, фарҳанги адаби ноистои инсонӣ, аносири равоншинохтии падидаҳо сабабгори он мегардад, ки дар доираи маҳдуди як ҳикоят мазомини зиёдеро дар миён мегузорад. Аз ин нигоҳ метавон гуфт, ки Меҳруннисо Парвиз дорои чунин хасиса аст.

Муҳаққиқони осори ӯ бар вусъати назару доманаи ҳунари ӯ борҳо таъкид намуда, зимнан аз ҳикояи «Ид»-и ӯ ёддовар гаштаанд.

Дар мақолаи «Ману эҷоди ман» ӯ ба роҳи душвори худ дар ҷодаи нависандагӣ ва вижагиҳои шеваи кору бархурди мардум ба занон ишораҳои пандомӯз дорад. Аз ҷумла чунин изҳор дошта: «Барои навиштан ва шахсияти ман ҳеҷ гоҳ муҳити созгор насиб нагашт. Ҳамеша пинҳону дуздӣ навишта ва ҳамин тавр ба чоп мефиристодам.... Ман ҳар кунҷи зиндагиро дида, синча карда, навиштаам. Офаридаҳои ман доир ба ҷомеа, оила, сиёсат ва ҳама чиз аст. Хонандагони ман ҳеҷ гоҳ маҳдуд нестанд.... Ман чунин гумон намекунам, ки зан дар доираи худ меофарад ё қалами ӯ аз мард камқувват аст. Чунин фикр бисёр ғалат аст, вақте ки ман навиштанро оғоз намудам, мардон дар майдони адабиёт ҳокимияти комил доштанд. Зан бо ном зан буд... занон дар ҳар давру замон аз мардон мавқеияти пештар доштанд. Танҳо ҳузури онҳоро мардон макорона зикр накардаанд» [20, 145].

Ҳамин тавр агар назари адабиётшиносони ҳиндро ҷамъбандӣ кунем, чунин ба назар мерасад, ки гӯё ҳадаф дар ҳикояи «Ид» нишон додани вазъи бади молӣ, иқтисодӣ, тангдастии мардум бошад. Албатта бо ин метавон розӣ шуд. Вале аз

сӯйи дигар, ҳикоя танҳо бозтоби масъалаи мазкур нест. Дар фазои ноорому пурпечи ҳикоя як навъ эътирозу норизоияти пинҳони мардум аз иҷтимои мавҷуд инъикос гардида, ки тадриҷан бузург мешавад. Ин фазои сангин мардумро зери фишор қарор медиҳад. Онҳоро аз маҷрои маъмулии зиндагӣ берун месозад, ба вартаи фақру гадоӣ, талбандагӣ мекашанд, вале рӯҳи умумӣ, ҳамагонӣ аст, ки ҳозир нест таслими воқеияти айнӣ гардад.

Ба гумони мо гузашта аз он чи зикр гардид ҳадафи муаллиф нишон додани таъсирест, ки муҳити носозгори иҷтимоӣ, вазъи норасоии молии хонавода бар кудакон мегузорад. Мавзуи дигаре, ки тавассути асбобу абзори ҳунарӣ, яъне бо образҳои бадеӣ дар матни ҳикоя аз ҷониби нависанда бозтоби худро ёфтааст дидани ранҷи кӯдакон ва пинҳон нигоҳ доштани ноилоҷии хеш дар ислоҳи вазъи мавҷуд.

Матлаби дигари арзишманд тасвири дунёи кудакон, бархурди ӯ ба масоили ҷомеа ва гирифториҳои бузургсолон мебошад. Меҳруннисо Парвиз дунёи дарунии кӯдакон ва масири андешаи ононро ниҳоят амиқу ҳунармандона муассир тарсим менамояд.

Гоҳо бузургсолон чунин мепиндоранд, ки кудакҳо мушкилоти ҷомеа ва хонаводагӣ, камбуду заъфи онҳоро дарку тасаввур намекунанд, вале дар асл воқеият дигаргуна аст.

Барои возеҳияти мавзуъ бояд ба ҷузъияти ҳикоя ва таносуби аҷзои матн ишора шавад.

Вижагии қобили мулоҳизаи сабки нависандагии Меҳруннисо Парвиз таваҷҷуҳи хосси ӯ ба фарҳанги динӣ ва риояти он аз ҷониби қаҳрамонон аст.

Нависанда дар аксари ҳикояҳо ба ин нукоте таъкид месозад. Масалан дар ҳикояи номбурда аз зеҳни Шано мегузарад, ки «холаи қадпасти вай аз гузари рӯзаву намоз фарсахҳо дур буд», гузашта аз ин «хабаркашу дурӯғгӯ буд» [32, 179].

Меҳруннисо Парвиз бо истифода аз мазмуну муҳтавои бархе аз расму суннатҳои маълуму марсум миёни мардум худро нишон медиҳад. Маъмулан ҳар

қисмате аз матн дар осори бадеӣ вазифаи муайянеро иҷро менамояд. Гоҳо як бахш имкон дорад чанд вазифаро ба сомон бирасонад. Дарку тасаввури ин вазифаҳо шахсияти нависандаро ҳамчун эҷодкор барҷаста месозад.

3.2. Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз

Вуҷуди муколама ё диалог ҳарчанд дар адабиёти классикии мо барҷастагии чандоне надорад, вале дар жанрҳои эпикӣ ё мансури адабиёти муосир ҷойгоҳи хоссае дорад. Дар осори мансури адабиёти ҷаҳон камтар асареро (аз қабили роман, новелла, повест, ҳикоя) метавон пайдо намуд, ки дар онҳо муколама, гуфтугӯ миёни қаҳрамонҳо мавҷуд набошад. Муҳаққиқони адабиёт зимни таҳлилу арзёбии осори адабӣ, борҳо ба нақши арзишманди муколама дар як офарида таъкид варзидаанд. Вале ба андешаи ғолиб масъалаи муколама ё «муколамашиносӣ» бештар дар осори адабиётшинос ва назарияпардози машҳури рус М. М. Бахтин шарҳу тафсири худро ёфтааст. Номбурда дар китобе, ки перомуни масоили зебошинохтии осори нависандаи номдори рус Достоевский таҳия намудааст, мавзуи муколамаро ниҳоят дақиқу амиқ, олимона мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Дар тадқиқи хеш олими номбурда мафҳуми «муколимаи бузург»-ро ба романҳои Достоевский нисбат медиҳад, вале дар назарияи ӯ ҳамчунин ишора гардида, ки ин мафҳумро натанҳо дар доираи адабиёт, балки дар қаламрави масоили иҷтимоиву фалсафӣ низ метавон ба кор бурд. Истилоҳи «муколамаи бузург» ба мафҳуми «муколамаи асри ҳозир» тағйири ном мекунад ё он ҳамчун «муколамаи русӣ ё ҷаҳонӣ» ёд мешавад.

Фарзан иҷтимои инсонӣ, «ҷаҳон» иборат аз афроди пуршумор, «марказҳо» ҳомилони «ҳақиқат»-ҳои хусусӣ, шуурҳои мутафовит бошад, пас чи нерӯе ягонагӣ, ваҳдати ҷаҳонро таъмин мекунад?

Баррасии осори назарии М. М. Бахтин гувоҳ бар он аст, ки дар шинохти масоили мазкур танҳо муколама метавонад нақши калидӣ бозӣ кунад. Муколама ва хосса муколамаи бузург сабабгори пайванди бахшҳои гуногуни шуури инсон

мегардад, бо он таҷаммӯъ ва тамаркуз мебахшад. Аз нигоҳи М. М. Бахтин зиндагии иҷтимоӣ худ муколамаи бузурге ба шумор меравад.

Муҳаққиқи номбурда бар асоси пажӯҳишҳои амиқ ба ин натиҷа мерасад, ки ҷаҳоне ки мо дар он зиндагӣ мекунем наметавонад таксадоӣ (полифония) бошад. Ӯ андешаи ҷаҳони чандсадоӣ ё бисёрсадоиро пешниҳод менамояд.

Аз дидгоҳи М. М. Бахтин барои тафаккури чандсадоӣ он ҷанбаҳои инсонӣ, ки аз мавқеияти таксадоӣ қобили шинохт нестанд, дастрасанд.

Ба дигар сухан, назарияи М. М. Бахтин такявар бар ин аст, ки ҳастии моро мавҷудияти дигарон муайян месозад. Ҷанбаҳои хубу бади мо, ҳусну қубҳҳои мо тавассути арзёбии дигарон машҳур мегардад. Аз сӯйи дигар мо бо арзёбиҳо ва андешаҳои дигарон наметавонем бетараф бошем. Назари дигарон ба мо ангеза медиҳад, то ба шахсияти худ камол бахшем, камбудиҳоро рафъ намоем. Ҳузур доштан миёни мардум муоширату гуфтугӯ бо онҳо боиси камолу фароҳамсозии мо мегардад.

М. М. Бахтин дар асари худ чунин менависад: «Будан бо маънои муоширати муколамавӣ доштан аст. Вақте муколама поён меёбад, ҳама чиз хатм мегардад» [64, 160].

Бар пояи дидгоҳи назарӣ номуносиб нест агар муколамаҳои мавҷуд дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз мавриди таҳлил қарор бигиранд. Пеш аз ҳама бояд изҳор дошт, ки бахшҳои муколамавӣ дар ҳикояҳои нависанда зиёд нестанд, вале хусусиятҳои хос доранд, ки бо нақли мисолҳо ба онҳо ишорат мекунем. Муколама ё гуфтугӯҳо ағлаб дар матни ҳикояҳо бо зарурати баёну тасвири фазоҳои хос истифода мешавад.

Нависанда дар мавридҳои хос қаҳрамонони худро бо тарзу шеваҳои нодир тавсиф месозад. Ӯ онҳоро мавриди сарзанишу таҳрим қарор намедиҳад, балки чунин шароите фароҳам месозад, ки онҳо битавонанд ҷаҳони андешаи худро дар бораи ҷаҳон, ҷомеа, муҳит ва дигарон бозгӯянд.

Сухани қаҳрамонон назари хосси нависанда нест. Дар асар ҳар қаҳрамонро дидгоҳи вижа ва баробар бо дидгоҳи дигарон аст. Ҳар як қаҳрамон наметавонад

бозгукунандаи воқеияту ҳақиқати мутлақ бошад. Назари ӯ бо назари дигарон баробарӣ дорад. Дар ин миён хонандагони асар бештар на шоҳиди симои қаҳрамонанд, балки шунавандаи садои ӯ мебошанд.

Маҳз дар муколама ва чаҳорчӯби он аст, ки мо ба ҷанбаҳо ва гӯшаҳои шахсияти инсонӣ пай мебарем.

«Одамони бузург» аз ҷумлаи ҳикояҳоест, ки бо муколама оғоз мешавад. Ин муколамаи кӯтоҳ ҷиҳатҳои хосе дорад, ки қобили мулоҳизаанд. Гап дар ин аст, ки маъмулан муколама тақозо мекунад, ки миёни ду нафар гуфтугӯи паёпай сурат бигирад.

Нависанда бо овардани порае аз нутқи айнан нақлшудаи қаҳрамон аз масир ҷудо мешавад ва ҳолати равонии қаҳрамон ва гоҳо шахсияташро ба хонанда ошно месозад. Сипас ба зикри идомаи муколама мепардозад.

« – Оча, оча! – Хоҳари лоғарандом кӯчаро саросемавор давон - давон тоб хӯрда омад, гӯё, ки ба шитоби рӯзи ид омада бошад, ки Моҳтоб баромадааст. Ба зӯр нафас кашида гуфт: – Вой оча, Худо ғазаб кард!» [38, 48].

Бо изҳори ин паём, ки ҷанбаи умумӣ дорад, вазъе мубҳаму саволомез дар ниҳоди тарафи дигари муколама эҷод мегардад, ба дигар сухан, ин хабар ӯро ба гуфтугӯ, пурсиш вомедорад.

« – Чӣ шуд? Дастони модар, ки борутро барои хушкидан дар Офтоб паҳн мекард, яку якбора аз кор монданд. Вай ба хоҳар нигоҳи аҷибе кард» [38, 48].

Тавре дида мешавад, бо зикри як ҷумлаи кӯтоҳи пурсишӣ тараф ба муколама оғоз менамоянд, вале нависанда қабл аз додани посухи қаҳрамон ҳолати равонии ӯро тасвир месозад.

« – Оча, дар як ҳуҷраи бинои 56 - ҳуҷрадор оташбозии аҷибе оғоз шуда, ки диққати касро ба худ ҷалб месозад. Мардум мегӯянд, ки имрӯз ба ин ҷо ҳама одамони бузург ба тамошои оташбозӣ меоянд, – бо як нафас гуфта дод хоҳари лоғарандом» [38, 48].

Ин паём нафарро бештар нигарону музтариб месозад. Ҳарчанд асли матлаб равшан нест, вале хонанда эҳсос мекунад, ки ҷараёни ҳикоя ба мавзуе бастагӣ дорад, ки вуҷудаш барои қаҳрамон норизоятбахш аст.

Агар ҳикояро як матни адабӣ ҳисоб намоем, пас метавон чунин натиҷа гирифт, ки матн худ ба худ падидаи иҷтимоӣ - каломӣ, воҳиди иртиботие мебошад, ки барои баёни гӯшаҳои зиндагӣ хидмат мекунанд.

Ба идомаи муҳокима бармегардем.

Зикр гардид, ки вазъи рӯҳии қаҳрамонон барқосо бо шунидани хабари нафари аввал тағйир мекунад. Тарсиму баёни ин тағйир тадриҷан ба инъикоси ҳар ҳаракати ҳунарии бузург, ки барангезандааш гуфтори ҷониби аввал аст сурат мегирад.

« – Худро ба қафо кашида, ба девор такя намуда гуфт: – Оташбозӣ аз кӣ аст?

– Аз амаки Баракат, - оби даҳанашро фурӯ бурда бо чашмони шахшудааш ба модар нигарист. Боз гапашро идома дод: – Оча имрӯз рӯзи «барот» аст, одатан баъд аз барот оташбозӣ барпо мешавад, домоду арӯс низ нишаста тамошо мекунанд» [38, 48].

Шунидани номи сабабгори аслии моҷаро Баракат мисли ин ки ғазабу нафрати қаҳрамонро ба қуллаи охирин мерасонад.

«–Баракати лаънатӣ»-бисёр дар ғазаб шуда, модар гуфтан гирифт.

– Бачаи хайротӣ! Бо хайру саховати мардум калон шуда» [38, 48].

Бояд қайд намуд, ки аз ин ба баъд навъи дигари муколама дар домони матни ҳикоя шурӯъ мешавад. Ба ин маънӣ, ки хатти сайри ҳаёти Баракат дар хаёлхонаи ӯ таҷдид мегардад, ки бахши муколамаи ӯро ташкил медиҳад: «Дар фасли баҳори серборишаз домони модари пираш дошта, гирякунон ба дари хона омада садақа металабид. Ба онҳо раҳмам омада ҳардуро ба даруни хона дароварда шинондам. Модараш аз таби баланд азоб кашида мурда рафт. Хайротиро мисли кӯдакони хонаам хӯронида, пӯшонида, ҳунари худро омӯзонидаам; аммо гуфтаанд:- «Гургзода оқибат гург шавад, гар чи бо одамӣ бузург шавад. (Кӯкӯ дар лонаи зоғ

тухм мегузорад, вале баъди аз тухм баромадан ва қанот кушодан он чуҷа бо ҷуфти худ парвоз намуда, аз зоғ ҷудо мегардад). Ана имрӯз дар ин шаҳр гадобача гургбача шудааст!» [38, 49].

Меҳруннисо Парвиз пас аз тасвири бахши аввали муколама, ки ба равшан гаштани мавзуи моҷаро анҷом меёбад, ҷараёни ҳодисаҳоро ба шеваи дигар баён месозад. Ба ин маънӣ, ки як навъ таҳлилу арзёбии психологӣ, шинохти андешаҳои қаҳрамон сурат мегирад. Қаҳрамон худ гузаштаи хешро ба риштаи хотира мекашад ва дар мавқеиятҳои хос нутқи ӯ айнан зикр мегардад. Тафовути ин шеваи баён аз тарзи нахустин дар он зоҳир мешавад, ки дар фазои он муколамаи мустақим нест, таҷдиди масири андеша бо қайди каломи айнан нақлшудааст. Дар матн чунин муколамаҳое ҳаст, ки ҷаҳони ботинии қаҳрамон, назари хосси ӯ перомуни ашхоси алоҳида, бархурдаш ба масоили печ дар печи ҳастӣ равшан мешавад. Дар чунин ҳолатҳо гоҳо гуфтаҳо ё муколамаи ашхоси дигар аз ҷониби ровӣ нақл мешавад.

Масалан, дар ҳикояи мазкур дар муколамае, ки миёни ду нафар шурӯъ шудааст, шахси сеюм «падар» шомил мегардад. Назараш айнан нақл мегардад, вале ин муколамаест, ки дар замони гузашта сурат гирифтааст.

Масалан падар, қаҳрамони дигари ҳикоя, пас аз бохабар шудан аз асли матлаб изҳори назар мекунад. Вале ин муколама дар матн мустақим аз ҷониби вай гуфта нашудааст, балки матни каломаш аз ҷониби дигар кас зикр шудааст.

«Баракатӣ» - Падар ба маънои гап сарфаҳм нарафта, дар ҷояш шах шуда монд. Оҳиста пурсид: «Чӣ шуд?» [38, 50].

Посухе, ки ба суоли мазкур дода мешавад, посухи сода нест. Тарафи муколама, ки модар аст, ҳамзамон бо ҷавоб гуфтан, тамоми эҳсосу дарки худро нисбати масъалае, ки зеҳнашро даргир намудааст, баён мегардад. Норизоят, қаҳру ғазаб, ки баёнгари вазъи равонии инсонанд, дар ин посух ҳувайдо мегардад. Бархе аз ҷузъиёти вазъи равонии қаҳрамон дар посухи пешниҳодӣ мунъакис нашудааст, вале фазои посух худ онро дар зеҳни мо муҷассам менамояд, ки посухдиҳанда (қаҳрамон) чи ҳолу ҳавои музтарибонае дорад: «Охир чӣ мешуд? – Дар ҳуҷраи

хонаи 56-ҳуҷрадор Баракат Алӣ оташбозӣ карда истодааст. – Боз ба ҳайрат гуфт модар, - пул пайдо карда ба қатори қавми обрӯманд даромадааст, ному нишон пайдо карда аз Баракат Баракат Алӣ ном гирифтааст» [38, 50].

Ин посух гӯё оташест, ки ба хирмани хотироти падар меафтад. Тамоми иртиботу пайвандаш бо мавзуи аслии муколама, шахсияти Баракат дар зеҳнаш таҷдид мегардад. Аз иштибоҳу хатоҳое, ки дар муносибат бо Баракат дошта, изҳори таассуфу пушаймонӣ мекунанд.

«Барои ҳамин мегӯянд, ки ба бачаи мор шир нӯшонидан даркор нест, канда-канда гуфт падар. – Ман худам ҳаромзодаам, ки як чӯҷаи гадоро тарбия карда, обу нон додам, ки имрӯз нолаи даҳони фарзандони маро кашида гирифта истодааст» [38, 50].

Дар миёни ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ҳикояи «Ҳеҷ кас» аз нигоҳи истифодаи муколамаҳо ҷалби назар мекунад. Бунёди ҳикоя бар саргузашти зану марде ниҳода шудааст. Кӣ будани ин зану мард, шахсияти онҳо, назаргоҳи онҳо дар атрофи зиндагӣ, хонавода ва дигар масоил ба воситаи қаҳрамони хурдсоле бо номи Гудду кушода мешавад.

Дар оғози ҳикоя гуфтугӯ ва муколамаҳо миёни модару духтар ва Гуддуи хурдсол сурат мегирад ва ҳар муколамае, мухотабро ба ҷанбаҳои гуногуни зиндагии фардии қаҳрамонони аслӣ ошно месозад.

Аслан ҳар нависандае дар коргирӣ аз муколама озод аст, дақиқтараш шеваи хосси худро дорад ва вобаста ба нақшае, ки барои баёни паёми аслӣ, дар зеҳнаш шакл мегирад, аз муколама ҳамчун рукни ёрирасон ва гоҳо таъсиргузор истифода мекунад. Меҳруннисо Парвиз низ тарзи хосси худро дорад.

Дар ҳикояи мазкур ағлаб муколамаҳо барангезандаи эҳсосу хотироти нуҳуфта дар зеҳну ҳуши тарафанд. Бад – ин маънӣ, ки мусоҳиб бо шунидани гуфтае ё суханони оғозгари суҳбат, фаврӣ вориди суҳбат намешавад.

Масалан дар муколамаи нахустин, вақте ки бо модараш вориди гуфтугӯ мешавад ва хабар мерасонад, ки: «- Очаҷон, амакам имрӯз низ омада буданд» [38, 30].

Нависанда, қабл аз он, ки тарафро ба сухан дарорад, таъсири ин хабарро дар рӯҳу равони тараф тасвир мекунад. Аз хабар ҳарчанд таъин кардани шахсияти «амак» мушкил аст, вале вожаи «низ» таъкид бар он дорад, ки ӯ барои тараф чеҳраи ошно аст ва то имрӯз ба ин хона зиёд омадааст.

Дар ҳикоя аксуламали тараф бар асари шунидани ин хабар чунин бозтоби бадеӣ ёфтааст: «Ба пойҳои хастааш ларза афтод. Ба курсӣ нишаста, пушташро сахт ба он часпонд ва бо нигоҳи хаста ба Гудду нигарист. Дилаш хост, ки ӯро як ду торсакӣ занад, аммо боз фикр кард, ки аз задан боз ҳам ғамгин мегардад. Ӯро болои зонуҳояш шинонда ба ӯ гуфт: «Бачам ӯро ба хона даромадан мондан лозим набуд, ҳа. Дирӯз чӣ қадар ман ба ту фаҳмонда будам» [38, 30].

Тавре ки дида мешавад, дар матн қабл аз суҳбат тағйири рӯҳиву ботинии тараф тавсиф шудааст.

Ҷолиб ин аст, ки Гудду пас аз шунидани шикваи норизоятмандонаи модар танҳо ба амали ӯ, яъне «Сари зону нишондани ӯ» таъкид намуда, мегӯяд: «Аммо амакам маро ҳамин тавр болои зонуҳояш шинонда гуфт:–Гир писарам, аз худиҳо чиз гирифтан зарар надорад» [38, 30].

Ба назар чунин менамояд, ки гуфтугузорҳои маъмулие миёни персонажҳои асар сурат гирифта, вале гом ба гом нависанда тавассути ин муколамаҳо ҷаҳони андешаи онҳоро, муносибаташонро бо низому суннатҳои мавҷуд дар сарчашмаи хонаводагӣ нишон медиҳад. Аз сӯи дигар, барои Гудду қаҳрамони хурдсол, ки зиндагӣ нав шурӯъ мешавад, вазъияти пуртазоде эҷод шуда, ӯ миёни ду қутбест, ки ҳаққи интихобро аз ӯ рабудаанд.

Гудду аз «амак» - меҳмони гоҳ-гоҳӣ бозича мегирад, чизе ки ҳар кӯдак хоҳону талабгори он аст, вале модар бо ин розӣ нест. Мушкил ин аст, ки Гудду намедонад, ки мард кист ва чаро модар муқобили дидори ӯ бо «амак» аст.

Бояд зикр кард, ки гуфтугӯҳои зиёде миёни модару Гудду баргузор мешаванд, вале то поёни ҳикоя Гудду ҷуръат намекунад, ки шахсияти «амак»-ро аз модар пурсон шавад. Танҳо дар лаҳзаҳои поёнии ҳикоя ӯ мегӯяд: «Очаҷон ҳамон амак барои ман кӣ мешавад?» [38, 50].

Ин суоли изтиробомез дар матн аз нависанда талаб мекунад то таъсири онро дар вуҷуди тараф тасвир кунад: «Вай дар ҷояш шах шуда, бо ҳаррос ба тарафи Гудду нигарист. Гудду ҳанӯз ҳам дар ҷойи аввалаш менишаст. Вай оҳиста-оҳиста ба Гудду наздик шуду сари ӯро сила кардан гирифт.

- Бачам, вай барои ту… яъне ки барои мо ҳеҷ кас нест! Ӯро фаромӯш кун!» [38, 47].

Тавре дида мешавад, дар ҳамин нукта ҳикоя ба таври комил зода мешавад. Унвони ҳикоя низ аз ҳамин ҷо гирифта шудааст, яъне «Ҳеҷ кас». Танҳо ҳамин навишта собит месозад, ки нақши муколама дар ҳикоя ё ба таври умум, дар осори мансур то чи андоза муҳим аст.

Муҳаққиқи Ҳинд Ниту П. Р., ки мавзуи муколамаро дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз мавриди баррасӣ қарор дода буд, натиҷагириҳои судманде намудааст. Мавсуф аз ҷумла чунин менависад: «Муколама дар ҳикоя нақши муҳим дорад. Тавассути муколама дар ҳикоя ба хусусияти хулқу атвори қаҳрамон равшанӣ андохта мешавад. Инчунин барои пайванду равиши муколама, муколамаҳое қобили қабулу пазируфтанӣ ҳастанд, ки кӯтоҳу таъсирбарангез бошанд. Муколама барои изҳори афкору андеша беҳтарин восита аст.

Муколамаҳои тӯлониву нозарур мувофиқи матлаб нестанд. Ҳангоми тартиб додани муколама бояд андешаву фикррониву тақдири қаҳрамонон ва инчунин нақши қаҳрамонон мадди назар гирифта шавад. Ҳар қаҳрамоне бояд забону шеваи хосси гуфтугӯ дошта бошад. Дар ҳар як ҳикояи Меҳруннисо Парвиз муколамаҳо равшану зебо истифода шудаанд. Ӯ услуби монолог ва муколамаҳоро бо забонҳои маҳаллӣ тавассути қаҳрамонҳо дар ҳикояҳояш татбиқ кардааст» [19, 255].

Муҳаққиқи мазкур дар рисолаи худ саъй намудааст, то аз як тараф ҷойгоҳи муколамаро дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз таъин ва бозгушоӣ намояд ва аз ҷониби дигар, нақшу аҳамияти муколамаҳоро ҳамчун яке аз рукнҳои эҷоди тавсифу баён созад. Номбурда иброз медорад, ки муколама ё гуфтугӯ дар осори мансур вобаста ба он ки ҳунару истеъдоди нависанда дар чи пояе қарор дорад, метавонад вазифаҳои гуногунро иҷро намояд.

Муколама агар ба таври шоиста ва бачо истифода шавад, истеҳкому ташаккули сужаи асарро сабаб мегардад. Саҳми муколама гузашта аз ин дар густаришу умқ пайдо намудани андешаҳои қаҳрамонон ниҳоят арзишманд аст. Ҳар як ҳикоя дар доираи вақту замони муаяйне шаклу сурат мегирад. Муколама бо назардошти ин омилест, ки тавассути он хонанда ба ҷузъиёти вақту фазо ошно мешавад.

Дар чаҳорчӯби як достон холиқи асар тасвиру бозгӯ намудани мақсаду ҳадафҳои гуногунро пешорӯ дорад. Аз ин рӯ, ӯ ҳарфҳояшро ё ба дигар сухан андешаи аслашро бо ёрии муколамаҳо амалӣ месозад.

Бояд зикр намуд, ки донишманди фозил Шриматӣ Шривалӣ Бҳаскар барои таҳқиқ чандин ҳикояи Меҳруннисо Парвизро аз қабили «Ошӯби зиндагӣ», «Шаби аввали сол», «Регистони чашмдори урён» ва ғайра мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода, барои тасдиқи афкораш мисолҳои ҷолибе баргузидааст, ки мо бо зикри яке аз онҳо иктифо менамоем. Мазкур зимни дида баромадани ҳикояи «Регистони чашмдори урён» иброз медорад, ки нависанда бо баёни муколамаи қаҳрамонони достон Манҷу ва Амит дар талош аст муҳитро ба тасвир бикашад. Сипас ба сифати намуна пораеро аз муколамаи миёни Манҷу ва Амит нақл менамояд: «Вах, Амит, роҳ ба роҳ ҳама ҷангал асту ҷангал. Ба назар чунон намуда истода буд, ки ҳеҷ гоҳ ба Ҷагадалпур нахоҳем расид. Вақте автобусамон дар деҳаи хурде меистод, бачаҳои хурди сиёҳи урён омада, қатор меистоданд. Дар чашмони онҳо як чизи аҷоиберо дидам, ҳамон тавре ки дар осорхона ҳангоми дидани чизҳои аҷиб дар чашми кас ҳайрат пайдо мешавад» [44, 246].

Дар поёни ин зерфасл бояд хотиррасон намуд, ки муколама дар осори мансур гоҳо вусъату густариши доманадоре пайдо менамояд ва дар зимн вижагиҳои дигареро доро мешавад. Ба ин маънӣ, ки муколама дигар иборат аз гуфтугӯи ду нафар нест, балки ба навиштаи муҳаққиқон ба дидгоҳҳои хос ё «идеология» табдил мешавад. Ин масъала махсусан дар таҳқиқоти назариявии муҳаққиқи рус М. М. Бахтин ташреҳу баёни хосе дорад.

Ба ақидаи номбурда, муколама дар як осори ҳунарӣ танҳо роҳи шинохту маърифати шахсият ва ҷаҳони ботинии ӯ нест, балки шароиту фазои муносибест, ки дар қаламрави он дидгоҳҳо, идеяҳои шахсиятҳо зиндагӣ мекунанд. Ба ақидаи Бахтин «Идея дар танҳоӣ ва дар шуури фардии инсон зиндагӣ намекунад. Танҳо дар домони шуур аст, ки идея зода мешавад ва мемирад. Зиндагии тозаи идея замоне оғоз мешавад, ки ба идеяҳои дигари ноошно робитаву тамоси қобили мулоҳиза пайдо мекунад. Ба дигар сухан шакл мегирад, рушд мекунад, сурати каломӣ ё вожагонии хешро пайдо месозад, бозсозӣ менамояд ва зуҳури идеяҳои тозаро сабабгор мегардад» [64, 146-147].

Муҳаққиқ идеяро як падидаи зиндаву барҷаста медонад, ки вуҷудаш бастагӣ ба муносибати муколамаҳо ва шууру огоҳиҳои чандист.

Бояд таъкид намуд, ки дар осори хеш Бахтин ба навъҳои гуногуни муколама мисли «микрополемика» ё (хурдмуколама), «муколамаи мастур» ё пинҳон ишорат менамояд.

«Муколамаи хурд» аз нигоҳи Бахтин ин муколамаи дарунӣ ё ботинии инсон аст, ки дар ҷараёни он садои ботини ӯ як ҷо бо дигар садоҳо, ки маҳсули саҳнаҳои зистӣ мебошанд ба ҷунбиш меояд, бо бархе аз садоҳо мувофиқат менамояд, бо гурӯҳе муборизa мекунад ва барои худ натиҷа мегирад. Ин ҷанбаро мо дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ниҳоят неруманд мебинем.

Барои собит сохтани ин масъала намунаеро аз ҳикояи «Ҳеҷ кас» интихоб кардаем. Қаҳрамони ҳикоя барои он ки дар зиндагии баъдӣ тасмими ниҳоӣ бигирад, ҷузъиёти муколамаашро бо қаҳрамони дигар Вивек дар зеҳн таҷдид мекунад. Махсусан муколамаеро, ки барои нахустин бор дар китобхона сурат гирифта буд: «Гӯш кун Шубҳда, ҳар як одам баъди 21- солро пурра кардан, ҳуқуқ дорад, ки зиндагиашро ба тарзу ихтиёри худ бисозад. Як танҳо ту ҳастӣ, ки худро ба ихтиёри хонаводаатон супоридаӣ, – ба китфи ӯ даст гузошта, гуфта буд Вивек. – Ин ғалат аст, ки бори як оилаи калон бар дӯши ту бошад, дар сурате, ки масъулияти туро ба уҳда гирифта наметавонанд. Ту бояд аз чунин хонавода ҷудо шавӣ, набошад, дер мешавад» [38, 32].

Қаҳрамони асар пас аз шунидани ин бахши гуфтугузор таъмини онро дар ҳолу ҳавои худ баён месозад. Ба назар чунин мерасад, ки ин тасвири нависанда аст, вале ин ҳамон «муколамаи мастур» ё садои зеҳнии қаҳрамон аст, ки дар ҳикояи болоӣ бо шарҳи зер аст: «Ӯ бошад, дар ҷояш шах шуда монд. Тоб хӯрда ба чеҳраи Вивек нигарист, рангу рӯяш шукуфтаю равшан буд. Бо нӯги туфлиаш як пораи чизи дар заминафтодаро зада, ба Шубҳда нигарист: - «Боҷуръат бош, ғуссаро бо лагад зан, маълум аст, ки то ҳол чизе ҳаст? Ғаму ғусса ба ту зарба зада истодааст. Ту бояд барои зиндагии худ кӯшишҳо кунӣ. Касоне, ки дидаю дониста ҳуқуқу озодиҳои туро поймол мекунанд, ту бояд аз онҳо дур шуда худро наҷот диҳӣ» [38, 32].

Дар ҳикоя бад-ин минвол пас аз таҷдиди гуфтаҳои айнии Вивек гуфтугӯҳои пинҳонӣ торафт ба садо дармеоянд ва ҷаҳони андеша, шеваи ҷаҳоншиноҳтӣ, ҳадафу мароми қаҳрамон боз мешавад ва ҳикоя ба поёни матлуби худ мерасад.

Ҳамин тавр, нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ниҳоят бузургу арзишманд аст. Агар дар ҳикояҳои ӯ мо зиддияту дилчаспӣ, кашандагӣ, умқу паҳнои андеша, фалсафаи хосе эҳсос мекунем, ҳамаи он маҳсули вуҷуди муколамаҳо мебошанд.

Маҳз муколамаҳо ҳастанд, ки бо бархӯрди муштарак заруриятҳои зеҳни ҳамдигарро ба кор меандозанд, ба зеҳн имкони зояндагӣ, бозтавлид, баёни фалсафӣ медиҳад, гом ба гом ҳадафи аслии нависандаро пайдову диданӣ менамоянд.

ХУЛОСА

Камолу пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ вобастаи вуҷуди қавму миллатҳое мебошад, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд. Рукну пояи аслӣ дар ин миён фарҳангу адабиёт аст, ки муаррифсозу нишонгари сатҳу дараҷаи фарҳангу тамаддун ва ҷаҳоншинохтии як миллат аст. Тавре ки таърих гувоҳ аст, миллату халқиятҳои ҷаҳон ҳамеша ба шинохти мазоҳири зиндагии якдигар эҳтиёҷу ниёз доштаанд. Дар тӯли замон рафъи ин риштаи ниёзмандиҳои конуни ҳастӣ ба дӯши адабиёт, нависандагону шоирон будааст. Бар асоси ин ҷанбаҳо дар рисола ҷараёни зиндагӣ ва масири эҷодии нависандаи машҳури муосири Ҳинд Меҳруннисо Парвиз мавриди баррасӣ қарор гирифт. Меҳруннисо Парвиз намояндаи насле аз адибон аст, ки замону зуҳуру ташаккулёбӣ ва камолу пешрафташ дар арсаи офаринишу эҷод ба даврони озодии Ҳиндустон мусодиф аст. Дар бахшҳои пешини таҳқиқ хотирнишон гардид, ки касби озодиву истиқлол баъди дусад соли ғуломиву мустаъмарӣ барои мардуми Ҳиндустон рухдоди бузурги таърихӣ буд. Бо фарорасии озодӣ марҳилаи тозае дар зиндагии мардум, соҳоти иҷтимоӣ оғоз гардид. Ин падидаи сарнавиштсоз ба таври умум риштаи адабиётро ҳам фарогир шуд. Насли наверо аз ҷумлаи шоирону нависандагон рӯйи кор овард, ки бо маҳорату истеъдод ва имконоти зеҳниву ҳунарии хеш маҷрои адабиётро дигаргун сохтанд. Перомуни корномаи нависандагони даврони истиқлол таҳқиқоту пажӯҳишҳои пуршуморе анҷом шуда, вале номи Меҳруннисо Парвиз бо вуҷуди он ки яке аз чеҳраҳои таъсиргузори адабиёти муосир аст, аз мадди назари муҳаққиқони адабиёт дур мондааст. Бо шумори ин ки дар ҳиндшиносии тоҷик ба ҷуз маълумотҳои мухтасар таҳқиқи қобили мулоҳизае сурат нагирифтааст, дар бахши нахусти рисола шарҳи ҳоли мухтасари нависанда, муҳимтарин шохисҳои ҷараёни зуҳуру шаклгирии мавсуф ҳамчун шахсияти адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Хулосаҳое, ки зимни арзёбии осори нависанда ба даст омадаанд, ба шарҳи зер аст:

1. Дар рушду камоли нависандагии Меҳруннисо Парвиз нақши хонавода, махсусан падар ва китобхонаи ӯ, муҳити адабии замон ва даврони кор дар рӯзномаҳо муҳимму пураҳамият аст. Меҳруннисо Парвиз ҳамчун нависандаи ҳикоянавис дар даврони пас аз истиқлол шакл гирифтааст [8-М].

2. Инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ, махсусан бозтоби вазъияти занон, фақру нодории табақаҳои поёнӣ аз мавзуоти калидии ҳикояҳои нависанда ба шумор рафта, ӯ бо такя ба муҳити зист ва мардуми маҳаллӣ ва ашёву мавҷудоти атрофашон забони хосе офаридааст [5-М].

3. Дар матни ҳикояҳо ҳузури пинҳону ошкори шахси нависанда эҳсос мегардад. Ровӣ ё шахси нависанда ба ҳама рухдоду воқеаҳои мавриди тасвир бинишу диди вижа дорад ва ҳадафи ӯ асосу бунёди асарро ташхис мекунад [7-М].

4. Реализм ва воқеъгароӣ шеваи маъмули нависандагии Меҳруннисо Парвиз ба шумор меояд. Ӯ ин мақсадро ба пеш кашидани мазоҳири рӯзгори қаҳрамонон, тавсифи ашё, манзараҳои табиат, таъкид ба аносири муҳит ва конуни зисти бозигарони аслӣ анҷом медиҳад [4-М].

5. Таваҷҷуҳ ба расму сунати мавҷуд, урфу одатҳои решадор дар зеҳнияти мардум ва боварҳо вижагии сабки нигориши Меҳруннисо Парвиз маҳсуб мешавад. Устувории бархе аз анъанаҳову боварҳо ӯро ба андеша вомедорад, барои рафъи мушкилот пешниҳод ироа менамояд [5-М].

6. Меҳруннисо Парвиз дар ҳикояҳои хеш мекӯшад вазъи равонии қаҳрамононро ба гунаи лозим мунъакис сохта, дунёи ботинии онҳоро бозхонӣ кунад. Тасвири таҳмилҳои равонӣ-психологӣ, махсусан дар ҳикояҳои «Нахли бесамар» / «Сукҳӣ байрӣ», «Оҳуи ҷангалӣ» / «Ҷангалӣ ҳирнӣ», «Ошӯби зиндагӣ» / «Ҷиванмантҳан», «Қабри панҷум» / «Панчвин қабр» бисёр ҷазобу неруманд аст [7-М].

7. Меҳруннисо Парвиз аксар барои баёни ҳадафи аслӣ аз манозири табиат ва таъини нақши онҳо дар рӯзгори инсонӣ кор мегирад. Мусаллам аст, ки манзури вай нишон додани нақкошӣ аз табиат нест, балки мехоҳад, сангинии шароити маҳалли сукунат ё конуни зисти эшонро нишон диҳад [8-М].

8. Тасвиру тарҳи масъалаву мушкилоти иҷтимоӣ дар таълифоти мавсуф бо арзёбии мавзуи зану ҷойгоҳи он дар бистари ҷомеа маҳдуд намегардад, балки Меҳруннисо Парвиз аз зовияи дунёи зан мехоҳад ба манзари бекаронаи ҳастӣ, мушкилоти мухталифи ҷомеаи инсонӣ, шеваҳои бинишу дунёнигарии инсонҳо, бархӯрди онҳо ба проблемаҳои маконию замонӣ ва ҷараёни пешрафти ҷаҳонӣ назар афканад [1-М; 2-М; 3-М].

9. Тарҳу арзёбӣ ва инъикоси бадеии масоили хонавода, муҳити хонавода, муносибати миёни волидайну фарзандон, нақши фазову муҳити хонавода дар рушду камоли маънавӣ, ахлоқӣ ва зеҳнияти фарзандон яке аз мавзуъҳои асосии ҳикояҳои нависанда ба шумор меравад [4-М;5-М].

10. Аксари ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ҷанбаи неруманди зебошинохтӣ доранд. Вижагиҳо ва унсурҳои зебошинохтии ҳикояҳо дар шеваҳои корбурди тасвиру тавсифҳо, чеҳрапардозӣ, фазосозӣ, бозтоби замон, усулҳои таърихият, корбурди шеваҳои равонковона зоҳир мегардад [7-М; 8-М].

11. Корбурди муколама, махсусан муколамаҳои ботинӣ хусусияти барҷастаи ҳикояҳои Меҳруннисо Парвизро ташкил медиҳанд. Аксар муколамаҳо дар матни ҳикояҳои нависанда вусъати беандоза касб мекунанд. Тавассути онҳо шинохти шахсияту ҷаҳони ботинии қаҳрамонон сурат мегирад [7-М;].

12. Нақши Меҳруннисо Парвиз дар пешрафти адабиёти муосири Ҳинд, махсусан насри муосир бисёр арзишманд аст [8-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ

Аз таҳқиқу баррасиҳои анҷомшуда метавон натиҷагирӣ карда мешавад, ки то кунун дар ҳиндшиносии тоҷик дар атрофи зиндагиву осори нависандаи адабиёти муосири ҳиндӣ Меҳруннисо Парвиз пажуҳиши монографие анҷом дода нашудааст. Дар ҳиндшиносии тоҷик диссертатсияи мо нахустин кори мукаммале дар атрофи зиндагиву осор ва фаъолияти эҷодиву иҷтимоии Меҳруннисо Парвиз буда, шеваи ҷаҳоншинохтӣ ва ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвизро дар тарҳу бозтоби бадеӣ-адабии мазоҳири зиндагӣ, воқеияти айнӣ ва шинохти симои ҷомеаи имрӯзӣ мунъакис менамояд.

Дар баробари ин, дастовардҳои илмӣ, хулоса, дурнамои мавзуъ ва истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро ба тариқи зайл матраҳ намудан мумкин аст:

- Диссертатсия дар таҳқиқу пажуҳиши адабиёти муосири ҳиндӣ пас аз соҳибистиқлоли Ҳиндустон барои ҷомеаи адабии тоҷик васоити хубе буда метавонад.
- Диссертатсия ба муҳаққиқони ҳиндшинос ва ҳаводорони адабиёти ҳиндӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои жанри ҳикоя дар адабиёти муосири ҳиндӣ мусоидат карда метавонад.
- Диссертатсияи дар ҷудогона мавриди омӯзиши амиқ қарор додани зиндагӣ ва осори Меҳруннисо Парвиз барои муайян кардани мавқеву ҷойгоҳи вай дар адабиёти муосири ҳиндӣ муҳим шуморида мешавад.
- Тарҷумаи осори адибони шинохтаи ҳиндӣ аз забони асл – ҳиндї ба забони тоҷикӣ, таҳқиқи густардаи мавзуву мундариҷоти адабиёти имрӯзаи ҳиндӣ барои ҷомеаи фарҳангии тоҷик арзиши муҳим доранд.
- Маводи дар диссертатсия гирдовардашуда барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти ҳиндӣ, нақди адабӣ, курс ва семинарҳои тахассусии бахшҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.
- Дар осори адибони ҳиндӣ панду ҳикмат, мақолу зарбулмасалҳои халқӣ, ривояту достонҳои қадима таҷассуми бориз пайдо намудаанд, ки ин паҳлуи эҷодиёти

онҳоро метавон дар ҷараёни таълими фанҳои таърихи адабиёти ҳиндӣ, таърихи адабиёти классикии тоҷик, фолклори кишварҳои Ҳинд фаровон истифода намуд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

I. Сарчашмаҳо

а) ба забони ҳиндӣ

1. ओम्प्रकाश सिंह. हिन्दी साहित्य का इतिहास / ओम्प्रकाश सिंह (पहला संस्करण). नई दिल्लीः प्रकाशन संस्थान. –2007. – 612 पृ. (Омпракаш Синҳ. Ҳиндӣ саҳитя ка итиҳас. Паҳла санскар. – Наӣ Диллӣ. Пракаш Санстҳан).

2. ओम्प्रकाश. हिन्दी - अलंकार - साहित्य / ओम्प्रकाश. दिल्लीः भारती साहित्य मन्दिर. – 1999. –267 पृ. (Омпракаш. Ҳиндӣ-аланкар-саҳитя. – Деҳлӣ. Бҳартӣ саҳитя мандир).

3. कमलेश्वर. नयी कहानी की भूमिका / कमलेश्वर. दिल्ली: अक्षर प्रकाशन - 1969. – 211 पृ. (Камлешвар. Наӣ каҳанӣ кӣ бҳумика. – Диллӣ. Акшар пракашн).

4. किशोर लाल गुप्त. हिन्दी साहित्य के इतिहासों का इतिहास / किशोर लाल गुप्त (पहला संस्करण). साहिबाबदः दि. भू. प्रकाशन. – 1978. –205 पृ. (Кишор Лал Гупта. Ҳиндӣ саҳитя ке итиҳасон ка итиҳас. паҳла пракашн. – Саҳибабад. Дӣ. Бҳӯ. Пракашн).

5. कृष्णदेव प्रसाद गौड. हिन्दी साहित्य की रूपरेखा / कृष्णदेव प्रसाद गौड (चौथा संस्करण).. कानपुरः विद्य मंदिर. – 1962. –134 पृ. (Кришнадев Прасад Гҳоуд. Ҳиндӣ саҳитя ки рӯпрекҳа. – Канпур. Видя Мандир).

6. कृष्णवल्लभ जोशी. हिन्दी साहित्यशास्त्र की भूमिका / कृष्णवल्लभ जोशी. इलाहाबादः वसुमती प्रकाशन. – 1973. –163 पृ. (Кришнабалабҳ Ҷошӣ. Ҳиндӣ саҳитя ки бҳӯмика. – Илаҳабад. Васуматӣ Пракаш).

7. कृष्णा अग्निहोत्री. स्वातंत्र्योत्तर हिंदी कहानी / कृष्णा अग्निहोत्री. दिल्ली: इंद्रप्रस्थ प्रकाशन - 1983. – 255 पृ. (Кришна Агниҳотрӣ. Сватантротар ҳиндӣ каҳанӣ. – Диллӣ. Индрапрасатҳ Пракашн).

8. क्षेमचंद्र सुमन. हिन्दी साहित्य को आर्यसमाज की देन / क्षेमचंद्र सुमन. दिल्लीः मधुर प्रकाशन. –1970. –99 पृ. (Кшемчандр Суман. Ҳиндӣ саҳитя ко арясамаҷ кӣ ден. – Диллӣ. Мадҳур Пракашн)

9. गाँर्डर चार्ल्स रोडरमल. हिंदी कहानीः अलगाव का दर्शन / गाँर्डर चार्ल्स रोडरमल. नई दिल्ली: अक्षर प्रकाशन - 1982. – 171 पृ. (Гандр Чарлс Родармал. Ҳиндӣ каҳанӣ: Алгав ка даршан. – Наӣ Диллӣ. Акшар Пракашн).

10. गुर्ती सुब्रह्मणय. हिन्दी साहित्य समीक्षा/ गुर्ती सुब्रह्मणय (पांचवां संस्करण). प्रयागः हिन्दी साहित्य सम्मेलन. –2006. –218 पृ. (Гуртӣ Субраҳаманя. Ҳиндӣ саҳитя самикш. (панчвин пракашн) - Праяг: Ҳиндӣ саҳитя саммелан).

11. चित्र मुद्गल., सुरेंद्र अरोड़ा. टूटते परिवार की कहानियां / चित्र मुद्गल., सुरेंद्र अरोड़ा. दिल्लीः प्रभात प्रकाशन - 1988. – 203 पृ. (Читр Мадгал. Сурендр Арора. Тутте вичар ки каҳаниян. – Диллӣ: Прабҳат Пракашн).

12. जयनारायण मंडल. हिन्दी साहित्य की रूपरेखा / जयनारायण मंडल. दिल्लीः राजकमल प्रकाशन. – 1970. –114 पृ. (Ҷайнараян Мандал. Ҳиндӣ саҳитя ки рӯпрекҳа. – Диллӣ: Рачкамал Пракашн).

13. जाहिदा जबीन, जौहरा अफ़ज़ल, मेहरून्निसा परवेज़ और उनका कहानी संसार. – नई दिल्ली: मोहित पब्लिकेशन्स. –2003. 152 पृ. (Заҳида Ҷабин. Зоуҳра Афзал. Меҳрунниса Парвез оур унка каҳанӣ сансар. – Наӣ Диллӣ: Моҳит Пабликешн.).

14. धर्मपाल सरीन. हिन्दी साहित्य और स्वधीनता-संघर्षः- भारतीय स्वतंत्रता आन्दोलन का हिंदी साहित्य की विभिन्न विधाओं पर पड़े प्रभाव का दिग्दर्शन / धर्मपाल सरीन. नयी दिल्लीः आर्य बुकक डिपो. –1973. – 159 पृ. (Дҳармпал Сарин. Ҳиндӣ саҳитя оур свадҳинта сангҳарш: - Бҳаратия сватантрата андолан ка ҳиндӣ саҳитя ки вибҳинна видҳаон пар паре прабҳав ка дигдаршан. – Наӣ Диллӣ:)

15. धर्मेन्द्र गुप्त. आज की कहानीः सही जमीन की तलाश / धर्मेन्द्र गुप्त. नई दिल्लीः पीयूश प्रकाशन - 1980. – 112 पृ. (ҳармендр Гупта. Ач кӣ каҳанӣ: Саҳӣ замин кӣ талаш. – Наӣ Диллӣ: Пиюш Пракашн).

16. नरेंद्र भाममावतत. हिन्दी साहित्य की प्रममुख कृतियां और कृतिकार / नरेंद्र भाममावतत. जयपुरः अनुपम प्रकाशन. –1969. –307 पृ. (Нарендра Бҳаммаватат. Ҳиндӣ саҳитя кӣ прамукҳ критиян оур критикар. – Ҷайпур: Ануман Пракашн).

17. नरेन्द्र मोहन. समकालीन कहानी की पहचान / नरेन्द्र मोहन. नई दिल्ली: प्रवीण प्रकाशन - 1978. – 135 पृ. (Нарендр Моҳан. Самкалин каҳанӣ кӣ паҳчан. Наӣ Диллӣ: Правин Пракашн).

18. नामवर सिंह. नयी कहानी / नामवर सिंह. इलाहाबादः लोकभारती प्रकाशन - 1966. – 239 पृ. (Намвар Синҳ. Наӣ каҳанӣ. Илаҳабад: Локбҳаратӣ Пракашн).

19. नीतू पी. आर. मेहरून्निसा परवेज़ की कहानियों में समकालीन स्त्री संकल्पनायें / नीतू पी. आर.. एर्नाकुलम: - 2014. – 278 पृ. (Нитӯ Пӣ. Ар. Меҳрӯнниса Парвез кӣ каҳаниён менсамкалин стрӣ санкалпна. – Эрнакулам).

20. पुनश्च (पत्रिका) विशेषांक , दिल्ली - अंक 14, जनवरी 2004, 192 पृ.(Пунашча. (патрика) Вишешанк Диллӣ-Анк 14, ҷанварӣ 2004.)

21. प्रकाशचंद्र गुप्त. नया हिन्दी साहित्यः एक भूमिका / प्रकाशचंद्र गुप्त. बनारसः सरस्वती प्रेस. –1953. –216 पृ. (Пракашчандр Гупта. Наяа ҳиндӣ саҳитя: эк бҳумика. – Банарас: Сарасватӣ Прес).

22. प्रकाशचंद्र गुप्त. हिन्दी साहित्य की जनवादी परम्परा / प्रकाशचंद्र गुप्त. इलाहाबादः किताब महल. –1953. –191 पृ. (Пракашчандр Гупта. Ҳиндӣ саҳитя кӣ ҷанвадӣ парампара. – Илаҳабад: Китабмаҳал).

23. प्रसीजा एन. एम. मेहरून्निसा परवेज़ के उपन्यासों में चित्रित स्त्री और शोषित वर्ग / प्रसीजा एन. एम. एर्नाकुलम:-2016. – - 299 पृ. (Прасиҷа н. Эм. Меҳрӯнниса Парвез ке упанясон мен читрит стрӣ оур шошит варг. – Эрнакулам).

24. भवानीलाल भारतीय. हिन्दी काव्य को आर्यसमाज की देन / भवानीलाल भारतीय. हरिद्वरः श्री स्वामी श्रद्धनंन्द अन्संधान प्रकाशन केंद्र,2000. –438 पृ. (Бҳаванилал Бҳаратия. Ҳиндӣ кавя ко арясамаҷ кӣ ден. – Ҳаридвар: Шрӣ Свамӣ Шраддҳнандан ансандҳан пракаш кендр.)

25. भैंरू लाल गर्ग. स्वातंत्र्योत्तर हिंदी कहानी में सामाजिक परिवर्तन (1950-70) / भैंरू लाल गर्ग. इलाहाबादः चिंत्रलेखा प्रकाशन - 1979. – 174 पृ. (Бҳайнрӯ Лал Гарга. Сватантротар ҳиндӣ каҳанӣ мен самаҷик паривартан. (1950-70). – Илаҳабад: Читрлекҳа Пракашн).

26. मलिक मोहम्ममद. हिन्दी साहित्य को हिन्दीतर प्रदेशसों की देन / मलिक मोहम्ममद. दिल्लीः राजपाल. –1977. –307 पृ. (Малик Моҳаммад. Ҳиндӣ саҳитяко ҳиндитар прадешасон кӣ ден. – Диллӣ: Рачпал).

27. मिथलेश रोहतगी. हिंदी की नई कहानी का मनोवैज्ञानिक अध्ययन/ मिथलेश रोहतगी. मेरठः शलभ बुक हाउस - 1979. – 333 पृ. (Митҳлеш Роҳатгӣ. Ҳиндӣ кӣ наӣ каҳанӣ ка мановайгяник адяян. – Мератҳ: Шалабҳ бук Ҳаус).

28. मिनी पी. मेहरून्निसा परवेज़ के कथा साहित्य में बदलते जीवन मूल्य / मिनी पी. पथनमथिट्टा: - 2013. – 334 पृ. (Минӣ пӣ. Меҳрӯнниса Парвез ке катҳа саҳия мен бадалте чиван муля).

29. मिनी समुअल. मेहरून्निसा परवेज़ का कथा साहित्य –एक विश्लेषणात्मक अध्ययन / मिनी सामुअल. केरल: -2001. – 300 पृ. (Минӣ Самуел. Меҳрӯнниса Парвез ка катҳа саҳитя - эк вишлешнатмак адҳяян).

30. मेहरून्निसा परवेज़ की लोकप्रिय कहानियाँ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: प्रभात पेपरबैक्स-2017 . – 183 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез кӣ локприя каҳаниян (каҳанӣ санграх). Наӣ Дилл: Прабҳат пепарбакс).

31. मेहरून्निसा परवेज़, मेरी बस्तर की कहानियाँ / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: वाणी प्रकाशन. –2006. – 240 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез, Мерӣ бастар кӣ каҳаниян. Наӣ Диллӣ: Ванӣ Пракашн).

32. मेहरून्निसा परवेज़, मेरी बस्तर की कहानियाँ / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह).. नई दिल्ली: वाणी प्रकाशन. –2008. –240 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез. Мерӣ бастар кӣ каҳаниян. Наӣ Диллӣ: Ванӣ Пракашн).

33. मेहरून्निसा परवेज़. अयोध्या से वापसी / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली:पंचशील प्रकाशन.– 250 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез. Аёдҳя се вапсӣ. Наӣ Диллӣ: Панчшил Пракашн).

34. मेहरून्निसा परवेज़. आदम और हव्वा / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: नेशनल पब्लिकेशन हाऊस. –1975. – (Меҳрӯнниса Парвез. Адам оур Ҳава. Наӣ Диллӣ: Нешнал Паблик Ҳаус).

35. मेहरून्निसा परवेज़. एक और सैलाब / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: सामयिक प्रकाशन. –1990. – 132 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез. Эк оур сейлаб. Наӣ Диллӣ:Самик Пракашн)

36. मेहरून्निसा परवेज़. कोरजा / मेहरून्निसा परवेज़ (उपन्यास). नई दिल्ली: वाणी प्रकाशन. –1977. – 231 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез. Корҷа. Наӣ Диллӣ: Ванӣ Пракашн).

37. मेहरून्निसा परवेज़. पासंग / मेहरून्निसा परवेज़ (उपन्यास). नई दिल्ली: वाणी प्रकाशन. – 2004. – 382 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез. Пасанг. Наӣ Диллӣ: Ванӣ Пракашн).

38. मेहरून्निसा परवेज़. लाल गुलाब / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: प्रभात प्रकाशन -2006 . –167 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез. Лал Гулаб. Наӣ Диллӣ: Прабҳат Пракашн).

39. मेहरून्निसा परवेज़. समर / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: ग्रंथ अकादमी. – 2002. – 159 पृ. (Меҳрӯнниса Самар. Наӣ Диллӣ: Грантҳ Академӣ).

40. मेहरून्निसा परवेज़. समरांगण / मेहरून्निसा परवेज़ (उपन्यास). नई दिल्ली: वाणी प्रकाशन. –2002. – 356 पृ. (Меҳрӯнниса Парвез. Самаранган. Наӣ Диллӣ: Ванӣ Пракашн).

41. रजेंद्र मेहरोत्र. श्याम किशोर. कहानी और कहानी. (लेख-संग्रह). इलाहाबाद. 1979. – 174 पृ. (Рачендр Меҳртр. Шям Кишор. Каҳанӣ оур каҳанӣ(Лекҳ санграх). – Илаҳабад:).

42. रजेन्द्र मेहरोत्रा, श्याम किशोर. कहानी और कहानी / रजेन्द्र मेहरोत्रा, श्याम किशोर. शाहजहांपुरः प्रतिमान प्रकाशन - 1979. – 174 पृ. (Рачендр Меҳртр. Шям Кишор. Каҳанӣ оур каҳанӣ. – Шаҳҷаҳанпур: Пратиман Пракаш).

43. राम अवध द्विवेदी. हिन्दी साहित्य के विकास की रूप-रेखा / राम अवध द्विवेदी (पहला संस्करण). इलाहाबादः भारती भंडार -1955. –227 पृ. (Рам Авадҳ Двиведӣ. Ҳиндӣ саҳитя ке викас ки рупрекҳа. – Илаҳабад: Бҳаратӣ бҳандар).

44. श्रीमती वृषाली भास्कर मधाले. मेहरून्निसा परवेज़ के कथा-साहित्य में चित्रित समस्याओं का मूल्यांकन / श्रीमती वृषाली भास्कर मधाले. कोल्हापुर:-2009. – पृ. –345 (Шриматӣ Вришалӣ Бҳаскар Мадҳале. Меҳрӯнниса Парвез ке катҳа саҳитя мен читрит самасяон ка муляван).

II. Адабиёти илмӣ

б) ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

45. Абдул Калам Азад. Индия добивается свободы [Текст] / Азад Абдул Калам. – М.: Изд. иностран. лит., 1961. – 200 с.
46. Абдуллоев, А., Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали XII [Матн] / А. Абдуллоев, С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 264 с.
47. Абдулҳамид, С. Шохи чанор. [Матн] / С. Абдулҳамид. – Душанбе: Ирфон, 1981. –126 с.
48. Акбаров, Ю. Сохтор ва сюжети асарҳои бадеӣ [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 23 с.
49. Али, Сафи. Занимательные рассказы [Текст] / Сафи Али. – Душанбе: Ирфон, 1985. –155 с.
50. Антонов, К. А. История Индии [Текст] / К. А. Антонов, Г. М. Бонгард-Левин, Г.Г. Котовский – Москва: Мысль, 1973. – 558 с.
51. Антонов, С. Я читаю рассказ [Текст] / С. Антонов. – М.: Молодая гвардия, 1973. – 256 с.
52. Асозода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1991. – 128 с.
53. Асозода, Х. Содиқ Ҳидоят ва дунёи эҷодии ӯ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе, 2007. – 155 с.
54. Асозода, Х. Становление крупных жанров [Текст] / Х Асозода. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 208 с.
55. Асозода, Х. Чеҳраҳо [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Адиб, 1996. – 206 с.
56. Отахон, С. Ҷону чаҳони наср [Матн] / С. Отахон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 538 с.
57. Атоӣ, Зулфия. Ахтари чархи адаб [Матн] / Зулфия Атоӣ. – Душанбе, 2004. – 62 с.
58. Бақозода, Ҷ. Абдулҳамид Самадов ва инкишофи ҳикоя [Матн] / Ҷ. Бақозода – Душанбе: Эҷод, 2007. – 152 с.

59. Бақозода, Ҷ. Адулҳамиди Самад ва инкишофи ҳикоя [Матн] / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 168с.
60. Балин, В.И. В защиту угнетённых, страдающих, обездоленных [Текст] // Сб. «Искры не угасли»: Новеллы писателей Индии. – М., 1969.
61. Балин, В.И. Премчанд-новеллист [Текст] / В.И. Балин. – Л.: Ленинград. Ун-та, 1973. –163 с.
62. Балин, В.И. Современный герой в литературе хинди [Текст] //Мир велик: Новеллы писателей хинди. – М.: Наука, 1975. – 134 с.
63. Баранников, А.П. Индийская филология [Текст] //Литературоведение. – М.: Изд-ст. лит., 1959. – 334 с.
64. Бахтин, М. М. Проблемы поэтики Достоевского [Текст] / М. М.Бахтин Киев: «Next» 1994. – 511 с.
65. Белинский, В. Г. Полное собрание сочинений. Ч. Vl [Текст] / В. Г. Белинский. – М.: «Издательство Академии наул СССР», 1955. – 798 с.
66. Белинский, В.Г. Чанд мақола [Матн] / В.Г. Белинский. – Салинобод: Нашрдавтоҷик., 1961.
67. Белинский, В.Г. Соб. соч. – М. – Л., 1953.
68. Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт. – нашри дуюм бо ислоҳоту иловаҳо [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1977. – 320 с.
69. Богданов, Ф. Новелла в современных литературах махараштры, гуджарата и Пенджаба [Текст] // Таджмахал: Новеллы современных писателей Индии. – М.,1964. – 246 с.
70. Виноградов, В. В. О языке художественной литературы [Текст] / В. В. Виноградов. – М.: Гослитиздат, 1959. – 654 с.
71. Виноградов, В. В. Проблемы авторства и теория стилей [Текст] / В. В. Виноградов. – М.: Худож. лит., 1967. – 614 с.
72. Виноградов, В. В. Стилистика. Теория поэтической речи. Поэтика [Текст] / В.В. Виноградов. – М.: Изд-во Акад. Наук СССР, 1963. – 255 с.

73. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷ [Матн] / Р. Гаффоров. – Душанбе, 1996. – 226 с.
74. Гордон, Л. Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана [Текст] / Л. Р. Гордон. – М.: Гослитиздат,1976. – 234 с.
75. Гирирач, Кишор. Ҳикояҳои гулчин [Матн] / Кишор Гирирач. – Деҳлӣ:. – Прабҳат пракашн. – 250 с.
76. Гулрухсор. Занони сабзбаҳор (роман) [Матн] / Гулрухсор. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 312 с.
77. Донишномаи ҷаҳони ислом. Ҷилди 11. Мадхали хурофот аз Иброҳим Мусопур [Матн]. – Теҳрон, 1392. – 500 с.
78. Дремов, А.Н. О художественном образе. Советский писатель [Текст] / А.Н. Дремов. – Москва, 1936. – 324 с.
79. Жирмунский, В.М. Теория стиха [Текст] / В.М, Жирмунский. Л.: – Советский писатель, 1975. – 664 с.
80. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Сталинобод, 1960. – 258 с.
81. Из истории советский эстетический мысли [Текст]. 1917-1932. – М.: Искусство, 1980. – 454 с.
82. Индия 1973 [Текст] // Ежегодник. – М. Наука, 1985. – 376 с.
83. История индийских литератур // Перевод с английского. – М.: Прогресс, 1964. – 808 с.
84. Камалиддинов Б. О языке и стиле рассказов Хакима Карима [Текст] // Автореферат. – Душанбе, 1966.
85. Карл, Г.Ю. Конфликты детской души [Текст] / Изд. Канон Формат: DOC. 1997. – 336 с.
86. Корман, Б. О. Изучение текста художественногопроизведения [Текст] / Б. О. Корман. – Москва: «Просвещение», 1972. – 110 с.
87. Крамов, И.Н. В зеркале рассказа [Текст] / И.Н. Крамов. – М.: Советский писатель, 1979. – 296 с.

88. Краткая история литератур Индии [Текст] // Курс лекций. – Л. Изд-во ЛГУ, 1974. –147 с Критический реализм XX века и модернизм // Сб. статей. –М.: Наука, 1967. – 286 с.
89. Культура современной Индии. – М.: Наука, 1966. – 215 с.
90. Лашкин, В. Толстой и Чехов [Текст] / В. Лашкин. – М.: Советский писатель, 1975. – 456 с.
91. Лотман, Ю.М. О поэтах и поэзии: Анализ поэтического текста [Текст]. Санкт-Петербург: Искусство-СПб, 1996. – 846 с.
92. Манучеҳри Ҳақиқӣ. Мафоҳими воқеъгароӣ дар адабиёт [Манбаи электронӣ] http://ltr.atu.ac.ir/
93. Маҳмуд, Ибодиёт. Даромаде бар сабкшиносии адабиёт [Матн] / Ибодиёт Маҳмуд. – Теҳрон, 1372. – 125 с.
94. Мирзоҳасанов, Л. Ҳусни табиат дар шеъри сабки хуросонӣ [Матн] / Л. Мирзоҳасан. – Душанбе, 2010. – 164 с.
95. Мунико, Вуд. Тавсиф дар достон [Матн] / Вуд Мунико. – Теҳрон: Нашри расиш, 1388. –152
96. Муҳаммадҷон, Ш. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX [Матн] / Ш. Муҳаммадҷонов. –Душанбе, 2006. – 455 с.
97. Муҳаммадҳодӣ, Маҳмудӣ. Равишшиносии нақди адабиёти кудакон [Матн] / Маҳмудӣ Муҳаммадҳодӣ. – Теҳрон: Сукут 1378. – 355 с.
98. Муродов, Ф. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамосаи Гӯрғулӣ [Матн] / Ф. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 300 с.
99. Мушарраф, Марям. Шеваномаи нақди адабӣ [Матн] / Марям Мушарраф. Теҳрон, 1387. – 204 с.
100. Назрӣ, Ҷ. Родмарди андеша ва ҳунар [Матн] / Ҷ. Назрӣ. – Душанбе, 2007. – 203 с.
101. Неъматулло, Иронзода. Баррасии сабкии романи «Солҳои абрӣ»-и Алиашраф Дарвешиён [Манбаи электронӣ] http://www.SID.ir

102. Нинов, А. Современный рассказ [Текст] / А. Нинов. – М.: Художественная литература, 1969. – 287 с.
103. Новинков, В. А. Бенгальская новелла. Беглецы, рассказы бенгальских писателей [Текст] / В. А Новинков. – М.: Ленинград, 1969. – 144 с.
104. Нурова, М. Ҳикояҳои Камлешвар чун намунаи насри адабиёти муосири ҳиндӣ [Матн] / М. Нурова. – Душанбе: «Сунатулло», 2007. – 160 с.
105. Поспелов, Г.Н. Теория литературы [Текст] / Г. Н. Поспелов. – М.: Высшая школа, 1978. –245 с.
106. Раджабов, Х. Направление «Нового рассказа» в литературе хинди [Текст] // Известия АН ТаджССР. – Серия ООН. –1978. –№1. – С.88-93.
107. Раджабов, Х. Новеллистика Мохана Ракеша [Текст] / Х. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 162 с.
108. Рачабов, Ҳ. Премчанд (нашри аввал) [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: Сино, 1995. – 110 с.
109. Раджабов, Х. Проблемы развития современного рассказа хинди в журнале [Текст] «Наи каханиян». – (1965-1970).
110. Раджабов, Х. О поэтическом языке рассказов Мохана Ракеша [Текст] // Известия АН Тадж ССР. – Серия ООН. –1989. –№2. – С 44-52.
111. Раджабов, Х. Мохан Ракеш-новеллист [Текст] // Памир. –1985. –№8. – С. 75.
112. Рачабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав (нашри дуюм) [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 540 с.
113. Рачабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав (нашри якум) [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 496 с.
114. Рачабов, Ҳ. Ин аст Ҳиндустон [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: Хирад, 2007. – 302 с.
115. Рачабов, Ҳ. Пҳанишварнатҳ Рену [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 120 с.

116. Рачабов, Ҳ. Премчанд ва Иқбол [Матн] / Ҳ. Рачабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №4/4 (206). – С.184-190.
117. Рачабов, Ҳ. Равиндранатҳ Тҳакур [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2012. – 335 с.
118. Рачабов, Ҳ. Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: Статус, 2001. – 272 с.
119. Рачабов, Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанб: Пайк, 1998. – 176 с.
120. Раҳматуллоева, З. А. Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии ҳикояҳои Рачендра Ядав (монография) [Матн] / З. А. Раҳматуллоева. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 128 с.
121. Раҳмонӣ, Р. Маданияти ориоӣ [Матн] / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе, 2006.
122. Рачабов, Ҳ. Ҳикояҳои ҳиндӣ [Матн] / Ҳ. Рачабов. –Душанбе, 2002. – 199 с.
123. Рачабов, Ҳ. Премчанд (нашри дуввум) [Матн] / Ҳ. Рачабов. – Душанбе: Истеъдод, 2015. – 216 с.
124. Руковицын, М. М. Субъективные и объективное в пейзаже Пришвина [Текст] // Сборник научных трудов (Пейзаж как развивающаяся форма воплощения автроской концепции). – М., 1984. – 340 с.
125. Сартр, Ж. П. Что такое литература? [Текст] / Ж. П. Сартр. – Мн.: ООО «Попурри», 1999. – 111 с.
126. Саъдиев, С. Мазмун ва шакли асари бадеӣ [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 22 с.
127. Сенкевич А.Н. В поисках новых путей [Текст] // На ступеньках в солнцепёк. Рассказы писателей хинди. – М.: Наука, 1978. – 229 с.
128. Серебряков И.Д. Введение [Текст] // Современный индийский рассказ. – Ташкент: Изв-во лит. и искусство, 1958. – 215 с.
129. Серебряков, И.Д. Литературы народов Индии [Текст] / И. Д. Серебряков. – М.: Высшая школа, 1985. – 304 с.

130. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он (маҷмуаи мақолот) [Матн] / Ш. Солеҳов – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.
131. Табаров, С. Адабиёи муосири Советӣ (кисми 1) [Матн] / С. Табаров. – Душанбе, 1984. – 78 с
132. Тамарченко, Н. Д. Теоретическая Поэтика: понятие и определение (хрестоматия) [Текст] / Н. Д. Тамарченко. – Москва: РГГУ, 1999. – 286 с.
133. Тимофеев, Л.И. Основы теории литературы [Текст] / Л.И. Тимофеев. – М., 1970. – 320 с.
134. Тимофеев, Л.И. Основы теории литературы [Текст] / Л.И. Тимофеев. – М.: Наука, 1976. – 280 с.
135. Тимофеев, Л.И. Советская литература. Метод, стиль, поэтика Советский писатель [Текст] / Л.И. Тимофеев. – М., 1946. – 324 с.
136. Томашевский, Б.В. Теория литературы. Поэтика [Текст] / Б.В, Томашевский. – М: Аспект Пресс, 1996. – 334 с.
137. Успенский, Б. А. Поэтика композиции [Текст] / Б. А. Успенский. – М.: Издательство «Искусство», 1970. – 225 с.
138. Фарзод, Абдулҳусайн. Дар бораи нақди адабӣ [Матн] / Абдулҳусайн Фарзод. Теҳрон: Нашри Қатра. – 310 с.

в) ба забони ҳиндӣ

139. रामचंद्र तिवारी. हिंदी उपन्यास. / रामचंद्र तिवारी. – वाराणसी: विश्वविद्यालय प्रकाशन. – 2006. – 204 पृ. (Рамчандр Тиварӣ. Ҳиндӣ Упаняс. – Варанасӣ: Вишвавидялай Пракашн).
140. रामलखन पाण्डेय. तुलसीदाससोत्तर हिन्दी राम-साहित्य / रामलखन पाण्डेय (पहला संस्करण).. इलैहाबादः अभिनव भारती, 1972. 288 पृ. (Рамлакҳан Пандей. Тулсидасотар ҳиндӣ Рамсаҳитя. – Илайҳабад: Абҳинав Бҳаратӣ).

141. राहबर हंसराज. आवाद के बाद उर्दू कहानी. दिल्लीः आजकल. 1958. –पृ. (Раҳбар Ҳансраҷ. Авад ке бад урдӯ каҳанӣ. – Диллӣ: Аҷкал).

142. लक्ष्मदत्त गौतम. आधुनिक हिंदी-कहानी - साहित्य में प्रगति - चेतना / लक्ष्मदत्त गौतम. दिल्ली: कोणार्क प्रकाशन, 1972. – 544 पृ. (Лакшдат Гоутам. Адҳуник ҳиндӣ каҳанб - саҳитя мен прагатӣ - четна. – Диллӣ: Конарк Пракашн).

143. लक्ष्मी सागर वार्ष्णेय. आधुनिक हिन्दी साहित्य की भूमिका / लक्ष्मी सागर वार्ष्णेय (द्वितीय संस्करण). इलाहाबादः लोकभारती प्रकाशन. – 1966. –516 पृ (Лакшмӣ Сагар Варшной. Адҳуник ҳиндӣ саҳитя кӣ бҳумика. – Илаҳабад: Локбҳаратӣ Пракашн).

144. विजयमोहन सिंह. आज की कहानी / विजयमोहन सिंह. नई दिल्ली: राधाकृष्ण प्रकाशन - 1983. – 155 पृ. (Виҷаймоҳан Минҳ. Аҷ кӣ каҳанӣ. Наӣ Диллӣ: Радҳакришна Пракашн).

145. विद्यधर शुक्ल. हिंदी आलोचना और आज की कहानी / विद्यधर शुक्ल. इलाहाबादः चिंत्रलेखा प्रकाशन - 1978. – 184 पृ. (Видядҳар Шукла. Ҳиндӣ алочна оур аҷ кӣ каҳанӣ. – Илаҳабад: Чинтралекҳа Пракашн).

146. शम्भुनाथ सिंह. हिन्दी काव्य की सामाजिक भूमिका / शम्भुनाथ सिंह (पहला संस्करण).वाराणसीः चौखम्बा भवन. –1966. –208 पृ. (Шамбҳунатҳ Синҳ. Ҳиндӣ кавя кӣ самаҷик бҳумика.(паҳла санскар). – Варанасӣ: Чоукҳамбҳа бҳаван).

147. सदानंद्र प्रसाद गुप्त. हिन्दी साहित्य विविध परिदृश्य / सदानंनद्र प्रसाद गुप्त. वाराणसीः विश्विद्यालय प्रकाशन. –2001. –155 पृ. (Саданандра Прасад Гупта. Ҳиндӣ саҳитя вивидҳ париддашя. Варансӣ: Вишвавидялай Пракашн).

148. समर लोक (पत्रिका). भोपल: अंक 1, अप्रैल-जून, 2006. – पृ. 96 (Самар лок (патрика). – Бҳопал: анк 1, апрайл-ҷӯн).

149. समर लोक (पत्रिका). भोपल: अंक 2, जुलाई-सितम्बर, 2005- पृ. 96 (Самар лок (патрика). – Бҳопал: анк 1, ҷулай-ситамбар).

150. समर लोक (पत्रिका). भोपल: अंक 3, अक्टूबर-दिसम्बर, 2004. – पृ. 96 (Самар лок (патрика). – Бҳопал: анк 1, актубар-дисамбар).

151. समर लोक (पत्रिका). भोपल: अंक 3, अक्टूबर-दिसम्बर, 2005. – पृ. 96 (Самар лок (патрика). – Бҳопал: анк 1, актубар-дисамбар).

152. समर लोक (पत्रिका). भोपल: अंक 3, अक्टूबर-दिसम्बर, 2006. – पृ. 96 Самар лок (патрика). – Бҳопал: анк 1, актубар-дисамбар).

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Латифов, А.Д. Мақоми зан дар ҳикояи «Шинохти хеш»-и Меҳруннисо Парвиз [Матн] / А.Д. Латифов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2010. – № 3. – С. 177-180.

[2-М] Латифов, А.Д. Симои зан дар ҳикояи «Ид»-и Меҳруннисо Парвиз [Матн] / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2010. – № 7 (63). – С. 159-160.

[3-М]. Латифов, А.Д. Тасвири ҳаёти зани ҳинду дар ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ»-и Меҳруннисо Парвиз [Матн] / А.Д. Латифов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2011. – № 1 (63). – С. 152-154.

[4-М]. Латифов, А.Д. Тасвири ҳаёти деҳа дар ҳикояҳои «Кунҷи зинапояҳо» ва «Ид»-и Меҳруннисо Парвиз [Матн] / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016. – № 4/3 (203). – С. 165-168.

[5-М]. Латифов, А.Д. Меҳруннисо Парвиз – тарсимгари расму таомули рустоӣ [Матн] / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/3. – С. 242-245.

[6-М]. Латифов, А.Д. Меҳруннисо Парвиз – рӯзноманигор [Матн] / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/4. – С. 239-243.

[7-М]. Латифов, А.Д. Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз [Матн] / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – № 6. – С. 199-204.

[8-М]. Латифов, А.Д. Меҳруннисо Парвиз – намояндаи адабиёти навини ҳиндӣ [Матн] / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – № 5. – С. 253-258.